ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
КАФЕДРАИ УМУМИДОНИШГОҲИИ НАЗАРИЯИИ ИҚТИСОДӢ

КОМИЛОВ А.Қ., ОДИНАЕВ К.С.

# РАВАНДҲОИ МУОСИРИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

***Бо қарори Шӯрои илми методи донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои чоп тавсия гардидааст.***

**Душанбе – 2019**

УДК: 330(575.3)
ББК: 65.050.9
0-42

Муаллифон:

*Комилов А. Қ., Одинаев К.С.* равандҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ: назария ва амалия- Душанбе, “ ” 2019 -166 саҳ.

Муқарризон:

***Исайнов Ҳисайн Раҳимович*** *– д.и.и профессор, мудири кафедраи иқтисоди миллии ДМТ;*

***Султонов Зубайдулло*** *– д.и.и профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ;*

Дар монография масъалаҳои назариявии муҳоҷирати меҳнатӣ дар асоси омӯзиши назарияи мактабҳои неоклассикии муҳоҷирати меҳнатӣ, назарияи неоклассикии муҳоҷирати деҳот-шаҳр, назарияи девелопментии муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин дар монография сабабҳо, ангезаҳо ва омилҳои таъсиррасонандаи муҳоҷирати меҳнатӣ таҳлил карда шудааст. Дар таҳқиқоти муаллифи диссертатсия вазъи кунунии муҳоҷирати меҳнатӣ, тамоюли ҷараёни инкишофи он, таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва сохтори аҳолӣ, таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба захираҳои меҳнатӣ ва бозори дохилии меҳнат таҳлилҳо гузаронида шудааст. Муайян карда шудааст, ки интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ на ҳамавақт ба рушди устувори иқтисодӣ таъсир расонида метавонанд. Инчунин самтҳои афзалиятноки диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ пешниҳод гардида ҷанбаҳои институтсионалии он мавриди омузиш қарор дода шудаанд.

Китоб барои доираи васеи мутахасисони соҳаҳои иқтисодӣ,аспирантҳо, донишҷуён ва дигар кормандони соҳаи илмӣ ва барои корбарии мақомоти давлатии дахлдор пешбинӣ карда шудааст.

© Комилов А. Ќ, Одинаев К.С. 2019

**МУНДАРИҶА**

**САРСУХАН……………………………………………………………........3**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ...............................................................…….............6**

1.1.Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи муҳоҷирати меҳнатӣ..........6

1.2. Заминаҳои обективии муҳоҷирати меҳнатӣ.......................................29

1.3. Сабабҳо ва омилҳои муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ...............................44

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ИҚТИСОДӢ...............................................56**

2.1.Таҳлили тамоюли муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ..................................56

2.2.Таҳлили равандҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................………....70

2.3. Иртиботи мутақобилаи рушди иқтисоди миллӣ ва интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ.........................................................................80

**БОБИ 3. ҶАНБАҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ (НИҲОДИИ) ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ.......................103**

3.1. Принсипҳои асосии ташаккули механизми танзими равандҳои муҳоҷират.........................................................................................103

3.2. Механизми таъсиррасонии давлат ба равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои институтсионалии ...........119

3.3. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи таҷрибаи хориҷӣ...137

**ХУЛОСА..........……………………………………………………....151**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА…...………….....….……155**

# САРСУХАН

**Мубрамияти мавзӯъ**. Равандҳои муосири байналхалқӣ ва ҷаҳонишавӣ афзоиши равандҳои муҳоҷират, аз ҷумла, муҳоҷирати меҳнатиро муайян менамояд. Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз сарчашмаҳои ҳавасмандгардонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳам барои давлатҳои қабулкунанда ва ҳам барои давлатҳои содиркунандаи қувваи корӣ мебошад. Гузашта аз ин, имрӯз муҳоҷирати меҳнатӣ қисми ҷудонашавандаи равандҳои демографӣ ва иҷтимоии иқтисоди ҷаҳони муосир мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки муҳоҷират самти духела дорад. Аз як тараф ба такрористеҳсолкунӣ ва шуғли аҳолӣ таъсир расонида, сатҳи бекориро паст ё зиёд менамояд ва аз тарафи дигар муҳоҷират ба вазъи иқтисодию иҷтимоии мамлакат таъсир расонда, муҳоҷиронро ҳавасманд мекунад ё бозмедорад. Муҳоҷирати аҳолӣ ба тамоми зинаҳои таърихи инсоният хос мебошад. Аммо дар ҳар марҳала муҳоҷират гуногун зуҳур мекунад ва шакли гуногун гирифта ба натиҷаи гуногун оварда мерасонад. Муҳоҷирати аҳолӣ ба тағйироти миқдорӣ ва сифатии пайдоиш ва ҷорӣ намудани дастовардҳои нави илмӣ-техникӣ, навоварӣ, истеҳсолоти нав, воситаҳои нави иртибот ва тағйироти геополитикии хусусияти иҷтимоидошта, дучор мегардад.

Ҳамаи ин оид ба зарурияти таҳқиқоти илмии ин зуҳурот, коркарди роҳҳои нави омӯзиш ва муайян кардани механизми амалкунандаи танзими он, на танҳо дар доираи иқтисоди миллӣ, балки дар сатҳи байналхалқӣ шаҳодат медиҳад.

Қайд менамоем, ки имрӯзҳо муҳоҷират ва интиқоли пулии муҳоҷирон яке аз сарчашмаҳои афзоиши сатҳи зиндагии аҳолӣ дар раванди ҷорӣ намудани сиёсати самараноки муҳоҷират ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз ҳам як қатор масъалаҳои вобаста ба таҳлили назариявии мафҳум ва моҳияти муҳоҷират баҳсталаб боқӣ мондаанд. Вазъи муосири масъалаҳои дар боло зикргардида, далели нокофӣ будани омӯзиши илмӣ-назариявӣ ва

амалии мавзӯи таҳқиқшаванда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, инчунин сабаби мавзӯи зарурӣ гардидани масъала мебошад.

Ба масъалаи пайдоиш ва рушди муҳоҷирати аҳолӣ ва таҳқиқи назариявӣ-методологии он чандин асари муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ бахшида шудааст. Дар таҳияи назарияи муҳоҷират, муайянкунии омилҳо, ангезаҳо ва пайомадҳои мавҷудияти он олимони иқтисодшинос, демографҳо, ҷомеашиносон ва файласуфони ғарбӣ нақши муҳим доранд, ки машҳуртаринашон Р.Е. Билсборроу, Р. Барлау, Ҷ. Ҷексон, Д.Л. Ҷонсон, Файрлчайлд А., Ландри А., Люис, Т.Р. Малтус, У. Петерсон, Р.М. Прозеро, Е.Г. Равенштейн ва дигарон мебошанд. Аз олимони рус, ки дар ин самт корҳои назаррас анҷом додаанд, ба монанди Д.И. Валентей, М.Б. Денисенко, В.А. Ионтсев, В.М. Моисеенко, Б.С. Переведенсев, Л.Л. Рибаковский ва дигаронро қайд кардан ба маврид аст. Дар Тоҷикистон дар асарҳои илмии С.И. Исломов, Ф.С. Исломов, Д.О. Амонова, М.К. Кабутов, А. Бобоев, Х.У. Умаров, А.Г. Ҳоҷибаев, Т.Ҷ. Усмонова, П.Ш. Ҳакимов, Г.Н. Зокиров, М.Ш. Маҳмадбеков, З. Султонов, А.К. Комилов, Р. Улмасов ҷанбаҳои алоҳидаи муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифаанд.

Қобили зикр аст, ки масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар адабиёти илмии ватанӣ дар самти назариявӣ ва амалӣ ба таври нокофӣ омӯхта шудааст. Аксари муҳаққиқон ба омӯзиши ҷанбаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва демографии муҳоҷирати хориҷӣ таваҷҷуҳ кардаанд. То имрӯз дар Тоҷикистон таҳқиқоти муназзам ва комил доир ба тағйири макони зисти аҳолӣ ва кӯчишҳои нақшавие, ки то солҳои 90-уми асри гузашта аз ҷониби давлат роҳандозӣ шуда буданд, гузаронда нашудааст. Махсусан, дар асарҳои О. Коситов, Ф.С. Исломов ба ҷанбаҳои миқдории муҳоҷирати дохилӣ таваҷҷуҳ шуда бошад ҳам, вале таъсири он ба ҷараёни инкишофи равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ арзёбӣ нашудааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

## 1.1. Ҷанбаъҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи муҳоҷирати меҳнатӣ

Бо оғози гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро дар истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ касб намуд. Вале дар барбари он, идораи самараноки муҳоҷирати дохилии меҳнатӣ низ аҳаммият дорад.

Равандҳои муосири муҳоҷират бо шиддатнокии худ бо равандҳое, ки дар гузашта ба амал омадаанд, қобили муқоиса ва ташбеҳ нестанд. Афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ асосан аз сатҳи таъминот ба ҷойи кор ва даромадҳои он вобаста аст, яъне метавон гуфт, ки агар сатҳи таъминоти корӣ ва даромадҳои аҳолӣ баланд бошад, фаъолнокии муҳоҷирати аҳолӣ шаклҳои худро тағйир медиҳад.

Таълимот дар бораи муҳоҷират (дар қатори таълимот дар бораи таваллуд ва фавт) яке аз муҳимтарин қисмҳои таркибии илми ҷамъиятшиносӣ мебошад. Ин ба таъсири омилҳои зиёди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, этникӣ ва ғайра рабт дода мешавад. Аз соли 1885 – замоне, ки Е. Г. Равенштейн[1] «қонунҳои муҳоҷират»-ро таҳия намуд, дар манобеи илмӣ бо қотеият таълимот ва иттилоот дар бораи ҳаракати фазоии аҳолӣ ба пайдо шудан шурӯъ карданд.

Вобаста ба моҳияти мафҳумҳои «муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳаракати аҳолӣ» дар миёни олимон андешаи ягона вуҷуд надорад. Ҷанбаи маконии (демографии) ҳаракати аҳолӣ, тағйири макон кардани аҳолӣ аз лиҳози фазоӣ, физикӣ ё ҷуғрофиро ифода мекунад ва аз ҷанбаи иҷтимоии ҳаракати аҳолӣ, ки дар он тағйири мавқеи фард (масалан, тағйири шуғл) ба амал меояд, фарқ дорад.

---

[1]**Ravenstein,** E.G. (1885).The laws **of migration. J.** Roy. Stat. Soc. 48, pp.167- 227. Reprinted **in the Jiobbs-Merril reprint series** No.S-482.

Назарияи муосири муҳоҷират тавассути мактаби неоклассикии иқтисодӣ бунёд гузошта шудааст. Ҷ. Хикс дар асари худ «Назарияи музди меҳнат» дар чаҳорчӯбаи фарзияи классикии рафтори оқилонаи (ратсионалии) фард тағйири макон кардани қувваи кориро вобаста ба гуногунии байни кишварҳо дар пардохти меҳнат аз лиҳози назариявӣ дар сатҳи бузург асоснок намуд. Ташкили шароитҳо барои барқароршавии тавозун дар сатҳҳои музди меҳнат ва эътидоли бозори меҳнатро ӯ натиҷаи чунин тағйироти маконӣ медонист. Дар натиҷаи муҳоҷират пеш аз ҳама дар минтақаҳое, ки қувваи кории зиёд доранд, ин қувва камтар шуда, ҳамзамон захираҳои барзиёди меҳнатӣ ба минтақаҳои ба он ниёзманд интиқол дода мешуд. Сонияи, даромадҳои аҳолӣ махсусан аз ҳисоби интиқоли пулҳои муҳоҷирон нисбатан баробар мегардид.

Тибқи назарияи классикӣ ва неоклассикии иқтисодӣ фарқиятҳои байни мамлакатҳо дар сатҳи миллии музди меҳнати воқеӣ, ки аз рӯйи талаботи ҳудудии ҷойгиршавии қувваи корӣ муайян мешавад, сабаби аз нав тақсим шудани қувваҳои корӣ ва захираҳои меҳнатӣ мегардад. Ташаккул ва рушди ду ҷараёни макроиқтисодии ба ҳам алоқаманд ва мутақобил ба вуҷуд меояд, ки ҳолати тавозуни байналхалқиро ба вуҷуд оварда, дар сатҳи музди меҳнати воқеии иқтисодҳои миллии мутақобил ҳампоягиро ба вуҷуд меорад. Минтақаҳои қувваи кориашон нокофӣ, вале дорандаи сармояи барзиёд маъмулан сатҳи баланди музди меҳнат доранд. Ҳамзамон манотиқи дорандаи қувваи барзиёди корӣ сатҳи пасти музди меҳнат доранд.

Захираҳои меҳнатӣ тибқи қонуни «дасти ноаён»-и бозор барои худ истифодаи муфидро ҷустуҷӯ карда, кӯшиш мекунанд то ҳадди ниҳоии меҳнати худро босамар ба кор баранд.[2]

---

[2] Lewis W.A. Economic Development With Unlimited Supplies of Labour // The Manchester School of Economic and Social Studies. - 1976. - Vol. 22. - May. - pp. 34-53.
Todaro M.P. A Model of Labor Migration and Urban Employment in Less-Developed Country //American Economic Review. - 1969. - Vol. - 59. - № 1.

Дар натиҷа, асосан муҳоҷирати қувваи кории ғайриихтисосӣ аз мамлакатҳои (ҳудуди) сатҳи музди кориашон паст ба кишварҳои (ҳудуди) музди меҳнаташон баланд ба вуҷуд меояд. Ҳаракати сармоя аз давлатҳои музди меҳнаташон паст ба ҷараёни ҷавобӣ дучор мешавад. Чунин ҷараёни сармоя асосан бо интиқоли сармояи саноатии меҳнатталаб муайян мешавад ва дар радифи он муҳоҷирати мутахассисони баландихтисос сурат мегирад. Ин равиши усулӣ (методологӣ) аз бартарияти шарти (принсипи) зарурати иқтисодӣ сарчашма гирифта, бо ин восита «ғайриэҳсосӣ» будани навъи муҳоҷиратро ба сиёсати амалишавандаи муҳоҷират шарҳ медиҳад. Ин механизми неоклассикӣ, ки боиси тавозуни ҳолати макроиқтисодии меҳнат ва сармоя дар бозорҳои ҷаҳонӣ мешавад, дар расми 1.1.1. нишон дода шудааст.




Давлати дорои сатҳи пасти музди меҳнат        Давлати дорои сатҳи баланди музди меҳнат

**Расми 1.1.1 – Тартиби (механизми) неоклассикии нигоҳдории ҳолати мувозинат дар бозори ҷаҳонии сармоя ва меҳнат**

Аз лиҳози назариявӣ дар ҳолати омории мувозинат афзоиши холиси муҳоҷирати қувваи корӣ ва сели холиси сармоя дар ҳудуди муайян ба сифр баробар мебошанд. Аз ин нуқтаи назар, муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ ҳамчун раванди даврӣ, ки тағйирёбандагии аҳолии муҳоҷиршавандаро ҳамроҳ дорад, амалан аз сиёсати пешгирифтаи

муҳоҷират вобаста нест. Дар ҷаҳони комили неоклассикӣ раванди «баробаркунии нархҳои омилҳои истеҳсолӣ» амсилаи (модели) Хекшер-Олин) ниҳоят ба афзоиши конвергенси миёни сатҳи музди меҳнати ҳудуди таъйиншуда ва ҳудуди хориҷшавии муҳоҷирон сабаб мешавад.[3]

Фарзияи комилият амсилаи неоклассиконро хеле абстрактӣ карда, мафҳуми воқеии таъсири муҳоҷиратро ба ҷомеаҳои донори муҳоҷирон дода наметавонад. Бо вуҷуди ин, олимону сиёсатмадороне, ки муҳоҷиратро ҳамчун воситаи рушди ҷомеаи донор ҳифз мекунанд, дар маҷмӯъ муҳиммияти интиқоли пулҳоро, ки дар рушди иқтисоди маҳал, минтақа ва давлат нақши муҳим доранд, эътироф мекунанд.

Назарияи неоклассикии муҳоҷират муҳоҷирати деҳотӣ-шаҳриро ҳамчун қисми таркибии раванди қонуние медонад, ки тавассути он захираҳои барзиёди меҳнатии ҳудуди деҳот ба истеҳсолоти саноатии шаҳр ҷалб мешаванд.[4] Бо таҳлили ин санади таърихи иқтисод, ки тибқи он рушди иқтисодӣ маъмулан ба кӯчиши тадриҷӣ ва тӯлонии агентҳои иқтисодӣ аз истеҳсолоти кишоварзии деҳот ба бахши саноатии шаҳрҳо рабт дода мешавад, назарияи неоклассикии муҳоҷират ба назарияи «рушдиҳии (девелопменталистӣ)»-и саноатикунӣ (Developmentalist Theory) мепайвандад.[5]

Аз рӯйи гурӯҳбандӣ таҳаввулоти аз нуқтаи назари илмӣ вобаста ба арзёбии таъсири муҳоҷират ба ташаккули иқтидори рушди устувори идорашавандаро метавон дар чаҳор марҳила тақсим намуд (ҷадвали 1.1.1.)

---

[3] Harris J.R., Todaro M.P. Migration, unemployment and development: A two-sector analysis. American Economic Review, 1970, 60:126-42. Lewis W.A. Economic Development with Unlimited Supplies of Labour. Manchester School of Economic and Social Studies, 1954, 22:139-91. Schiff M. How Trade, Aid, and Remittances Affect International Migration. Washington: World Bank, International Economics Department, 1994.

[4]Lewis, W. Arthur.Economic Development with Unlimited Supplies of Labour," Manchester School, 1954, 22: 139-191.

[5] De Haas, Hein: Migration and Development: A Theoretical Perspective, Bielefeld: COMCAD, 2007 (Working Papers – Center on Migration, Citizenship and Development; 29).

**Ҷадвали 1.1.1. Марҳилаҳои асосии рушди таҳқиқоти алоқамандии муҳоҷират ва рушд дар якҷоягӣ бо сиёсат**

| Давра | Тавсифи таҳқиқот | Муқаррароти сиёсӣ |
|---|---|---|
| То соли 1973 | Хушбинӣ нисбат ба таъсироти мутақобилаи рушд ва муҳоҷират | Хушбинии рушд, интиқоли сармоя ва дониши муҳоҷирон барои гузариши давлатҳои дар ҳоли рушд ба зинаи рушди устувор мусоидат мекунад |
| 1973 – 1990 | Рӯҳафтодагӣ (пессимизм) нисбат ба таъсироти мутақобилаи рушд ва муҳоҷират (рӯҳафтодагии рушддиҳанда) | Шаккокии афзоянда. Ба назар гирифтани таваккалҳои афзоянда, «фирори ақлҳо» ва ҳамгиройии муҳоҷирони бозгарданда |
| 1990 - 2001 | Назарияи иқтисоди нави муҳоҷирати меҳнатӣ, равиши таъмини зиндагӣ, фаромиллатгаройӣ (транснатсионализм) | Шаккокии устувор; устувор кардани сиёсати муҳоҷират |
| Баъди соли 2001 | Афзоиши интишороти гуногун, аммо асосан муносибати мусбидошта, ба алоқамандии рушд ва муҳоҷират | Сели афзояндаи интиқолҳои пулии муҳоҷирон ба ватани худ ҳамчун манбаи сармоягузорӣ ба иқтисодҳои дар ҳоли рушд дониста мешавад. Пасандозҳои диаспораҳои миллӣ дар иқтисодҳои рушдкарда низ ҳамчун манбаи сармоягузорӣ шинохта мешавад |

Дар давраи рушди (девелопменталистии) солҳои 1950–1960 чунин ҳисобида мешуд, ки тавассути сиёсати бузурги саноатикунӣ иқтисодҳои

заиф метавонанд дар заминаи навкунии саноати навбаромад (модернизатсияи неосаноатӣ) ба самти пешравандаи рушди иқтисодӣ гузаранд. Дар ин давра муҳоҷирати меҳнатии оммавии бузурги аҳолӣ аз кишварҳои дар ҳоли рушд ба кишварҳои мутараққӣ мушоҳида шуд. Ҳукуматҳои давлатҳои дар ҳоли рушд фаъолона ба муҳоҷиршавии аҳолӣ мусоидат карданд, зеро онро воситаи асосии мусоидаткунанда ба рушди давлат медонистанд.

Бо вуҷуди ин, онҳо истилоҳоти «муҳоҷири иқтисодӣ» ва «муҳоҷири меҳнатӣ»-ро аз ҳам фарқ мекарданд. Истилоҳи «муҳоҷири меҳнатӣ» нисбати он нафароне истифода мешавад, ки барои дарёфти ҷойи пешниҳодкунии қувваи кории худ муҳоҷир шудаанд ва ҳамчун коргарони кироя фаъолият мекунанд. Дар ҳоле, ки «муҳоҷири иқтисодӣ» дар мавриди нафароне истифода мешавад, ки ё ба маънии маҳдуд ба истилоҳи «муҳоҷири меҳнатӣ» ҳамвазнанд ё ба маънии васеи истилоҳ нафароне ҳастанд, ки бо мақоми молик (сармоягузор) ё соҳибкори ташкилкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ муҳоҷир шудаанд.

«Хушбинҳои рушдиҳандаи (девелопменталистии) муҳоҷират» майл ба ин андеша доранд, ки муҳоҷират боиси интиқоли сармоя шуда, ғояҳои демократиро вориди ҷомеаҳои анъанавӣ мекунад. Аз ин нуқтаи назар, муҳоҷирони бозгашта, ҳамчун захираи навгонии (модернкунӣ) муҳимме қабул мешавад, ки дорои ғояҳои нав ва сармояи ибтидоии ҳамроҳ бо таҷриба ва кордонӣ мебошад.

Ҷонибдорони равияи неоклассикӣ муҳоҷиратро ҳамчун раванди мусбӣ баррасӣ мекунанд. Дар амсилаи (модели) назариявии рушди мутавозин муҳоҷират аз ҷониби онҳо чун падида қабул мешавад, ки барои тақсимоти беҳтарин омилҳои истеҳсолӣ мусоидат мекунад ва некуаҳволии мардумро баланд мебардорад. Аз ин мавқеъ аз деҳот ба шаҳрҳо (дар доираи марзҳои давлатӣ) тақсим кардани қувваи корӣ шарти муҳимтарини рушди иқтисодӣ ва дар умум, рушди устувор арзёбӣ мешавад. Гардиши озоди қувваи корӣ дар муҳити бозор дар ниҳоят, чунон

ки интизор меравад, бояд ба норасоии қувваи корӣ ва ҳамин тавр бештар маҳдуд шудани бозтавлиди қувваи корӣ ва баланд шудани музди меҳнат дар ҳудуде шавад, ки қувваи корӣ аз он хориҷ шудааст.

М. Тодаро ва Ҷ. Харрис амсилаи (модели) бунёдиеро бо ду бахши муҳоҷирати меҳнатии деҳотӣ-шаҳрӣ таҳия карданд. Ин амсилаи (модели) Харрис-Тодаро воситаи таҳлилии назарияи неокласcикии муҳоҷиратро пешниҳод кард. Он сабаби зиддияти доимии муҳоҷирати деҳотӣ-шаҳриро новобаста аз афзоиши сатҳи бекорӣ дар шаҳрҳо тавзеҳ дод. Харрис ва Тодаро мегуфтанд, барои он ки ин падида дарк шавад, бояд равиши неоклассикии анъанавӣ, ки дар фарқиятҳои сатҳи музди меҳнат асос меёбад, такмил дода шавад: «Бояд тафриқасозии «чашмдоштӣ»-и даромадҳои деҳот ва шаҳр, яъне тафриқасозии даромадҳо, ки мутобиқи эҳтимоли пайдокунии ҷойи кор дар шаҳр оварда мешавад, ба назар гирифта шавад».[6]

Онҳо чунин меҳисобиданд, ки даромади эҳтимолӣ на танҳо аз даромади воқеӣ (ё миёна) дар ҳудуди қабулкунандагон, балки аз эҳтимоли машғул будан ба кор низ вобаста аст. Тахмин меравад, ки айни ҳол фарқ дар даромадҳои деҳа ва шаҳр хеле баланд боқӣ мемонанд ва барои бартарафсозии хатари бекорӣ «дилгармӣ ба даромадҳои баланди доимӣ сели анбӯҳи муҳоҷиронро аз деҳот ба бор меорад».[7] Дертар амсилаи (модели) Харрис-Тодаро бо дарназардошти воқеиятҳои нав такмил карда шуд.[8] Вориди таҳлил шудани дигар омилҳо дар қатори бекорӣ, ки ба афзоиши даромади эҳтимолӣ таъсир мекарданд ва дар натиҷаи муҳоҷират дастрас мешуданд, дучори тағйирот гардиданд. Даромади эҳтимолӣ дар шакли нисбатан баланди музди кор бояд чунин омилҳое, монанди

[6]Harris J. R., Todaro M. P. Migration, unemployment and development: two sector analysis. American Economic Review, v. 15, p. 126-142, Mar. 1970. p. 138.

[7]Todaro M.P. A model of labor migration and urban unemployment in less-developed countries.American Economic Review 59. 1969. - P. 147.

[8] Bauer T., Zimmermann K. Causes of International Migration: A Survey // Crossing Borders: Regional and Urban Perspectives on International Migration / Ed. by P. Gorter, P. Nijkamp, J. Poot. Aldershot :Ashgate, 1998. Pp. 95–127.

хароҷоти муҳоҷират, масраф барои роҳ, бекории муваққатӣ дар ҳудуди давлати қабулкунанда ва хароҷоти равонии (психологии) муҳоҷират тавозӣ шаванд.

Минбаъд Г. Борджес[9] ақидаи бозори байналмилалии муҳоҷиратро пешниҳод кард, ки дар он муҳоҷирони эҳтимолӣ интихоби ҳудуди таъйиншударо асос мегузоранд, ки аз арзёбиҳои фардии тафриқасозии «хароҷот-фоида» сарчашма мегирад. М. Тодаро ва Л. Маружко дар заминаи амсилаи (модел) бунёдии Харрис-Тодаро амсилаи (модел) муҳоҷирати ғайриқонунии байналмилалиро бо эҳтимоли дастгир ва рондани (депортатсия) муҳоҷирони ғайриқонунӣ таҳия карданд.[10]

Дар доираи назарияи классикӣ амсилаи (модел) ҳадди аксарсозии фоида аз ҷониби акторҳои сатҳи поён ҷудо карда мешавад. Амсилаҳои (модел) мазкурро ба синфи биховериалӣ, ки рафтори акторро ба назар мегирад, дохил кардан мумкин аст. Дар шароити бозор озодии интихобро татбиқ намуда, онҳо ба ҷое меравнд, ки маҳсули бештар дошта бошанд ва барои меҳнати худ подоши баландтаринро дарёфт карда тавонанд. Коргар дар ҳоле тасмими муҳоҷират мегирад, ки даромадҳо аз муҳоҷират аз масрафот барои он бештар бошанд ва мамлакатеро (ҳудудеро) интихоб мекунад, ки дар он ҷо бештарин фоидаро ба даст овардан имконпазир бошад.

Назарияи неоклассикӣ, ҳамчунин тасдиқ мекунад, ки ҷараёнҳои муҳоҷиршавӣ наметавонанд сирф дар сатҳи хурдтарин коргарони алоҳида ва омилҳои иқтисодии онҳо тавзеҳ дода шавад. Барои чунин ҳадафҳо бояд субъектҳои иҷтимоии сатҳи нисбатан баланд баррасӣ карда шаванд. Яке аз чунин субъектҳо хонашинӣ аст. Муҳоҷират метавонад ҳамчун натиҷаи қабул накардани таваккали камшавии даромади эҳтимолӣ аз ҷониби соҳибхонаҳо бошад. Рӯзгордорӣ ба даромадҳои пулии иловагие эҳтиёҷ

---

[9]Borjas G. J. Economic Theory and International Migration. International Migration Review, Vol. 23, No. 3.
[10]Todaro M.P., Maruszko L. Illegal migration and US immigration reform: A conceptual framework. Populationanddevelopmentreview, 1987, 13:101-14.

дорад, ки манбаи он метавонад интиқолҳои пулии аъзои оила, яъне муҳоҷирон бошад. Ин интиқолҳо дар умум метавонанд ба иқтисодҳои миллии дар ҳоли рушд самараи макроиқтисодӣ расонанд.

Маъмулан назарияи неоклассикии иқтисод барои тавзеҳи муҳоҷирати байналхалқӣ истифода мешавад. Вале истифодаи он барои шарҳи муҳоҷирати дохилӣ ҳам коромад аст. Ин ба он хотир муҳим аст, ки муҳоҷирати дохилӣ нисбат ба хориҷӣ камтар дучори танзими давлатӣ мешавад. Дар замони муосир назарияи неоклассикии муҳоҷират метавонад дар тавзеҳи равандҳои муҳоҷиршавӣ ба Иттиҳоди Аврупо истифода шавад, зеро ин равандҳо низ камтар дучори танзими давлатӣ шудаанд.

Дар натиҷаи бештар шудани далелҳои хаёлпарастӣ (эмпирикӣ), ки дар чаҳорчӯбаи назарияи неоклассикӣ тавзеҳи онҳо номумкин аст, набзе дар рушди воситаи бунёдии назарияҳои нав ба вуҷуд омад. Аз ҷониби олимон маҳдудаҳои асосии назарияи неоклассикӣ, ки воқеиятро аз ҳад зиёд кӯчак намуддор мекарданд, бо диди танқидӣ таҳлил шуданд: мавҷудияти маълумоти комилу дақиқ, ки ба фардҳо имкон медиҳад тасмими дурусти ақлӣ бигиранд; рад кардани бекорӣ ва хароҷоти муҳоҷират аз ҷониби неоклассикҳо.

Асосан тавзеҳи дигаргунаи муҳоҷират бо ҳолати солҳои 1960 тавассути зуҳуроти (парадигмаи) таърихӣ-сохтории рушд пешниҳод карда шуд, ки пайдоиши он аз иқтисоди сиёсӣ ва назарияи низомҳои ҷаҳонии марксизм (world systems theory) сарчашма мегирад.[11] Назарияи муосири таърихӣ-сохторӣ дар ҷавоб ба равишҳои амалигардӣ (функсионализм) ва рушдиҳанда (девелопментализм)-модернизми рушд (developmentalist-modernizationist) пайдо шудааст. Равиши таърихӣ-сохторӣ пешбинӣ мекунад, ки ҳокимияти иқтисодӣ ва сиёсӣ дар давлатҳои рушдкарда ва рушди заифдошта, нобаробар тақсим шудааст ва инсонҳо ба захираҳо

---

[11]CastlesS, MillerMJ. The Age of Migration.Houndmills, Basingstoke, Hampshire and London: MacMillan Pres ltd. 2003.

дастрасии нобаробар доранд ва тасарруфи капиталистӣ ин нобаробариро бештар тақвият медиҳад.

Кишварҳои камтараққӣ ба ҷойи пешравии тадриҷӣ дар иқтисод ба доми ниҳодии муассисаҳои номутараққӣ ва мавқеи вобаста дар сохтори ҷаҳонии геополитикӣ банд мешаванд. Чун дигар илмҳои иҷтимоӣ таҳқиқот вобаста ба муҳоҷират дар сохторгаройи (структурализми) таърихӣ дар солҳои 1970 ва қисмати бештари солҳои 1980 афзалият дошт. Сохторгароҳои таърихӣ назарияи муҳоҷиратро ҳамчунон таҳия накарданд, вале муҳоҷиратро чун пайомади табиии вайронӣ ва беҷошавиҳое медонанд, ки ҷузъи ҷудонопазири раванди таҷаммӯи капиталистӣ мебошад. Онҳо муҳоҷиратро чун яке аз зуҳуроти бисёри нобаробарии сохти капиталистӣ шарҳ медиҳанд.[12] Мактаби тобеият[13] муҳоҷиратро на танҳо раванде медонист, ки ба иқтисоди давлатҳои камтараққӣ таъсири харобиовар дорад, балки яке аз сабабҳои ақибмондагӣ арзёбӣ мекард, на роҳи пешрафт.

Назарияи низомҳои ҷаҳонии[14] Э. Валлерстайн мамлакатҳоро бо сатҳи вобастагӣ ва фарқиятҳояшон аз «ҷавҳар»-и капиталистии миллатҳое, ки милали «нимамузофотӣ», «музофотӣ» ва берун аз низоми сармоядорӣ аз онҳо пайравӣ мекунанд, тасниф кардааст. Ба ҷойи ҳаракат кардан ба самти муқобили равиши сармоя, ки назарияи неоклассикӣ пешгӯйӣ мекунад, кор бо равиши сармоя меравад.

Назарияи низомҳои ҷаҳонӣ муҳоҷиратро тавассути призмаи пешомадҳои ҷаҳонишавӣ баррасӣ мекунад.[15] Ӯ шарҳ медиҳад, ки таъсироти мутақобил миёни ҷамъиятҳои мухталиф метавонад омили муҳимми тағйирот дар ҷомеа бошад. Рушди робитаҳои тиҷоратии хориҷӣ

---

[12] Massey DS, Arango J, Hugo G, Kouaouci A, Pellegrino A, Taylor JE. 1998. Worlds in motion: Understanding international migration at the end of the millennium. Oxford: Clarendon Press. - P. 36.

[13] Frank AG. 1966a. The Development of Underdevelopment. Monthtly Review September 1966

[14] Wallerstein I. 1974. The Modern World System I, Capitalist Agriculture and the Origins of the European World Economy in the Sixteenth Century. New York: Academic Press

[15] Sassen S. The Mobility of Labor and Capital: A study in international investment and labor flow. Cambridge: Cambridge University Press, 1988.

бо як кишвар, ки боиси рукуди иқтисоди кишвари дигар мешавад, боиси муҳоҷиршавӣ ба кишварҳои рушди иқтисодашон динамикӣ гардад. Қобили зикр аст, ки пас аз сипарӣ шудани давраи мустамликадорӣ ҳам вобастагии иқтисодии мустамликаҳои собиқ ба мустамликадорони собиқи худ боқӣ мондааст. Ин дидгоҳи марбут ба тиҷорати байналхалқӣ баҳсталаб боқӣ мемонад, вале тиҷорати озод амалан метавонад муҳоҷиратро миёни давлатҳои дар ҳоли рушд ва мутараққӣ кам кунад. Гуфтан мумкин аст, ки давлатҳои рушдкарда, маҳсулоти меҳнатталабро ворид мекунанд, ки боиси машғул будани коргарони беихтисос дар кишварҳои камтараққӣ ва дар ниҳоят коҳиши муҳоҷират мешавад. Содироти маҳсулоти сармояталаб аз кишварҳои сарватманд ба мамолики фақир низ сатҳи даромадҳо ва машғулиятро баланд карда, муҳоҷиратро ҳам суст мекунад. Дар ҳар сурат, ин назария метавонад дар тавзеҳи муҳоҷират миёни кишварҳои аз лиҳози ҷуғрофӣ аз ҳам дур истифода шавад.[16]

Тӯли панҷ даҳсола арзёбии таъсири муҳоҷират ба рушди кишварҳои қабулкунанда ва мамлакатҳои донори муҳоҷирон масъалаи баҳсии доимӣ шуда буд. Дар ин баҳсҳо ду равиши тунди ба ҳам мухолифро мушоҳида кардан мумкин аст: назарияи «рушди баробарвазн» муқобили назарияи «рушди ассиметрӣ». Номҳои дигари ин назарияҳо: «хушбинони муҳоҷират» ва «рӯҳафтодагони муҳоҷират» мебошанд.[17]

Ҷадвали 1.1.2 тасаввуроти мухолифро дар бораи ин мактабҳо арзёбии муҳоҷират ва рушд ҷамъбаст мекунад. Хушбинон асосан аз арзёбии неоклассикии муҳоҷират ва назарияи навсозии (модернизатсия) рушд, ки бо зуҳуроти (парадигмаи) функсионалӣ дар назарияи иқтисод алоқамандӣ дорад, бахра гирифтаанд. Новобаста ба фарқиятҳо миёни равишҳои неоклассикӣ ва таҷрибавӣ фаҳмиши ин ки муҳоҷират ба кишварҳои

[16]Jennissen R. Causality Chains in the International Migration Systems Approach. Population Research and Policy Review 26(4). 2007. P.411 – 36.
[17]Taylor J.E. 1999.The new economics of labour migration and the role of remittances in the migration process. International Migration 37:63-88.

донори муҳоҷирон асосан таъсири мусбат дорад, онҳоро ба ҳам муттаҳид мекунад. Интизор мерафт муҳоҷират сармоя (интиқоли пулҳо) ва донишҳоро ба вуҷуд меорад, ки истифодаашон минбаъд сабаби рушду навсозӣ мешавад. Муҳоҷирони бозгашта, нақши фаъоли рушди иқтисодро иҷро мекунанд. Аксари рӯҳафтодагон (неомарксистҳо) назарияи сохтангаройӣ ва фарзияи вобастагӣ аз низоми ҷаҳониро пайравӣ мекунанд. Дар умум, равиши сохтангаройӣ ба муҳоҷират ва рушд муҳоҷиратро ҳамчун падидаи манфие тавсиф мекунад, ки боиси ақибмонии иқтисодии ҷомеаҳои донори муҳоҷирон дар оянда мешавад.

**Ҷадвали 1.1.2. Тасаввуроти мухолиф дар бораи муҳоҷират ва рушд**

| **Хушбинони муҳоҷират** | ↔ | **Рӯҳафтодагони муҳоҷират** |
|---|---|---|
| Амалгароён | ↔ | Сохтангаройён |
| Равиши неокласикӣ | ↔ | Равиши неомарксистӣ |
| Навкунӣ | ↔ | Вайроншавӣ |
| Табодули мусбати шимол-ҷануб | ↔ | Табодули мусбати ҷануб- шимол |
| Зиёд шудани шумораи коргарони ихтисосманд | ↔ | Кам шудани шумораи коргарони ихтисосманд |
| Баробарии бештар | ↔ | Нобаробарии бештар |
| Сармоягузорӣ шудани пулҳои интиқолшуда талабот | ↔ | Истифода шудани пулҳои интиқолшуда аз рӯйи |
| Рушд | ↔ | Вобастагӣ |
| Муҳоҷирати кам | ↔ | Муҳоҷирати зиёд |

Унсурҳои консепсияи сохторгаройии таърихӣ дар назарияи дуқисмаи бозори меҳнат (duall abour market theory)[18] мушоҳида мешаванд. Тибқи ин назария, бозори меҳнат ба ду қисм: аввалӣ (primary) ва дуюмӣ (secondary) ҷудо мешавад. Қисми аввалӣ бо истифодаи технологияҳои сармояталаб ва маҳсулоти ҳадди баланд фарқ мекунад; ба қисми дуюм

[18]Castles S., Miller M. J. The Age of Migration.Houndmills, Basingstoke, Hampshire and London: MacMillan Pres ltd. 2003.

бошад равандҳои истеҳсолии меҳнатталаб хос аст. Кормандони ихтисосманди қисми якум, ки дар истеҳсолоти технологияҳои баланд машғули коранд, нисбат ба коргарони беихтисоси қисми дуюм мақоми иҷтимоӣ ва музди кори нисбатан баланд ва ҳамчунин шароити кории хубтар доранд.

Назарияи дуқисмаи бозори меҳнат таъкид месозад, ки муҳоҷирони корӣ барои пур кардани «зинаҳои поёнӣ»-и зинаҳои иерархии шуғли бозори меҳнат лозиманд, ки аз падидаи «интизориҳои бекорӣ»-и коргарони резидентии мамлакатҳои пешрафта падид омадааст. Воқеан аксари муҳоҷирон дар ҳоли имрӯз коргарони камихтисос буда, аксарашон дар навбати худ мақоми расмии ҳузур дар давлатҳоро надоранд, ки боиси машғулияти ғайрирасмӣ ва созишномаҳои махфӣ мешавад.[19] Мақоми ғайрирасмӣ бошад, сабабгори поймолшавии ҳуқуқи инсон мешавад.

Норасоии пешниҳодҳо дар қисми дуюми бозори меҳнат сабаби афзоиши музди меҳнат шуда, муҳоҷирати байналхалқиро боз ҳам ҷолибтар мекунад. Тағйироти вусъатноки технологии дар асри 21 рух дода, ки дар сохтори қувваи корӣ таҷассум мешаванд, ба он оварда мерасонад, ки коргарони кишварҳои нисбатан ақибмонда бо коргарони маҳаллӣ дар қисми якуми бозори меҳнат ҳам вориди рақобат мешаванд. Бисёр давлатҳои пешрафта, барои муҳоҷирсозии мутахассисони баландихтисоси соҳаи технология ба қаламрави худ кӯшиш мекунанд. Созмони Ҷаҳонии Меҳнат (The International Labour Organization) ба чунин натиҷа расидааст, ки аз 10 то 30% мутахассисони соҳаҳои мухталифи кишварҳои дар ҳоли рушд ба давлатҳои пешрафта ҳиҷрат кардаанд.[20] Дар баробари ин, қонунгузории Иттиҳоди Аврупо меъёрҳои

---

[19]International Migration and the Millennium Development Goals, SelectedPapers of UNFPA Expert Group Meeting. 2005. - URL: http://www.unfpa.org/webdav/site/global/shared/documents/publications/2005/migration_report_2005.pdf, свободный

[20]International Labour Organization, n.d. Factors on Labour Migration. - URL: http://www.ilo.org/wcmsp5/groups/public/---dgreports/---dcomm/documents/publication/wcms_067570.pdf, свободный

ҳуқуқиеро муқаррар кардааст, ки барои дар қаламрави он сукунат кардани муҳоҷироне, ки ба ширкатҳои маҳаллӣ сармоягузорӣ мекунанд, мусоидат менамояд.

Бандубасти бозори меҳнат муқаррар мекунад, ки муҳоҷирати байналмилалӣ бо омилҳои ҷалбкунӣ (pull factors) дар кишварҳои қабулкунанда муайян карда мешавад. Маҳз омили ҷалбкунӣ (махсусан дар ҳолати норасоии мутахассисон дар бозори меҳнати давлатҳои қабулкунанда) чун пештара ба миқдори равандҳои муҳоҷирати байналмилалӣ аз кишварҳои фақир ба давлатҳои сарватманд таъсири афзалиятнок дорад. Ҳадафмандона сохтани омилҳои ҷазбшавӣ дар сиёсати муҳоҷират, ки ба кам кардани хавфҳои транаксионӣ ва хароҷот ва сабуктар кардани монеаҳои маъмурӣ барои муҳоҷирон нигаронида шудааст, ба миқдори равандҳои муҳоҷират таъсири бузург мерасонад.

Дар илова, муҳоҷирати меҳнатии коргарони пастихтисоси ин шарҳ метавонад дар дигар навъҳои муҳоҷират низ, ки дар сиёсати муҳоҷират эҳсос мешаванд, истифода шавад. Вазъи бозори меҳнат, чунон ки ҷонибдорони бандубасти бозори меҳнат таъкид медоранд, на танҳо бевосита ба сиёсати муҳоҷират таъсир мерасонад, балки бавосита низ тавассути тафаккури ҷомеа ба ин сиёсат таъсир мекунад. Расми 1.1.2. омилҳои ҷалбкуниро, ки миқёс ва шиддати сели муҳоҷиршавиро, ки дар сиёсати муҳоҷирати ҳукумати давлатҳои қабулкунанда эҳсос мешаванд, нишон медиҳад.

Се унсури болоии нақша ва алоқаҳои сабабии онҳо назарияи бандубасти бозори меҳнатро ифода мекунанд, ки омилҳои ҷалбкунии коргарони пастихтисосро тавсиф мекунад. Ин амсила дар дигар навъҳои муҳоҷират ҳам, ки ба сиёсати муҳоҷират таъсиргузор мебошанд, дохил мешавад, аз ин рӯ ба нақша «ноқаноатмандии иҷтимоӣ» низ ворид шуд. Таъсири бевоситаи бекорӣ ба сиёсати муҳоҷират бештар барои муҳоҷирати меҳнатии пастихтисос аҳаммияти бештар дорад, масалан, дар муқоиса бо муҳоҷирати оилавӣ ё этникӣ аз Аврупои Шарқӣ ба Ғарбӣ.




**Расми 1.1.2 - Амсилаи муҳоҷират, ки ба сиёсати муҳоҷират таъсир мерасонад**

Чунон ки таҳқиқоти навтарин нишон медиҳанд, ҳоло қонуниятҳои неоиндустриалии дар иқтисодҳои рушдкарда роҳандози шуда, сабаби ба давлатҳои пешрафта муҳоҷир шудани коргарони баландихтисос мешаванд. «Фирори ақлҳо», ки муҳоҷиршавии мутахассисонро дар назар дорад, таъсири омилҳои хориҷиро ҳангоми афзоиши зичии аҳолӣ ва фароҳам шудани сармояи инсонӣ собит месозад.

Дар илми демография мафҳуми муҳоҷират ба маънии иваз намудани макони зисти аҳолӣ бо убури марзҳои давлатӣ ё ҳудудҳои маъмурӣ фаҳмида мешавад, ки бештари вақт бо ивазкунии макони зисти доимӣ якҷоя сурат мегирад. Дар ин ҷо ҳам фосила (ҷанбаи фазоӣ) ва ҳам шакли муҳоҷират ба назар гирифта мешавад.

Муҳоҷират ва ҳаракат табиати мухталиф доранд. Ҳаракати аҳолӣ бо убури марзҳои давлатӣ ва марзҳои ҳудудҳои маъмурӣ-ҳудудӣ қариб дар ҳама ҷо ба мушоҳида мерасад. Тасниф кардани ҷойивазкунии аҳолӣ дар дохили ТМҲ нисбатан душвор аст. Агар фард аз як шаҳр ба шаҳри дигари дохили як вилоят ё аз як ноҳия ба ноҳияи дигари дохили як шаҳр кӯчад, пас ин раванд чӣ гуна тасниф мешавад, ҳамчун муҳоҷират ё ҳаракати маҳаллӣ?

Уейнберг А.А. навиштааст: «Муҳоҷирати аҳолӣ–тағйири доимӣ ё муваққатии макони зист (ба муҳлати нисбатан зиёд, масалан дар вақти

кори мавсимӣ) мебошад. Ба таври рамзӣ аз як ҷо ба ҷойи дигар гузаштани инсон дар давраи ҳаёташ маҳз ҳамин аст».[21]

Таърифи дигар аз ҷониби Ҷ. Мангалам чунин дода шудааст: «Муҳоҷират»-нисбатан доимӣ ҳузур надоштани фард ё гурӯҳи инсонҳост, яъне муҳоҷир аз як макони ҷуғрофӣ ба дигар макон мекӯчад. Заминаи ин кӯчиш тасмими муҳоҷир дар асоси тартиботи иерархии низоми арзишҳо ва дар натиҷаи тағйироти баамаломада дар низоми муҳоҷирати ҷаҳонӣ падид меояд».[22]

Тибқи таърифе, ки дар фарҳанги демографии Иттифоқи байналмилалии омӯзиши илмии аҳолӣ (IUSSP) оварда шудааст, «Муҳоҷират»-шакле аз ҳаракати фазоист, ки ба тағйири ҷойи зист бо убури марзҳои давлатӣ ё маъмурӣ вобаста аст. Тағйири ҷойи зист маъмулан доимӣ ё муваққатӣ сурат мегирад.

Чунон ки мушоҳида мешавад, бештари таърифҳо ба ҳамдигар монандӣ доранд ва фарқиятро миёни ҳаракат ва муҳоҷирати аҳолӣ дақиқан муайян кардаанд. Масалан, кӯчишҳои ҳаррӯзаи даврагӣ бо убури марзҳои маъмурию давлатӣ аз ҷониби аҳолӣ муҳоҷират ба ҳисоб намеравад, зеро бо вуҷуди убури марз тағйири макони зисти доимӣ ба амал намеояд, ки ин ба таърифҳои додаи муҳоҷират мувофиқ нест.

Ҳаракати завраққо дар дохил ё хориҷи марзҳои давлат, сафарҳои сайёҳӣ ва амсоли инҳо низ аз ҷумлаи чунин шакли тағйири макон кардани аҳолӣ мебошанд. Дар умум, метавон гуфт, ки ҳама гуна муҳоҷират худ ҳаракат аст, вале на ҳама ҳаракат муҳоҷират аст, зеро дар ҳаракат яке аз шартҳои дар таърифи муҳоҷират овардашуда, иҷро намешавад.

Дар мақомоти Тоҷикистон, ки сиёсати муҳоҷиратро муайян мекунанд, мафҳуми «муҳоҷирати дохилӣ» ба маънии кӯчиши ихтиёрии аҳолӣ ё тағйири макон кардани мардуми таҳти таъсири равандҳои экзогенибуда,

[21] Weinberg, A. A. (1961). Migration and belonging: a study of mental health and personal Adjustment in Israel. The Hague., pp. 265-6.
[22]Mangalam, J. J. (I%8). Human migration: a suide to migration literature in linalish 1955-1962. KgLexington., p. 8.

фаҳмида шуда, «муҳоҷирати хориҷӣ»-ро муҳоҷирати бебозгашт ва муҳоҷирати меҳнатии хориҷии аҳолӣ меҳисобанд. Вале ин равиши маҳдуд нисбат ба муҳоҷират аст, зеро ҳама навъҳои муҳоҷират, чӣ дохилӣ ва чӣ хориҷиро дар бар намегирад. Тавзеҳи нисбатан васеъ ба чунин тарз дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» дода шудааст: «Муҳоҷират-ҷойивазкунии бебозгашт, муваққатӣ ва инчунин мавсимии шахсони воқеӣ дар дохил ва берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад».[23] Ин таъриф на ҳама навъҳои муҳоҷиратро дар бар мегирад.

Ҳоло кӯшиш мекунем, ки муҳоҷиратро бо таърифи худ тавзеҳ диҳем, ки дар шароити иқтисоди гузаришӣ ҳама навъҳои он, аз ҷумла муҳоҷирати расмӣ, ғайрирасмӣ, дохилӣ ва ҳам хориҷиро фаро гирад.

«Муҳоҷирати аҳолӣ ҳаракати фард ё оммаи мардум аст, ки дар рафти он убури марзҳои маъмурӣ ё давлатӣ бо ивазшавии минбаъдӣ (бақайдгирӣ) ё ивазнашавии (бидуни бақайдгирӣ)» ҷойи истиқомат ба амал меояд. Бо такя ба ин таъриф метавон гуфт шумораи муҳоҷирон зиёд мешавад, зеро дар таърифи мо муҳоҷирони ғайриқонуние, ки дар ҷойи будубоши худ муддати нисбатан тӯлонӣ ва муваққатӣ, бидуни бақайдгирӣ зиндагӣ мекунанд, ба назар гирифта шудаанд.

Аз ин таърифи муҳоҷират таърифи муҳоҷир низ ба вуҷуд меояд: «Муҳоҷир-фардест, ки расмӣ ё ғайрирасмӣ марзҳои давлатӣ ё маъмуриро убур мекунад ва дар маҳалли бубудоши худ ба муҳлати номуайян бо тағйир ё бе тағйири ҷойи истиқомати доимии худ сукунат мекунад». Дар бораи шаклҳо ва намудҳои муҳоҷират асарҳои бисёре таълиф шудаанд. Козинский ва Прозеро бо ҷамъ кардани андешаҳои олимон таснифи нисбатан густурдаи шаклҳои муҳоҷиратро сохтанд: «Муҳоҷират бояд аз рӯйи меъёрҳо ва натиҷаҳои гуногун баррасӣ шавад. Муҳоҷиратро ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: вобаста ба давмонокӣ (доимӣ ва муваққатӣ); вобаста ба фосила (дур ва наздик); вобаста ба убури марзҳо

[23] Закон Республики Таджикистан «О миграции», №881, от 11.12.1999, Маджлиси Оли РТ и о внесении изменений и дополнении к Закону РТ «О миграции», №3 I. от 10.05.2002 г. Закон РТ

(дохилӣ ва хориҷӣ); вобаста ба ҷалбшавӣ (миёни маҳалҳо, вилоятҳо ва давлатҳо); вобаста ба тасмимгириҳо (ихтиёрӣ, маҷбурӣ, бо истифодаи қувва); вобаста ба шумори ҷалбшудагон (фард, омма); вобаста ба сохтори иҷтимоии муҳоҷирон (оила, гурӯҳ, фард); вобаста ба ташкилоти сиёсии муҳоҷират (сарпарастӣ, озод); вобаста ба сабабҳо (ангезаҳои иқтисодӣ ва ғайра); вобаста ба ҳадафҳо (инноватсионӣ, консервативӣ)».[24] Чунин равиш имкон медиҳад, ки ҳама намуди муҳоҷират фаро гирифта шавад.

Чунонки аз нишондоди китобҳо бармеояд, намудҳои асосии муҳоҷират ихтиёрӣ, доимӣ, кӯчидани паноҳандагон, кӯчиши дохилии ашхос, маҷбурӣ, муҳоҷирати меҳнатии мавсимӣ ё доимӣ мебошанд. Муҳоҷирати паёпай дар ҳар сурат ҳаракат маҳсуб мешавад, зеро дар он яке аз шартҳои муҳоҷират-ивазшавии ҷойи доимии истиқомат ба таври доимӣ ё муваққатӣ ба амал намеояд.

Равиши дигар ба таснифи муҳоҷират омилҳое мешаванд, ки сабаби муҳоҷират шудаанд. Ошкор кардани омилҳое, ки ба рушди равандҳои муайян таъсир мерасонанд, дар муайян кардани сиёсати ин ё он соҳа бо роҳи бартарафсозӣ ё монеасозӣ ё ташкили шароити мусоид бо истифода аз равишҳои бевосита ё бавоситаи таъсиррасонӣ, ки натиҷаҳои манфиро ба мусбат табдил медиҳанд, нақши муҳим дорад.

Омилҳои ба муҳоҷирати аҳолӣ таъсиркунанда, метавонанд иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ, табиӣ-иқлимӣ, фарҳангӣ, динӣ, этникӣ ва равонӣ (психологӣ) бошанд. Омили охир хеле муҳим аст, зеро бартарафсозии монеаҳои равонӣ (психологӣ) дар омодагии фард ба муҳоҷират, ҳангоми мутобиқшавӣ дар макони нав ва ниҳоят барои фаҳмиши ин ки чаро баъзеҳо муҳоҷир мешаванд ва дигарон дар макони истиқомати худ буданро афзал медонанд, нақши муҳим дорад.

---

[24]Kosinski& R. ManselProthero, 1975 "People on the move". 'Studies on internal migration', edited by I J.eszek A- By Methuen & Co Ltd. London, p-9.

Дар бораи омилҳои ба муҳоҷирати аҳолӣ таъсиркунанда, дар осори марбут ба соҳа бисёр навиштаанд. Дар ин хусус Е. С. Ли[25] (дар раванди тасмимгирӣ дар хусуси аз як ҷо ба ҷойи дигар рафтан ӯ омилҳои асосиро ба омилҳои макони баромад ва маскуншавии муҳоҷирон ва ҳамчунин идроки фардӣ ва рафтори фардӣ ҷудо кардааст); Я. Уолперт[26] («ҷойи муфид» ҳамчун «бақияи фоидаҳои бадастовардаи фард дар натиҷаи муҳоҷират» муайян мешавад, гузашта аз ин ҳамгиройӣ дар ҳама гуна намуд ва фазо низ метавонад муфид бошад); А. Л. Мабогандже[27] (ангезаҳои ҷойивазкунӣ, монанди неруи иқтидорӣ (потенсиалӣ) аст, ки шабеҳи неруи кинетикӣ мебошад); У. Петерсен[28] (пешниҳод кард, ки чаҳор қувваи муҳоҷират фарқ карда шаванд: такони экологӣ (кӯчгарии ибтидоӣ), сиёсати муҳоҷират (ҷойивазкунии ихтиёрӣ ва маҷбурии аҳолӣ), хоҳиши сахт (муҳоҷирати озод) ва ҷойивазкунии иҷтимоӣ-миқдорӣ (ҳиҷрати оммавӣ ва урбанизатсия); Козински ва М. Прозеро[29] (кӯшиш карданд дар чаҳорчӯбаи омилҳои ибтидоӣ омилҳои аутогенӣ ва аллогении муҳоҷиратро тасниф намоянд; Я. Мангалам[30] (дар хусуси омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ навиштааст, ки инҳоро дар бар мегиранд: таъмини хизматрасониҳои тиббӣ ва маърифатӣ); дар бораи таъсири муҳоҷирони маҳалҳои фақир ба макони сукунат, оид ба муҳоҷирати эҳтимолӣ ва рафтори муҳоҷирон; оид ба завлонаҳои муҳоҷират бо пайвандҳо, робитаҳои муваффақи хешовандии муҳоҷирон; дар бораи нақши гурӯҳи этникӣ ва ниҳоят дар бораи мутобиқшавии муҳоҷирон дар макони сокиншавиашон; П. Ҷордҷ[31] (дар бораи ҷойивазкунии ҷуғрофии аҳолӣ баҳс намуда, муҳоҷиратро ҳамчун натиҷаи таъсири омили иқтисодӣ ба

---

[25] Lee E.S. (1996). A theory of migration. Demography.3, p.p. 47-57
[26] Wolpert, J. (1965,1966,1967). Distance and directional bias in inter urban migratory streams.
[27] Mabogunje, A.L. (1970). Systems approach to a theory of urban – rural migration. Pp. 1-18
[28] Petersen, W. (1958).A general typology of migration.Am Social. Pp. 256-266
[29] Kosinski and R.MansellProthero, 1975 “People on the move” p-24
[30] Mangalam, J. J. (1968). Human migration: a guide to migration literature in English 1955-1962. Lexington.
[31] George, P. (1970). Types of migration of population according to the professional and social composition of migrants, in Jansen, C. J. (ed.) Readings in the sociology of migration, pp. 39-47. Oxford.

зарурат ё кӯчиши иҷбории оммавӣ ҷудо кардааст); Д. Ҷ. Богуе[32] (се гурӯҳи тағйиротро муайян кард), ки сабабҳои муҳоҷиратро муайян мекунанд: шароити иҷтимоӣ-иқтисодии ба муҳоҷират таъсиркунанда (сармоявӣ; саҳмгузорӣ дар макони баромад), тағйир додани технологияи истеҳсолот, танзими муҳоҷират ва таъмини шароити хуби иҷтимоӣ барои муҳоҷирон; гузашта аз ин, ӯ муҳоҷиратро ангезаи ҳолати воқеӣ медонист, яъне маросими тӯй, соҳиби кор шудан, катаклизмҳои табиӣ; ва омилҳое, ки интихоби макони сукунатро муайян мекунанд (масалан, арзиши ҷойивазкунӣ, ҳузури наздикону пайвандон дар ин ҷойҳо, махсусан мавҷудияти шароити мусоид барои кор, маълумоти шунида дар бораи макони сокиншавӣ); С. Саймон[33] (омилҳоеро ошкор кард, ки дар асоси онҳо алоқамандии мавқеъ ва рафтор назарияи қабули қарорро комил мекунанд ва таҳқиқот дар ин самт яке аз муҳимтарин корҳои илмии асосии байнифаннӣ дар солҳои 80-уми асри 20 буд).

Муаллифони дигар ҳам вуҷуд доранд, ки равишҳои мухталифро оид ба таснифи омилҳои муҳоҷират пешниҳод кардаанд. Дар бораи омилҳои ҳамгиройӣ ибтидои солҳои 70-уми асри 20 олими маъруф Л.Л. Рибаковский навиштааст. Ӯ дар бораи муҳоҷирати сезинагӣ дастурамал таҳия кардааст, ки яке аз асарҳои асосии ӯ доир ба омӯзиши омилҳои ҳамгироии муҳоҷирон дар ҷойи сокиншавиашон мебошад.[34]

Андешаҳои Козинский ва М. Прозероро дастгирӣ намуда, мо чунин мешуморем, ки ҳангоми таҳлили омилҳои ба муҳоҷирати аҳолӣ таъсиркунанда ва тақсими онҳо ба ду гурӯҳ – эндогенӣ ё омилҳои аутогенӣ (маҳсули дохилӣ, яъне неруи худи муҳоҷирон) ва экзогенӣ ё аллогенӣ (маҳсули омилҳои берунӣ) мувофиқи мақсад аст.

Омилҳои эндогенӣ-омилҳои иқтисодӣ, ниҳодӣ ва сиёсӣ (механизмҳои ошкори кам кардани фишор дар маконҳои сокиншавиро бо роҳи

[32]Bogue D.J. (1969)- Principles of demography. Publisher New York (Especially chapter)
[33]SimonS. 1980
[34]Рыбаковский Л.Л. (2001 г) Миграция населения. Три стадии миграционного процесса., www.i-iirii/bihlio/archive/mi"racia-'2.aspx.

пешниҳодкунии ҷойҳои алтернативӣ дар бар мегиранд), ангезаҳои маконӣ (демографӣ) ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дигар омилҳои ахлоқӣ ё фардӣ (субъективӣ) мебошанд.

Омилҳои экзогенӣ – омилҳои ниҳодӣ ё сиёсӣ (ҳангоме, ки танзими равандҳои муҳоҷират аз ҷониби давлат амалӣ мешавад, ҳалли онҳо тавассути қувва, ки мардумро ба муҳоҷиршавӣ водор мекунад, аз ирода ва амали ҳукумат вобастаанд) ва омилҳои муҳити зист (обхезӣ, хушксолӣ, сӯхтор, заминларза ва хуруҷи вулқонҳо, ки метавонанд сабаби хориҷшавии муваққатӣ ё дар вазъи ниҳоӣ хуруҷи доимӣ аз маҳалли зист шаванд). Муҳоҷиратро ба сабаби деградатсияи муҳити зист низ метавон ба ин ҷо дохил кард, ки дар натиҷаи амалҳои нодурусти инсон ба табиат зарар расидааст. Дар натиҷа одамон маҷбур мешаванд ватани худро тарк кунанд.

Барои фаҳмиши моҳияти муҳоҷирати иҷборӣ ва ихтиёрӣ бояд ин ду гурӯҳи калони омилҳо мавриди баррасӣ қарор гиранд. Оё муҳоҷирони ихтиёрӣ аслан вуҷуд доранд? Муҳоҷирати ихтиёрӣ ва маҷбуриро аз кадом нигоҳ бояд баррасӣ намоем? Ва амсоли инҳо.

Дар аксари сарчашмаҳои илмӣ муҳоҷирати ихтиёрӣ ташаббуси шахсии худи фард фаҳмида мешавад. Муҳоҷирати иҷборӣ бошад дар натиҷаи омилҳои экзогенӣ ба амал омадааст. Чунин равиш нисбати раванди муҳоҷират ба андешаи мо яктарафа аст, ҳарчанд маълум аст, ки аз назари қабули қарор чунин таснифи намудҳои муҳоҷират ва чунин тавзеҳ ҳаққи комили мавҷудият доранд.

Ба ҳар ҳол, ҳар фарди дар масъалаи муҳоҷират фаъол дар фазо таҳти таъсири омилҳои эндогенӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ, равонӣ (психологӣ), вобаста ба ҳолати саломатӣ ва муҳоҷирати вобастаи пиронсолон) ё экзогенӣ (омилҳои ниҳодӣ ё сиёсӣ ва омилҳои муҳити зист) ҷойи худро иваз мекунад. Ба муҳоҷирати ихтиёрӣ нисбат додани онҳое, ки бо таъсири омилҳои эндогенӣ ба амал омадаанд, то ҷое нодуруст аст. Чунин назар ба андешаҳои зерин асос ёфтааст. Якум,

ба андешаи он олимоне, ки мегӯянд инсонҳо бо ихтиёри худ муҳоҷир мешаванд, на бо фишори ҳукуматҳо ва дар натиҷаи катаклизмҳои табиӣ розӣ шудан мумкин аст. Дар чунин ҳолат ин намуди муҳоҷиратро ба муҳоҷирати ихтиёрӣ тааллуқ донистан мумкин аст. Вале ҳама гуна муҳоҷират таҳти таъсири ягон омили ҷудогона ё гурӯҳи омилҳо ба амал меояд. Чунон ки дар боло зикр гардид, омилҳои эндогенӣ фард ё гурӯҳи одамонро ба муҳоҷират водор мекунад. Дилхоҳ такон худ аз худ ба вуҷуд намеояд, балки чизе ба он мусоидат мекунад. Фаъолнокии аҳолӣ дар муҳоҷират аксар вақт аз сатҳи машғулияти аҳолӣ ва даромадҳо дар макони баромади муҳоҷирон, ки барои таъмини ниёзҳои шахсӣ ва хонадорӣ заруранд, вобаста аст. Яъне фаъолнокии муҳоҷирати аҳолӣ бо сатҳи машғулияту даромадҳои аҳолӣ алоқамандии баръакс дорад. Бо такя ба ин метавон иброз намуд, ки бадшавии ҳолат дар ин ё он соҳаи ҳаёти ҷомеа кулли оила ё фардҳои алоҳидаро водор ба муҳоҷират мекунад.

Муҳоҷирате, ки бо таъсири омилҳои экзогенӣ ба вуҷуд меояд, чунон ки аз осори тамоми муҳаққиқон бармеояд, бе тардид муҳоҷирати иҷборӣ аст.

Ба андешаи мо муҳоҷиратеро, ки дар чаҳорчӯбаи омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ ба амал меояд, бояд бо дарназардошти таъсири ин ё он омил ё гурӯҳи омилҳо дар якҷоягӣ чун муҳоҷирати иҷборӣ баррасӣ кардан лозим аст. Агар ба муҳоҷират аз нигоҳи қабули қарор муносибат шавад, он бояд ба ихтиёрӣ ва иҷборӣ тасниф шавад.

- Дар раванди таҳқиқ мо кӯшиш кардем, ки раванди муҳоҷиратро омӯхта

масъалаҳои ҳалталаби ин соҳаро муайян кунем. Ба андешаи мо муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти таърихӣ дорад.

- Тӯли 26 соли охир дар ҷумҳурӣ муҳоҷират тамоюли манфӣ дорад ва он

ба муҳоҷирати бебозгашти аҳолӣ вобаста аст.

Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ аз солҳои 1990 шурӯъ шуда, тадриҷан дар миёни тамоми аҳолии ҶТ паҳн шудааст. Сабаби ибтидоӣ ва асосии муҳоҷирати аҳолӣ аз кишвар ҷанги шаҳрвандӣ мебошад. Қобили зикр аст, ки аҳолии Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ низ тавассути роҳхатҳои корӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Россия ва Қазоқистон ҷалб мешуданд. Тибқи омори Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ дар соли 2016 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ бештар аз 800 ҳазорро ташкил дод. Дар асоси маълумоти Хадамоти федералАии муҳоҷирати Россия шумораи муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ бештар аз 1 млн нафар аст. Аҳолии ҶТ асосан ба Россия (96%), пас аз он ба Қазоқистон (2,5%) ва боқӣ ба Қирғизистон, Украина, Белоруссия, Корея, ИМА ва ғ. (1,5%) ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд.

## 1.2. Заминаҳои обьективии муҳоҷирати меҳнатӣ

Барои муайян кардани ангеза ва омилҳои муҳоҷирати аҳолӣ аксари олимон ба омӯзиши пурраи (комплексии) он таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Масалан, А. И. Кузмин 7 равиши асосиро барои омӯзиши муҳоҷират мушаххас кардааст, ки инҳо мебошанд: демографӣ, ҷомеашиносӣ (сотсиологӣ), таърихӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ (психологӣ), фалсафӣ ва иқтисодӣ. В.А. Ионтсев бошад, шумори ин равишҳоро ба 17 расонда, равишҳои тартибӣ (системавӣ), ҷуғрофӣ, генетикӣ, биологӣ, этнографӣ ва ғайраро ҳам ба онҳо шомил кардааст.

Барои тавсифи самтҳои асосии омӯзиши муҳоҷират таснифоти А.И. Кузминро меорем.

Равиши демографӣ муҳоҷиратро аз назари истеҳсоли такрорӣ ва нигоҳдории популятсияи инсонӣ, шумораи онҳо, сохтори ҷинсию синнусолӣ ва амсоли инҳо омӯхта, диққати асосиро ба масъалаҳои амнияти маконии (демографии) миллатҳо равона месозад (А. Сови, А. Ландри, Ф. Ноутстейн, Д. И. Валентей, А. Я. Кваша, Б. С. Хорев ва дигарон).

Равиши таърихӣ таҳқиқоти марбут ба таърихи ҷунбишҳои муҳоҷиратӣ дар давлатҳо ва минтақаҳои мухталиф ва дар умум дар кулли ҷаҳон бо асарҳое, ки дар онҳо масъалаҳои таърихи инкишофи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи муҳоҷират баррасӣ шудаанд, муттаҳид мекунад.

Равиши равонӣ (психологӣ) табиати ангезишии муҳоҷиратро дар маркази диққат қарор дода, ба таҳқиқоти гурӯҳӣ ва фардии ангезаҳо, ки рафтори муҳоҷиратии фардиро (субъектро) муайян мекунад, такя менамояд. Дар солҳои охир таҳқиқоте бештар паҳн шудааст, ки дар онҳо муҳоҷират ҳамчун воситаи қонеъсозии як қатор талаботи иҷтимоӣ дониста мешавад (В.И. Переведенсев, Т.И. Заславская, В.М. Моисеенко ва дигарон).

Равиши ҳуқуқӣ (В.И. Мукомел, Э.С. Паин ва дигарон) барои муайян кардани мақоми ҳуқуқии муҳоҷирони дараҷаҳои (категорияҳои) мухталиф

муҳим аст; ин равиш меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дохилидавлатиро баррасӣ намуда, барои таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои қонунгузорие равона шудааст, ки ҳуқуқҳои асосии муҳоҷирон ва имкониятҳои амалисозии сиёсати ҳадафмандонаи ҳифзи манфиатҳои мухталифи онҳоро танзим мекунад.

Равиши иқтисодӣ нисбатан ҳамаҷониба (универсалӣ) мебошад, ки чандин назарияҳоро дар тӯли садсолаҳо муттаҳид кардааст (А. Смит, Т. Малтус, К. Маркс, Д. Кейнс ва дигарон). Олимони рус, ки муҳоҷиратро дар доираи ин равиш таҳқиқ кардаанд, Л.А. Абалкин, Г.С. Витковская, Ж.А. Зайончковская, Л.Л. Рибаковский, А.В. Топилин ва дигарон мебошанд. Дар чаҳорчӯбаи ин равиш муҳоҷират чун яке аз танзимкунандаҳои асосии шумораи аҳолии қобили меҳнат ва катализатори аз нав тақсимкунии захираҳои меҳнатӣ вобаста ба сатҳи касбияти онҳо зоҳир шуда, дар бозори қувваи корӣ рақобатро ба вуҷуд меорад ва ба ин восита ба тағйироти сифатии он мувофиқи талаботи ҷомеа мусоидат мекунад. Муаллиф чунин хулоса мекунад, ки сухан дар мавриди кадом намуди ҳаракатҳои муҳоҷират наравад ҳам, сабаби асосии онҳо зарурати иқтисодии дастрас кардани воситаҳои зиндагӣ мебошад. Вале ин маънии онро надорад, ки ҳама гуна ҳаракатҳои муҳоҷиратӣ мавзӯи илми иқтисод ҳастанд; танҳо муҳоҷирати иқтисодӣ, ки пеш аз ҳама муҳоҷирати қувввваи корӣ шомили он аст, мутааллиқ ба илми иқтисод аст.

Бо истифода аз истилоҳот ва дастурҳои улуми номбаршуда, кӯшиш мекунем ҳама мафҳумҳои марбут ба тавсифи падидаи муҳоҷиратро таъриф бидиҳем.

Бреева Е.Б. қайд мекунад, ки: «дар демография таҳти мафҳуми муҳоҷирати аҳолӣ ҷойивазкунии одамон (муҳоҷирон) тавассути марзҳо ё дигар ҳудуд бо тағйирёбии абадӣ ё нисбатан тӯлонии ҷойи истиқомат, ё бозгашти мунтазам ба он фаҳмида мешавад».[35]

Тибқи таърифи олими ҷуғрофишинос В.В. Покшишевский «зери

---

[35]Бреева Е.Б. Основы демографии: Учебное пособие / Е.Б. Бреева. - М.: Дашков и К°, 2005. - С. 132.

мафҳуми муҳоҷирати аҳолӣ бояд ҳама гуна ҷойивазкуниҳои марбут ба тағйироти ҷойи истиқомати он фаҳмида шавад (тағйир ёфтани давлат, вилоят ё маҳалли зист, ки дар он фард, оила ё ягон ҷамъияти нисбатан бузурги инсонҳо зиндагӣ мекунанд)».

Ба андешаи Г.Н. Зокиров «истилоҳи «муҳоҷирати аҳолӣ» дар масъалаи илмӣ хеле бурд кардааст, зеро маъниҳои этимологӣ ва мафҳумии он то андозае ба ҳам мувофиқат доранд». Бо ҷузъи таркибии муносибатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ будан ҳам, муносибатҳои этносиёсӣ ва ҳам равандҳои муҳоҷират мустақилияти нисбӣ доранд, яъне онҳо танҳо аз рушди объективии ҷомеа вобаста нестанд, балки дар баробари ин вобастагӣ ба раванди мазкур таъсири хеле назаррас доранд».

Ба ибораи дигар, аҳаммияти мавқеи сиёсӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти ин ё он давлат, ки сиёсати ба тағйироти вазъи этноиҷтимоии сокинони муқими равонашударо амалӣ мекунанд, марбут аст.

Ба андешаи И.В. Ивахнюк дар ҷаҳони муосир, ки равандҳои ҷаҳонишавиро (глобализатсия) паси сар мекунад, муҳоҷирати аҳолӣ омили муҳимми рушди ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, ки устувории бозори ҷаҳонии меҳнат, ба фарҳанги истеҳсолоти ҷаҳонӣ ҷалб шудани кишварҳои нисбатан ақибмонда, азнавтақсимкунии аз нигоҳи тараққиёти ҷаҳонӣ нисбатан бошууронаи омилҳои истеҳсолӣ, ҳамкорӣ ва такомули мутақобили фарҳангҳоро таъмин мекунад.

Л.Л. Рибаковский пешниҳод мекунад, ки «дилхоҳ ҷойивазкуние, ки миёни маҳалҳои аҳолинишини мухталифи як ё якчанд воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ сурат мегирад, новобаста аз давомнокӣ, мунтазамӣ ва ҳадафмандӣ муҳоҷират номида шавад».[36]

Ҳамин тариқ, аломати асосии ҳаракати муҳоҷирати аҳолӣ ҳудуд ва натиҷаи муҳоҷират тағйирёбии ҷуғрофиёи маҳалли сукунат мебошад.[37]

---

[36]Рыбаковский Л.Л. Миграция населения: прогнозы, факторы, политика / Л.Л. Рыбаковский. – М.: Наука, 2009. – С. 26.

[37]Плисецкий Е.Л. Современные миграционные процессы в России / Е.Л. Плисецкий.

Барои таҳлили дақиқтари ангезаҳои муҳоҷирати аҳолӣ таснифоти муҳоҷират аз ҷониби мо мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Имрӯз якчанд навъи таснифоти муҳоҷират вуҷуд дорад. Яке аз онҳо,[38] ки меъёри муваққатӣ буданро ташкил медиҳад, муҳоҷират ба панҷ навъ тақсим шудааст, ки инҳо мебошанд: тасоддуфӣ, паёпай, мавсимӣ, муваққатӣ ва бебозгашт.

Муҳоҷиратҳои тасодуфӣ сафарҳои корӣ, фароғатӣ ва ғайра мебошанд, ки маъмулан вақти мунтазам надоранд ва ба ҳамон як самт буданашон низ ҳатмӣ нест. Ин навъи муҳоҷират аз лиҳози миқёс нисбатан калон аст ва дар замони муосир бо суръати нисбатан қавӣ пеш рафта, дигар навъҳои муҳоҷиратро ба ақиб меандозад.

**Муҳоҷиратҳои паёпай-**сафарҳои ҳаррӯза ё ҳарҳафтаинаи аҳолӣ мебошанд, ки аз маҳалли истиқомат то ҷойи кор ё таҳсил ва баръакс, ҳар ду дар маконҳои мухталиф қарор доранд, сурат мегиранд. Ин навъи муҳоҷират дар бештари давлатҳо хеле маъмул аст ва то имрӯз дар ҳоли фаъолшавӣ аст, махсусан дар он минтақаҳое, ки мегаполисҳои бузург қарор доранд ва шумораи зиёди аҳолии шаҳрҳои хурди муҷовир ва маҳалҳои аҳолишинро ба худ ҷалб месозанд.

**Муҳоҷиратҳои мавсимӣ**-ҷойивазкунии маъмулан аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъол ба ҷойҳои кории муваққатӣ ё истиқоматӣ ба муҳлати якчанд моҳ, вале на бештар аз як сол бо бозгашти ҳатмӣ ба ҷойи истиқомати доимӣ мебошад. Чунин навъи муҳоҷиратҳо бо навъҳои мавсимии кор (масалан, кишоварзӣ) ва фаъолият (шикор, моҳидорӣ ва ғайра) вобастагӣ доранд.

**Муҳоҷиратҳои муваққатӣ**-ба дигар макон сокин шудани аҳолӣ ба муҳлати нисбатан дароз, вале маҳдуди қаблан муқарраршуда мебошад, ки маъмулан ба кор (масалан, тибқи шартномаи меҳнатӣ дар дигар кишвар, шаҳр, минтақа) вобаста аст.

---

[38]Асмус Т.А. Демография (конспект лекций) / Т.А. Асмус, А.В. Коваленко Томск: ТПУ, 2000. – 53 с. С. 35-36.

**Муҳоҷирати бебозгашт** (доимӣ)-ҷойивазкунии аҳолӣ дар робита ба тағйири ҷойи истиқомати доимӣ мебошад, ки бо сокин шудан ба кишвари дигар, ҳамзамон ивазшавии шаҳрвандиро дар пай дорад.

Тибқи таснифоти дигар,[39] ки асоси онро сабабҳои кӯчиш ташкил медиҳад, муҳоҷират меҳнатӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва никоҳӣ мешавад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ-натиҷаи кӯчиши аҳолӣ бо сабабҳои иқтисодӣ мебошад (бекорӣ, бесуботии иқтисодӣ, талабот ба баъзе ихтисосҳо дар бозори меҳнат, музди нокифояи меҳнат ва амсоли инҳо).

Муҳоҷирати сиёсӣ-натиҷаи ивазшавии реҷаи сиёсӣ, рақобати идеологӣ ё моҷароҳои сиёсӣ ва тарки маҳалли зист кардани аҳолӣ дар натиҷаи фишорҳои хусусияташон мухталиф (динӣ, идеологӣ, нажодӣ) мебошад. Ин навъи муҳоҷират муҳоҷиронеро бо номи гуреза ё паноҳанда ба вуҷуд меорад.

Сабаби асосии муҳоҷирати ҳарбӣ ҳолати ҷангӣ ва инчунин баъдиҷангӣ мебошанд, ки метавонанд эвакуатсия, реэвакуатсия ва рондашавии (депортатсия) аҳолиро дар пай дошта бошанд. Ҳолати охирин (депортатсия) дар давраи оромӣ низ мушоҳида мешавад.

Муҳоҷирати никоҳӣ бо сабаби оила барпо кардан бо намояндаи кишвари дигар ба вуҷуд меояд. Чунин навъи муҳоҷират бо сабаби фаъолияти агентиҳои никоҳӣ, пеш аз ҳама дар шабакаи Интернет хеле густариш пайдо кард. Муҳоҷирати никоҳӣ ба мардона ва занона ҷудо мешавад. Хусусияти муҳоҷирати никоҳӣ дар Россия сатҳи баланди муҳоҷирати никоҳии занонаро ташкил медиҳад.

Таснифоти навбатӣ-вобаста ба хислати тасмимгирӣ нисбат ба муҳоҷират (интихоби шахсӣ ё иҷборӣ) муҳоҷиратро ба ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ҷудо мекунад (масалан, моҷароҳои миллӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва ғ., инчунин бекорӣ ва амсоли инҳо).

Вобаста ба сатҳи иштироки мақомоти давлатию ҷамъиятӣ дар сарнавишти муҳоҷирон, кумак ба онҳо ва ташкили равандҳои кӯчиш ва

[39]Верещагина А.В. Демография. Учебное пособие / А.В. Верещагина. - М.: Дашков и К°, 2011. - 256 с.

қабули муҳоҷирон муҳоҷиратро ба ташкилӣ-ҷамъиятӣ ва номуташаккил ҷудо мекунанд.

Муҳоҷирати ташкилӣ, масалан дар амалияи бунёди хоҷагидории ИҶШС ба таври густурда истифода мешуд. Солҳои 50-60-уми асри XX миқдори назарраси захираҳои меҳнатӣ (беш аз 1,5 млн. нафар) барои азхудкунии заминҳои навкорами бекормонда ба минтақаҳои Қазоқистони Шимолӣ ва Сибири Ҷанубӣ равона шуданд. Вобаста ба тартиби нақша сафарбарсозии қувваи корӣ ба бузургтарин сохтмонҳои ИҶШС-НОБ-и Сибир, комплекси газӣ-нафтии Сибири Ғарбӣ, ТПК-и Тимано-Печорск, БАМ ва дигар иншоотҳои саноатӣ, ки дар ноҳияҳои Шимол, Сибир ва Шарқи Дур бунёд мешуданд, идома дошт ва шаҳрвандони Тоҷикистон бо роххатҳои корӣ барои бунёди ин иншоотҳо равона мешуданд. Ҳамзамон, селҳои муҳоҷират аз Россия ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон, ки мутахассисон барои фаъолияти корхонаҳои мавҷуди саноатӣ намерасиданд, ташкил шуд. Чунин сиёсати муҳоҷират дар баробари паҳлуҳои мусбат, натиҷаҳои манфӣ ҳам дошт, зеро бо сабаби нокифоя будани шумораи муҳоҷирони дар ҷойҳои нав сокиншуда ва боқимонда камшавии қисме аз аҳолии ноҳияҳои навбунёд мушоҳида мешуд.

Муҳоҷирати номуташаккил ё фардӣ ҷойивазкунии ҳудудии аҳолӣ мебошад, ки сабабҳои он беҳтар кардани вазъи зиндагии худ дар ҷойҳои нав, бунёди оила, таҳсилот ва амсоли инҳо мебошад.

Намунаи дигари тақсимоти бузург дохилӣ ва хориҷӣ мебошад.

Муҳоҷирати хориҷӣ кӯчиши гурӯҳи аҳолӣ ба берун аз қаламрави давлат ҷӣ бо тағйирёбии ҷойи истиқомат (муваққатӣ ва доимӣ) ва ҷӣ бидуни он мебошад. Муҳоҷирати ғайрирасмиро (махфӣ, ғайриқонунӣ) ҳам метавон ба муҳоҷирати хориҷӣ мутааллиқ донист. Муҳоҷирати ғайрирасмӣ ба вуруд ба ҳудуди давлати дигар бо вайронкунии қонунҳои ин давлат нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ алоқамандӣ дорад. Муҳоҷирати ғайрарасмӣ дар ҷомеаи муосир беш аз пеш густариш ёфтааст ва сабаби он асосан ғайрирасмӣ таъмин шудан бо кор дар ҳудуди давлати хориҷӣ

мебошад.

Таснифоти хулосавии намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар расми 2.1.1




**Расми 2.1.1 – Намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ**

Сабабҳои муҳоҷиратро, ҳамчунин назарияи деприватсияи нисбӣ (Relative deprivation) ва назарияи низомҳои ҷаҳонӣ (World systems theory) низ тавсиф кардаанд. Назарияи деприватсияи нисбӣ таъкид менамояд, ки фаҳмиши фарқи даромадҳо миёни ҳамсоягон ва ё дигар хоҷагиҳо дар ҷомеа омили муҳимми муҳоҷират мебошад. Ангезаҳо ба муҳоҷират дар минтақаҳое, ки бо нобаробарии иқтисоди хурди (макроиқтисодии) худ фарқ мекунанд, нисбатан бештар аст. Интиқоли пулҳо дар дурнамои кӯтоҳмуддат метавонад нобаробариро афзоиш диҳад, вале дертар он амалан нобаробариро кам мекунад. Муҳоҷирон дар аксари ҳолатҳо сармояи инсонии худро самараноктар ва аз ин кор бевосита ва бавосита

манфиат мегиранд. Муҳоҷирони муваффақ метавонанд сармояи худро барои таъмини таҳсилоти хуби фарзандон ва шароити беҳтари зиндагии оилаи худ истифода намоянд. Муҳоҷирони муваффақи дорои тахассуси баланд барои муҳоҷирони эҳтимолии дигар, ки умед доранд ба чунин сатҳи муваффақият бирасанд, метавонанд намуна бошанд.[40]

Таҳқиқоти рушди иқтисодие, ки тағйироти технологӣ ва афзоиши аҳолиро тарҳсозӣ мекунад (Population Growthand Technological Growth), мавзӯи алоҳидаро ташкил додаанд.[41] Сатҳи баланди афзоиши аҳолӣ устувории тавоноӣ ва маҳсулнокии меҳнатро коҳиш медиҳад ва ба ин восита сатҳи афзоиши бороиши сарикасиро ихтисор мекунад. Вале амсилаи стандартӣ таъсири тағйироти даромадҳоро ба сари аҳолӣ ва суръати баландшавии музди меҳнатро, ки аз ҷониби Малтус муайян шудааст, пешбинӣ намекунад ва захираҳои дар тарбияи фарзандон сарфшударо ба ҳисоб намегирад.

Тағйироти маконӣ (демографӣ) ва иҷтимоие, ки дар ҷомеаҳои рушдкардаи муосир ба вуҷуд меоянд (кам шудани таваллуд ва сиёсати ғосибона, ки тамоили гирифтани маълумоти дуюм ва сеюмро ба вуҷуд меоранд), дар аксари мавридҳо ба камшавии шумораи ҷавононе оварда мерасонад, ки омодаанд дар ҷойҳое кор кунанд, ки барои гирифтани даромад аз онҳо ихтисос ва муҳимтар аз ҳама таҷрибаи фаъолияти меҳнатӣ ва муносибатҳои истеҳсолӣ талаб намешавад. Омили дигар озодии (эмансипатсия) занон ва афзоиши шумораи талоқ мебошад. Дар ҷомеи муосир занон дигар бо нақши анъанавии худ, яъне ҳамчун коргари нимбастӣ ва манбаи даромади иловагӣ қонеъ нестанд. Тамоили умумӣ чунин аст, ки занон ҳоло довталаби мавқеи коргари бартаридошта мебошанд, ки даромади асосиро дар оила ба даст меоранд. Аз ин рӯ, дар

[40]Jennissen R. Causality Chains in the International Migration Systems Approach."Population Research and Policy Review. - 2007. - 26(4). 411 – 36.

[41] Kremer M. Population Growth and Technological Change: One Million B.C. to 1990 // Quarterly Journal of Economics. – 1993. - Vol. CVIII. Issue 3 (August). - P. 681-716.Rosenzweig M. R. Population Growth and Human Capital Investments: Theory and Evidence // Journal of Political Economy. – 1990. - Vol. 98, № 5, Part 2 (October 1990). – P. S38-S70.

натиҷаи рӯҳияи заифи ҷавонон, тағйирёбии мавқеи меҳнатии занон ва дар умум камталабот будан дар миёни аҳолии маҳаллӣ кордеҳон маҷбуранд муҳоҷиронро ба кори ғайриихтисосӣ ҷалб намоянд.

Дар муайян кардани навъи муҳоҷирати меҳнатии ба сиёсати муҳоҷират таъсиркунанда, намояндагони назарияи сармояи инсонӣ, ки яке аз равияҳои муҳимми мактаби неоклассикӣ мебошад, саҳми бузург гузоштаанд. Г. Беккер ва Т. Шултс муҳоҷиратро ҳамчун методи ғайримустақими сармоягузорӣ ба сармояи инсонии коргар-муҳоҷир медонистанд, ки фароҳамшавии минбаъдии он дар шароити бозори маҳалии меҳнат имконнопазир аст. Ин назария танҳо фоидаи иқтисодӣ ва хароҷоти муҳоҷирро, ки ихтисосманд аст, ба ҳисоб мегирад, балки фоида ва хароҷоти равонӣ-ҳиссиётӣ ва инчунин имкониятҳои дастрасӣ ба неъматҳои сатҳи нисбатан болотарро низ дар назар мегирад. Муҳоҷирони меҳнатие, ки дар пайи афзудани сармояи инсонии худ ҳастанд, ҳангоми тасмимгирӣ дар хусуси муҳоҷират фоидаҳои ояндаро аз шиносоӣ кардани неъматҳои ҷамъиятӣ (ғайримоддӣ)-и сатҳи нисбатан рушдкардаи ҷамъият: таҳсилот, фарҳанг, омодагии касбӣ гирифтан, қадршиносӣ мекунанд.

Тавофут дар даромадҳои эҳтимолӣ аз сармоягузориҳо қисман метавонанд гуногунии тамоилҳои байни фардҳоро вобаста ба муҳоҷират шарҳ диҳанд. Вобаста ба навъи мушаххаси талабот ба қувваи корӣ дар навоҳии қабулкунандаи муҳоҷирон онҳо аз рӯйи маҳорат мушаххас ва сатҳи маълумотнокии худ интихоб карда мешаванд. Ин имкон медиҳад аз лиҳози назариявӣ бидонем, ки чаро вобаста ба рафтани синну сол эҳтимоли муҳоҷират кам мешавад ва чаро инсонҳои дорои таҳсилоти олӣ бештар ба муҳоҷират майл доранд. Аҳаммияти нисбатан муҳимми таҳлилӣ ва методии ин таҳқиқот дар ин аст, ки муҳаққиқон бояд танҳо паҳлуҳои бозори меҳнатро ҳамчун музди меҳнат ва сатҳи машғулият ба назар нагиранд, балки аҳаммияти тавсифоти фардии иҷтимоӣ-иқтисодиро

низ дар тасмимгириҳо вобаста ба муҳоҷират мадди назар дошта бошанд.[42]

Таҳқиқи ин ангезаҳо аз фазои таҳлилии назарияҳои иқтисодии муҳоҷират берун аст. Дар натиҷа назарияи сармояи инсонӣ таваҷҷуҳро ба тамоми ангезаҳои муҳоҷират, ки рафтори муҳоҷирони ҷӯяндаи на танҳо музди меҳнати нисбатан баланд, балки дорандаи хислатҳои арзишманди хусусияти ғайримоддидоштаро шарҳ медиҳад, мутамарказ месозад. Чунин навъи муҳоҷират ба мутахассисони баландихтисос ва гароишҳои илмидошта, ки ба рушди шахсӣ таваҷҷуҳ мекунанд, хос аст.

Навъи баррасишудаи муҳоҷирати ихтисосӣ, ки танҳо аз дидгоҳи иқтисодии «фоида-хароҷот» тавзеҳ дода намешавад, дар сиёсати муҳоҷират бештар муассир аст. Ин гурӯҳи муҳоҷирон ба шароити нисбатан беҳтари меҳнат ва зиндагӣ, ки таъминашон танҳо бо фоидаҳои иқтисодӣ имконпазир нест, иддао доранд. Аз ин рӯ, назарияи сармояи инсонӣ қодир аст махсусияти муҳоҷиратро, ки хос бо арзёбии зарурати иқтисодӣ муайян намешавад, шарҳ диҳад.

Назарияи иқтисодии Кейнсионӣ тавзеҳоти неоклассикии муҳоҷирати байналхалқиро зери танқид қарор додааст. Дар назарияи кейнсианӣ пешниҳоди қувваи корӣ на танҳо аз музди меҳнати воқеӣ, балки аз навъи номиналии он низ вобаста аст. Ин фарқият ба дидгоҳҳои мухталифи мактабҳои мазкур дар масъалаи нақши пул дар иқтисод вобаста аст. Аз назари неоклассикӣ пул танҳо воситаи табодул аст. Дидгоҳи кейнсианӣ ба ин масъаларо чунин шарҳ медиҳад, ки пул танҳо воситаи табодул нест, балки воситаи андӯхтани сарват (пасандоз) низ ҳаст. Дар натиҷаи амалишавии ин амал пули муҳоҷирони эҳтимолӣ ба минтақаҳои дорои сатҳи баланди музди меҳнати номиналӣ ҷалб мешавад. Ҷолибияти музди меҳнати номиналӣ дар муқоиса бо маоши воқеӣ ба ҳадафҳои муҳоҷирон ҷиҳати масрафоти камтар ва пасандози бештар барои интиқоли минбаъдаи он ба оилаҳои худ вобаста аст. Дар натиҷа ҳолати тавозун ба

[42]Bauer T., Zimmermann K. Causes of International Migration: A Survey // Crossing Borders: Regional and Urban Perspectives on International Migration / Ed. by P. Gorter, P. Nijkamp, J. Poot. Aldershot :Ashgate, 1998. pp. 95–127.

даст намеояд ва фарзияи неоклассикӣ ҳам собит намешавад.

Баробарсозии арзиши омилҳои истеҳсолот пешбинӣ мекунад, ки неруҳои иқтисодӣ ба самти тавозун майл мекунанд, ки ин дар сатҳи хеле назаррас ноқисии бозор, вуҷуд доштани маҳдудиятҳои ниҳодӣ ва сохторӣ, инчунин нокомил будани донишҳо дар бораи хароҷот ва фоидаҳои муҳоҷиратро рад мекунад. Дар бештари кишварҳои рӯ ба пешрафт бозор комил нест, ки ин падида дастрасиро ба сармоя ва хизматрасониҳои молиявӣ маҳдуд месозад. Ин дар навбати худ тавзеҳи муҳоҷиратро дар чаҳорчӯбаи сохтори неоклассикӣ, ки ба даромадҳои эҳтимолӣ мутамарказ аст, душвор мекунад. Назарияи неоклассикии муҳоҷират дар муқоиса бо назарияи кейнсионӣ тадбирҳои танзими давлатии иқтисодро низ ба назар намегирад.

Дар назарияи кейнсионии муҳоҷирати байналхалқӣ ба бекорӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад. Фарқият дар ММД-и сарикасӣ ва дар сатҳи бекорӣ детерминантҳои нисбатан муҳимми навъҳои байналхалқии муҳоҷират шуданд, ки дар сиёсати давлатӣ дар ин самт амалан эҳсос намешаванд.

Аз тарафи дигар, муҳоҷират метавонад дар сатҳи назаррас аз сиёсати муҳоҷират вобастагӣ дошта бошад. Вазифаи барқароркунии тавозун мутобиқи назарияҳои иқтисодии неоклассикӣ ва кейнсианӣ, ки бо арзёбии сатҳи музди меҳнати воқеӣ ва сатҳи бекорӣ фарқ мекунанд, дар муҳоҷирати байналхалқӣ, ки ба сиёсати муҳоҷират таъсиргузор нест, татбиқ намешаванд.

Муҳоҷирати байналхалқӣ миёни мамлакате, ки муҳоҷирон аз он ҷо хориҷ мешаванд ва кишваре, ки ба он ворид мешаванд, метавонад биафзояд, ҳатто агар тафовути шароити хуби иқтисодӣ миёни ин ду давлат кам шавад. Ин ба фарқиятҳои зиёди иҷтимоӣ-иқтисодӣ миёни ду давлати зикршуда, вобастагӣ дорад.

Муҳоҷират танҳо стратегияи пароканда кардани хатар аз ҷониби хоҷагиҳо бо мақсади эътидоли даромадҳои шахсии дар ихтиёрдоштаашон

нест, балки он стратегияи бартарафсозии монеаҳои бисёри бозорӣ низ ҳаст. Иқтисоди нави муҳоҷирати меҳнатӣ рафтори хоҷагиҳоро дар бозорҳои бефоидаи сармоя бо маълумоти асимметрӣ, ки дар аксари мамлакатҳои дар ҳоли рушд бартарӣ доранд, мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Чунин бозорҳо маъмулан рушди заиф доранд ва барои гурӯҳҳои берун аз элитаи аҳолӣ дастрасӣ ба онҳо душвор аст. Тавассути интиқолҳои байналмилалии пул муҳоҷират метавонад ягона стратегияи самарабахши рӯзгордорӣ барои бартарафсозии чунин монеаҳои бозорӣ шуда, имкон диҳад, ки хоҷагиҳо ба фаъолияти истеҳсолӣ сармоягузорӣ кунанд ва ба ин восита даромаду пасандозҳои худро зиёд намоянд.

Раванди муҳоҷират яке аз равандҳои ҷомеаи муосир аст, ки дар давраи таърихӣ арзи вуҷуд кардааст. Вале дар шароити муосир он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав аст. Муҳоҷирони хориҷшавандаро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Якум онҳое, ки бебозгашт муҳоҷир мешаванд, дуюм муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ. Агар муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ аз солҳои 1990 оғоз шуда бошад, муҳоҷирати бебозгашт ҳанӯз аз солҳои 40-уми асри 20 ибтидо мегирад. Барои таҳлили амиқтари ин раванд бояд фаҳмем, ки муҳоҷират аз муҳоҷиршавӣ ба чӣ фарқ дорад.

Муҳоҷиршавиро шаҳрвандони хориҷие анҷом медиҳанд, ки барои зиндагии доимӣ аз кишвари худ ба ин ҷо омадаанд. Дар рафти таҳқиқоти равандҳои муҳоҷират маълум гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 1976 кишвари қабулкунандаи муҳоҷирон буд ва шурӯъ аз соли 1977 ин раванд сурати баръакс гирифт ва шумораи муҳоҷирони хориҷшаванда, хеле зиёдтар аз муҳоҷирони воридшаванда ба кишвар шуданд. Дар робита ба ин метавон гуфт, ки раванди аз шаҳрҳо муҳоҷир шудани аҳолӣ дар мамлакат аз солҳои 70-уми асри 20 шурӯъ шуда, солҳои 80-90-ум тамоили зиёдшавӣ касб кард.

Муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ба кӯчбандии аҳолӣ, азхудкунии заминҳо ва рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи ҳамгироии миллатҳо вобастагӣ дорад. Ҳамин тариқ, таҳқиқи масъалаҳои муҳоҷират дар шароити муосир

муҳим (актуалӣ) ба ҳисоб меравад. Тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсие, ки тӯли даҳсолаҳои охир ба амал омадаанд, сабаби асосии муҳоҷирати аҳолӣ мебошанд. Дар фарқ аз дигар кишварҳо, ки мавҷи муҳоҷиратро аз сар гузаронда, аз муҳоҷирати доимӣ вобастагӣ надоранд, дар Тоҷикистон авҷи муҳоҷират ба шароите рост меояд, ки давлат пас аз ҷанги шаҳрвандӣ бuҳрони иқтисодиро аз сар мегузаронд.

Омили дигари муҳим ва таъсиргузор ба раванди муҳоҷират омили демографӣ аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатест, ки сатҳи афзоиши табиии аҳолӣ дар он баланд аст. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолии қобили меҳнати кишвар дар соли 2017 53%-ро ташкил додааст. Солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талош дорад ба масъалаҳои муҳоҷират ҷиддан муносибат кунад. Аз ин рӯ, ҳалли масъалаҳои марбут ба ин соҳа дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар қарор гирифтааст. Маҳз бо ҳамин мақсад, солҳои охир аз ҷониби давлат чандин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие қабул шудаанд, ки имкон медиҳанд бо роҳи ташкил ва танзими муҳоҷират берун аз кишвар мушкилоти мавҷударо ҳал намоянд. Сиёсати давлатии кишвар ба бартарафсозии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Таҳқиқот нишон доданд, ки дар мамлакат дар солҳои соҳибистиқлолӣ муҳимтарин шаклҳои муҳоҷират мушоҳида шудаанд:

А) муҳоҷирати этникӣ ба ватанҳои таърихиашон: яҳудиён, олмониҳо, тоторҳо, русҳо ва амсоли инҳо.

Б) сели паноҳандагон (гурезагон) ва муҳоҷирони иҷборӣ.

Ҳодисаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра ба раванди муҳоҷират дар кишвар таъсир гузоштанд.

Яке аз шаклҳои муҳоҷирати дохилӣ муҳоҷирати экологии аҳолӣ аст. Муҳоҷирони экологӣ қисми аҳолие мебошанд, ки дар робита бо ҳодисаҳои табиӣ ба маконҳои бехавф кӯчонда мешаванд. Сабабҳои чунин шакли муҳоҷират ҳодисаҳое чун ярчфаройӣ, заминларза, обхезӣ,

кӯчондани аҳолӣ аз мавзеъҳои камзамин ба минтақаҳои заминдор ва ғайра мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирати экологӣ аз соли 1951 ба қайд гирифта шудааст. Кӯчиши аҳолӣ аз як ҳудуд ба ҳудуди дигар танҳо бо кафолати ҷониби қабулкунанда дар хусуси ҷудо кардани қитъаҳои замин барои сохтмони манзил ё таъмини ҷойи истиқомати доимӣ ва дигар шароити маишӣ сурат мегирифт. Аҳолие, ки шомили муҳоҷирати экологӣ мешаванд, ҳолаташон тавассути Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи татбиқи муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 майи соли 2010, №211 танзим мешавад. Муҳоҷирати муҳоҷирони дохилӣ дар асоси Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 октябри соли 2009, №530 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва маҳалҳои сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои заминҳояшон коркарднашудаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2010–2012» бо кӯчондани 3019 оила дар давоми се сол ва аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати аҳолӣ аз ноҳияи Ҷиргатоли минтақаи Рашт ба Лахши ноҳияи Ҷиргатол» бо кӯчондани 500 оила дар давоми 4 сол амалӣ мешавад. Таҳқиқот собит карданд, ки сабаби муҳоҷирати экологии дохилии аҳолӣ ҳодисаҳои табиӣ ва кам будани заминҳо барои кишоварзӣ мебошанд. Ҳамчунин таҷриба нишон медиҳад, ки бештари муҳоҷирони иҷборан кӯчондашуда, бо гузашти вақт ба ватанҳои аҷдодии худ бармегарданд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили масъалаи мазкур метавон хулоса кард:

- муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, ки барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд;

- муҳоҷират метавонад дар сатҳи назаррас аз сиёсати муҳоҷират вобастагӣ дошта бошад. Вазифаи барқароркунии тавозун мутобиқи назарияҳои иқтисодии неоклассикӣ ва кейнсианӣ, ки бо арзёбии сатҳи музди меҳнати воқеӣ ва сатҳи бекорӣ фарқ мекунанд, дар муҳоҷирати байналхалқӣ, ки ба сиёсати муҳоҷират таъсиргузор нест, татбиқ намешаванд;

- назарияи иқтисодии кейнсионӣ тавзеҳоти неоклассикии муҳоҷирати байналхалқиро зери танқид қарор додааст. Дар назарияи кейнсионӣ пешниҳоди қувваи корӣ на танҳо аз музди меҳнати воқеӣ, балки аз навъи номиналии он низ вобаста аст. Ин фарқият ба дидгоҳҳои мухталифи мактабҳои мазкур дар масъалаи нақши пул дар иқтисод вобаста аст. Аз назари неоклассикӣ пул танҳо воситаи табодул аст;

- мавқеи муҳоҷират дар низоми иқтисоди бозорӣ пеш аз ҳама дар он намудор мегардад, ки муҳоҷират метавонад сарчашмаи рақобати (алтернатив) касбомузӣ, баландбардории маърифати аҳолӣ, ҷорӣ намудани ҷанбаҳои мусбии урфу одатҳои миллатҳои дигар ва ҳамчун роҳи ҳаракати озоди аҳолии қобили меҳнат хизмат намояд.

## 1.3. Сабабҳо ва омилҳои муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ

Ҳадафи таҳқиқ дар зербоби мазкур баррасии масъалаҳои муҳоҷирати қувваи корӣ дар заминаи равандҳои ҳамгироӣ дар мамлакатҳои дорои иқтисоди гузаришӣ мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, барои давлатҳои дорои иқтисодҳои гузаришӣ «ҳамгироии муҳоҷиратӣ» дараҷаи (категория) принсипиалӣ аст.

Ба андешаи мо фаъолнокии муҳоҷират дар охири асри XX дар таърихи мамлакатҳои дорои иқтисоди гузаришӣ нахустин нест. Мавҷҳои мудовими муҳоҷират дар гузашта низ ба онҳо хос буд. Масалан, дар ибтидо ва миёнаи асри XX ба сабаби ҷангҳои ҷаҳонӣ, солҳои 1990 бо оғози давраи гузариш дар кишварҳои собиқ ИҶШС қонунгузории муҳоҷират дар ҳама ҷо либералӣ шуданд ва сели муҳоҷиршавӣ афзоиш ёфт. Маҳз дар ҳамин давра дар Тоҷикистон коркарди назариявии амиқи масъалаҳои муҳоҷирати байналхалқӣ шурӯъ шуд, тағйири макон кардани қувваи корӣ ҳамчун омили муҳимми истеҳсолот ба суръати рушди устувор таъсири назаррас дорад. Меҳнати ихтисосманди сатҳи баланд ҷузъи бозори ҷаҳонии меҳнат, махсусан он ҷузъеро ташкил медиҳад, ки фаъолона аз бартариятҳои афзояндаи ҳаракат истифода мебарад. Стратегияи ҳаракати ин гурӯҳ, ки тамоили рушди фазои ҳаётии фаромиллӣ ва бештар аз як ҷойи доимии истиқоматиро доранд, фаҳмиши анъанавии муҳоҷирати байналхалқиро таҳти суол қарор додаанд.

Дар назарияи муҳоҷирати қувваи корӣ чанде аз муаллифон сабаби асосӣ ва ягонаи ҳаракати байналхалқии қувваи кориро дар сатҳи гуногуни музди меҳнати миёнаи воқеӣ дар мамолики мухталиф медонанд.[43] Илова бар ин гуфтан мумкин аст, ки қувваи корӣ кишвареро интихоб мекунад, ки дар он кафолатҳои иҷтимоии бештар бошад.

---

[43] См. напр.: SchultsT. W. Investing in Human Capital. – N.Y., 1971; Investing in people.-Los-Angeles, 1981. – P. 111; КиреевА. П. Международнаяэкономикав 2-хтомах– Ч. 1.Международная микроэкономика. М., 1998. – 416 с.; Ломакин В. К. Мировая экономика: Учебник для вузов - М., 1998. - 727 с. и др.

Баъзе муаллифон ишора ба он мекунанд, ки ҳаракати молу хизматрасонӣ бо ҳаракати инсонҳо сахт алоқаманд аст ва ин алоқамандӣ дар табиати худ метавонад комплементарӣ бошад ё метавонад як падидаро бо дигар иваз намояд.[44] Масалан, селҳои муҳоҷират ҳаракати интиқолҳои пулиро миёни кишварҳои қабулкунанда ва кишварҳои донори муҳоҷират пешбинӣ мекунад. Дар навбати худ тиҷорати байналхалқӣ дар хидматрасониҳои муайян ва ҷаҳонишавии равандҳои истеҳсолот барои онҳо, ки ин хидматрасониҳоро анҷом медиҳанд ва ҳам барои онҳое, ки аз он истифода мебаранд, сабаби муҳоҷират мешавад. З-ин рӯ, хулоса намудан мумкин аст, ки миёни ҳаракати сармоя ва қувваи корӣ, аз як тараф ва тиҷорат, аз тарафи дигар вобастагии мутақобил вуҷуд дорад.

Тибқи Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, ки дар асоси қатъномаи 45/158 Маҷмааи Умумии СММ аз 18 декабри соли 1990 қабул шудааст, «истилоҳи «муҳоҷирати меҳнатӣ» шахсеро ифода мекунад, ки дар давлате ба фаъолияти пардохтшаванда машғул буд, ҳаст ё мешавад, ки шаҳрвандии онро надорад».[45] Мафҳуми умумӣ дар таърифи категорияҳои алоҳидаи муҳоҷирон дақиқ карда мешавад. Аз рӯйи категорияҳо коргарони наздимарзӣ, муҳоҷирони меҳнатии мавсимӣ, ки вобаста ба лоиҳаи муайян ҳамчун коргари кироя кор мекунанд, коргарони ғайри кироя ва дигар категорияҳоро аз ҳам фаќр мекунанд.

Конвенсия муҳоҷирони меҳнатии ғайрикироя коркунандаро ҳам ба муҳоҷирони меҳнатӣ шомил кардааст. Ба андешаи коршиносон ин намуди муҳоҷират бештар дар фазои пасошӯравӣ густариш ёфтааст ва аз ин рӯ овардани таърифи комил аз категорияи «коргари ғайри кироя» ғайри қобили мақсад мебуд.[46] Таҳти ин мафҳум муҳоҷири меҳнатие фаҳмида

---

[44] Эмиграция из стран с переходной экономикой. http:// www. polit. ru / docs/ 623267. html.

[45] Права человека. Права трудящихся-мигрантов. Фактологический бюллетень № 24. Всемирная кампания за права человека. ООН. – Женева, 1997, август. – С.33.:

[46] Зотова Н.А. Трудовая миграция из Таджикистана. http://www.ia-centr.ru/public_details.php?id=91.

мешавад, ки ба фаъолияти қадршавандае машғул аст, ки кори шартномавии кироя фарқ дорад ва аз ҳисоби ин фаъолият дар танҳоӣ ё бо аъзои оилааш воситаҳои зиндагии худро таъмин мекунад. Дар баробари ин, он метавонад дилхоҳ муҳоҷири меҳнатие бошад, ки дар асоси қонунгузории давлатӣ ё созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ҳамчун коргари ғайри кироя эътироф шуда бошад.[47]

Ба андешаи мо таҳияи маълумоти таърифҳо бо сабаби моҳияти истилоҳи «муҳоҷират» ба вуҷуд омадааст. Агар тасаввур кунем, ки инсон дар макони ҷуғрофии муайян таваллуд шуда, захираҳои мавҷударо (табиӣ, иқтисодӣ ва ғайраро) то синни муайян истифода кардааст, дар ин давра ин нафар бояд захираҳои иқтисодию иҷтимоиро барои истифодаи наслҳои минбаъда ба вуҷуд орад. Вале ин нафар дар ҷустуҷӯйи имкониятҳо маҳалли ҷуғрофии сукунаташро бе он ки барои наслҳои минбаъда захираҳо фароҳам кунад, тарк кард, пас ин нафар муҳоҷир аст, зеро захираҳои имконпазирро дар дигар макони ҷуғрофӣ ба вуҷуд меорад ва ба ин восита маҳалли зисти нахусти худро боз ҳам фақиртар мекунад. Мо бо ин андеша розӣ ҳастем, ки фаъолияти бомузд (кори кироя ё шартномавӣ)-ро муҳоҷирати меҳнатӣ гуфтан мумкин аст. Вале асосҳои (принсипҳои) мафҳуми «муҳоҷират» тағйир меёбад. Муҳоҷират ин ҳаракат аст. Агар инсон ба дигар макони ҷуғрофӣ кӯчида бошад, дар он ҷо бидуни ҳаракат кор кунад, оё дар ин сурат ӯро муҳоҷир номидан мумкин аст? Муҳоҷирати аҳолиро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард: корҷӯйӣ – сабаби асосие, ки дар ҳаёти муҳоҷир ба ӯ ва барои дастгирии оилаи ӯ кумак мекунад; зарурат барои пешравиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва касбӣ; шароити хона; беҳтар кардани шароити зиндагӣ; катаклизмҳои табиӣ ва ниҳоят,

[47] См. напр.: Миграция населения. Вып.2. миграция в России / Под общей ред. О.Д.Воробьевой. – М., 2001. – С. 5; Права человека. Права трудящихся-мигрантов… С. 35.

монеаҳои табиие, ки ба фаъолнокӣ ва заифии муҳоҷират таъсир мекунанд.[48]

Се шакли асосии ҳаракати аҳолӣ вуҷуд дорад: табиӣ-амалӣ гаштан ба воситаи таваллуд ва фавт, фазоӣ-ҷойивазкунӣ дар ҳудуд ва иҷтимоӣ-тағйир ёфтани ҳолати инсонҳо, ба мафҳуми васеъ, дар сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа. Дар адабиёти илмӣ дар бораи моҳияти муҳоҷирати аҳолӣ чун шакли ниҳоии ҳаракати иҷтимоӣ дидгоҳи ягона вуҷуд надорад, шаклҳои гуногуни ҳаракатҳои муҳоҷиршавии аҳолӣ дар низоми ҳудудии тақсимоти меҳнат муттаҳид мешавад.[49]

Заславская Т.И. ва Рибаковский Л.Л. чунин андеша доранд, ки муҳоҷирати аҳолӣ шакли фардии ҳаракат аст. Ҳаракат ҳамчун мафҳуми умумии муҳоҷирати эҳтимолӣ ва воқеӣ баромад мекунад. Ҳаракат ин омодагии комили аҳолӣ барои тағйир додани мавқеи ҳудудии худ мебошад.[50]

Бо такя ба тавзеҳоти зикршуда метавон гуфт, ки муҳоҷират ҳамчун раванд муносибатҳои байниҳамдигарии инсонҳоро дар сатҳҳои мухталифи мавқеъҳои иҷтимоӣ пешбинӣ карда, ба ин васила муносибатҳои миёни миллатҳоро дар чаҳорчӯбаи гурӯҳбандии минтақавӣ таъмин менамояд. Зимнан, асоси муҳоҷирати иқтисодиро фарқиятҳои низоми иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳои манбаи баромади муҳоҷирон ва давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон ташкил медиҳад, сохтори муҳоҷират бошад ба касбият ва баромади қувваи корӣ вобаста аст.

Ҳамин тариқ, таҳти муҳоҷирати иқтисодии қувваи корӣ кӯчидани аҳолии қобили меҳнат аз як давлат ба давлати дигар, аз як воҳиди ҳудудӣ-маъмурӣ ба дигар ба муҳлати бештар ё камтар аз як сол фаҳмида мешавад, ки хусусияти иқтисодӣ, ба монанди пардохти ҳаққи меҳнати баробар ва сармоягузориҳои калон дар сармояи инсонӣ ва ғайра дорад.

[48] Трудовая миграция: информационно – аналитическое обеспечение миграционных процессов в Республике Таджикистан, Материалы Круглого стола, МОМ, Душанбе, 2007, стр.65.
[49]Ионцев В. А., Денисенко Б. А., Хореев Б. С. Миграциология. – МГУ, 1989. – С. 4-10.
[50]Рыбаковский Л.Л. Миграция населения. – Москва, 2001.-С. 18.

Аз ин ҷо хулоса мешавад, ки аз лиҳози назариявӣ муҳоҷирати иқтисодӣ то замоне, ки дар раванди ҳамгироӣ истеҳсолоти ниҳоии меҳнат ва музди меҳнат ба эътидол наояд, идома меёбад.

Вобаста ба ин ва бо дарназардошти гуфтаҳои боло дар адабиёти иқтисодӣ нисбат ба таҳлили раванди муҳоҷират ду равиш вуҷуд дорад.[51]

Дидгоҳҳои муосир ба муҳоҷирати иқтисодии байналхалқӣ, ки ба равиши неоклассикӣ марбутанд, ба ин натиҷа мерасанд, ки ҳар инсон маҳсулоти ниҳоии меҳнати худро ба даст меорад ва истифода мекунад. Ҷонибдорони ин андеша таъкид месозанд, ки муҳоҷират боиси пешравии кишвари қабулкунандаи муҳоҷир мешавад, вале дар ин радиф рушди иқтисодии давлатҳое, ки муҳоҷирон аз он ҷо меоянд, бетағйир боқӣ мемонад.

Намояндагони консепсияи дуюм – неокейнсианӣ имкони бадшавии вазъи иқтисодии кишвари содиркунандаи қувваи кориро, хусусан дар ҳолати коргарони ихтисосманд будани муҳоҷирон эътироф мекунанд.

Аҳаммияти ин ду равишро дар асоси таҳлили фоида ва талафоти кишварҳое, ки қувваи кориро содирот ва онҳое, ки онро воридот мекунанд, арзёбӣ кардан мумкин аст.

Таҳқиқот нишон дод, ки таъсири муҳоҷирати байналхалқӣ ба кишвари содиркунандаи он, дар натиҷаи хориҷ шудани қисме аз қувваи корӣ бозори дохилии меҳнат ба эътидол меояд, ки ин ба баландшавии музди меҳнати сатҳи миёна ва даромадҳои табақаҳои камбизоати аҳолӣ дар ин давлат мусоидат мекунад. Ба ғайр аз ин, муҳоҷират барои баланд бардоштани сатҳи касбияти қувваи корӣ мусоидат мекунад. Коргар техникаи нисбатан пешрафтаи истеҳсолотро дар кишварҳои қабулкунанда истифода бурда, тарзи истифодаи онҳо ва маҳорати ба дастовардаашро дар давлати худ ба кор мебарад. Ин ҳолат ба такмилёбии сармояи инсонии давлатҳои содиркунандаи қувваи корӣ мусоидат мекунад.

---

[51]Bhagwati J. ed. TaxingtheBrainDrain: a Proposal.-Vol. 1-2. - Amsterdam, 1976. – P. 56.

Ниҳоят, муҳоҷират вуруди асъори хориҷиро, ки муҳоҷирон ба кишварҳои худ равон мекунанд, бештар мекунад. Тибқи таърифе, ки дар тавозуни пардохтӣ дода шудааст, интиқоли пул-маблағгузаронии муҳоҷиронест, ки муддати муайян дар хориҷа кор карда, барои таъмини оила ва наздикони худ аз он ҷо фиристодаанд.

Барои кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ ин метавонад маънии аз даст додани коргарони ҷавону бомаҳоратро дошта бошад. Муҳоҷирати коргарони баландихтисос дар адабиёти иқтисодӣ «фирори ақлҳо» ном гирифтааст.

Дар миёни натиҷаҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ метавон тамоили афзоиши муҳоҷирати мутахассисони баландихтисосро ном бурд. Муҳоҷирон аксаран нафарони моҳиртарин ва ангезадори қувваи корӣ дар кишвари худ ҳастанд.

**Ҷадвали 1.3.1. Кишварҳои дорои сатҳи баланди муҳоҷирати хориҷӣ (шумораи умумии муҳоҷирон ва фоизи онҳо аз ҳисоби аҳолӣ дар соли 2017)**

| Мамлакатҳо | Шумораи умумии аҳолии мамлакат (млн. нафар) | Муҳоҷирати аҳолӣ (бо %) |
|---|---|---|
| Тоҷикистон | 8,9 | 10,20[52] |
| Қирғизистон | 6,2 | 12,30 |
| Молдова | 3,5 | 20 |
| Македония | 2 | 21,20 |
| Қазоқистон | 18,19 | 24,30 |
| Гурҷистон | 3,7 | 26,40 |
| Арманистон | 2,9 | 29,20 |
| Ӯзбекистон | 32,3 | 11,30 |
| Албания | 2,8 | 45,40 |

***Манбаъ:*** Маълумоти Созмони Байналмилалии муҳоҷират. Солномаи демографии ҶТ. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, АОПҶТ, 2017. - С.26.

Чи тавре ки аз ҷадвал бармеояд, 45,4 %-и аҳолии Албания дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Гарчанде дар ҳисоботи ташкилотҳои

[52]Миграционной службы Министерства труда, миграции и занятости населения Таджикистана (http://www.news.tj/ru/news/fms-v-rossii-bolshe-vsego-migrantov-iz-uzbekistana-i-tadzhikistana).

байналхалқӣ микдори муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ними аҳолӣ гуфта мешавад, нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки шумораи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон бо фоиз нисбати шумораи умумии аҳолӣ 10,2%-ро ташкил медиҳад. Сабаби асосии зиёд будани шумораи муҳоҷирони ин давлатҳо фарқияти музди кор дар давлатҳои гуногун мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ равандҳои муҳоҷирати байналхалқии кадрҳои баландихтисос ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи нави ҷаҳонӣ шуда, миқёси сифатан дигарро фаро мегиранд. Ин навъи (категория) муҳоҷирон яке аз омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии давлатҳо мебошанд.

Ҳамин тариқ, мо мутмаин шудем, ки натиҷаҳои муҳоҷирати байналхалқӣ барои кишварҳои содиркунанда ва воридкунандаи қувваи корӣ симметрӣ нестанд. Аз як тараф ангезаҳои асосӣ ба муҳоҷират фарқият дар даромадҳо аст, ки дар кишвари қабулкунанда амалан ё эҳтимолан имкони пайдо кардани ҷойи кории мувофиқ вуҷуд дорад. Аз тарафи дигар, корфармоён дар истифодаи меҳнати муҳоҷирон танҳо ба хотири бештар кардани имкониятҳои истеҳсолӣ манфиатдор нестанд, балки ин амал ба он сабаб низ ҳаст, ки қувваи кории хориҷӣ пешниҳодҳоро дар қисми муайяни касбии бозори меҳнати мамлакат зиёд мекунад. Ин ҳолат ба ширкатҳое, ки таҳти фишори рақобат қарор доранд, вале сармояи маҳдуд барои маблағгузории такмилдиҳӣ доранд, имкон медиҳад, ки худро аз барҳамхӯрӣ эмин доранд.

Аз ин рӯ, дар дигар шароити баробар кишварҳои воридкунандаи ин намуди қувваи корӣ мавқеи худро дар сабқати рақобат мустаҳкам мекунанд, аммо кишварҳои содиркунанда ба ин тартиб заиф мешаванд. Ин амал фосиларо миёни кишварҳои аз лиҳози технологӣ пешрафта ва ақибмонда боз ҳам бештар мекунад. Солҳои охир равандҳои муҳоҷират на танҳо бо афзоиши миқёс, балки бо ташаккули падидаҳои наве, ки дар гузаштаи наздик мушоҳида нашудаанд, тавсиф мешаванд. Махсусан, чунин падида дар он зоҳир мешавад, ки пештар кишварҳои

қабулкунандаи қувваи кориро аз кишварҳои таҳвилдиҳанда дақиқан ҷудо кардан мумкин буд.

Ба андешаи мутахассисон ин падидаро метавон ҳамчун табодули иқтидори корӣ миёни кишварҳо таъриф дод.[53] Ин пеш аз ҳама интиқоли захираҳои меҳнатии кофӣ дар дохили кишварҳои дар ҳоли рушд ва мамолики дорои иқтисоди гузаришӣ мебошад, ки сели муҳоҷиратро ба кишварҳои зуд татбиққунандаи ислоҳоти бозорӣ собит мекунад.

Баъдан, сафарҳои муваққатии даврии муҳоҷирон дар ҳоли афзоиш аст. Коргарон ба муҳлати се ё шаш моҳ ба хориҷа мераванд, сипас ба хона бозмегарданд ва боз мераванд ва ҳамин тариқ ин сафари даврӣ идома мекунад. Баъзе аз онҳо-тоҷирони миёна мебошанд, ки молу колои нисбатан камро тавассути марзҳо ба муддати якчанд рӯз интиқол медиҳанд. Муҳоҷирони меҳнатии кӯтоҳмуддат ва намояндагони ақаллиятҳои миллие, ки солҳои 1990 кишварро тарк карда буданд ва ҳоло бозмегарданд, ба ин гурӯҳ (категория) дохил мешаванд.

Ва ниҳоят, афзоиши доимии муҳоҷирати аҳолӣ дар миқёси ҷаҳонӣ мушоҳида мешавад. Тибқи арзёбиҳо ва ҳисобҳои расмии Созмони Байналмилалии Муҳоҷират солҳои 60-уми асри гузашта шумораи умумии муҳоҷирон дар ҷаҳон 65 млн. нафарро ташкил медод. Соли 2010 ин шумора то 214 млн. афзуда, тибқи ҳисобҳо дар соли 2050 то 405 млн. нафар мерасад. [54]

Афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мушоҳида мешавад. Тибқи маълумоти коркардшудаи варақаҳои муҳоҷирати Хадамоти муҳоҷирати Тоҷикистон, анбуҳи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар соли 2016 барои кор ба хориҷ рафтаанд 709,4 ҳазор нафарро ташкил дод,[55]

---

[53]Доклад о человеческом развитии в Центральной Азии, ПРООН, 2005, с. 159-188. http://europeandcis.undp.org/index.cfm?wspc=CAHDR2005_ru).

[54]Источник: Центр новостей ООН, от 29. 11. 2010 года.
[55]Из отчетов Миграционной службы при Правительстве Республики Таджикистан, 2010 год.

ки дар муқоиса бо соли 2009 зиёд буд, зеро дар соли 2009 ин нишондод ба 627 ҳазор нафар баробар буд.

Сатҳи бениҳоят пасти музди меҳнат омили асосии хориҷ шудани муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон аст. Тибқи маълумоти Хадамоти шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи ҷойҳои кории холӣ охири соли 2014 дар қиёс ба соли 2004 қариб ду баробар кам шуда, 11,2 ҳазор ҷойи кориро ташкил дод,[56] ки мусалламан талаботи қувваи кориро қонеъ намекунад. Ҷараёни асосии муҳоҷирати меҳнатии ҷумҳурӣ ба кишварҳои ИДМ равона шуда, аз он 95% мутааллиқ ба Федератсияи Россия аст. Шумораи боқимондаи муҳоҷирон ба кишварҳои хориҷи дуру наздик сафар мекунанд. 72% муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон бештар аз 6 моҳ, 43,4% то 12 моҳ, 29,1% зиёда аз 12 моҳ ва танҳо 27,5% камтар аз шаш моҳ дар оила ҳузур надоранд.

Дар муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ асосан мардҳои ҷавон ширкат мекунанд. Дар миёни муҳоҷирони меҳнатӣ мардҳо 94,3%, занҳо 5,7%, ҷавонони синни 15-29-сола 56% ва ашхоси синнашон миёна (30–49-сола) 40,5%-ро ташкил медиҳанд. Синни миёнаи муҳоҷирони меҳнатӣ 30 сол аст. Танҳо ҳар панҷум муҳоҷири меҳнатӣ (21,9%) сатҳи муайяни таҳсилоти касбӣ дорад, ки аз он 8,8% таҳсилоти олӣ, 5,1% таҳсилоти миёна ва 6,9% таҳсилоти ибтидоии касбӣ гирифтаанд. Бештар аз 63% муҳоҷирони меҳнатӣ таҳсилоти миёнаи пурра, 13,3% умумии асосӣ ва 2% ибтидоӣ доранд. [57]

---

[56]Положение на рынке труда в Республике Таджикистан (по результатам обследования рабочей силы июнь-июль 2009 года), Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Регионы Таджикистана2017г. стр.36.

[57]Положение на рынке труда в Республике Таджикистан (по результатам обследования рабочей силы июнь-июль 2009 года), Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан.

Ҳолати мазкур муайян мекунад, ки Тоҷикистон ҳаҷми нисбатан хурди иқтидори кориро аз даст медиҳад. Вале муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ имкониятҳои навро барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ боз мекунад.

Ҳамин тариқ, муҳоҷират новобаста ба гуногунии зоҳиршавиаш хориқаи мусбат аст. Вале бояд аз баъзе ҷанбаҳои манфии он бояд раҳо ёфт, то худи муҳоҷирон ва ҷомеаҳо ва давлатҳои онҳоро қабулкунанда тавонанд комилан аз ҳама захираҳо ва бартариҳое, ки ин падида дорад, баҳравар шаванд. Таҳқиқи равандҳои муҳоҷират нишон медиҳад, ки муҳоҷират ҳамчун тасбитгари иқтисодҳои миллӣ хеле муҳим аст. Дар натиҷаи муҳоҷирати аҳолӣ номуътадилӣ дар бозорҳои меҳнати кишварҳои мухталиф, аз ҷумла дар Тоҷикистон бартараф мешавад.

Дар асоси таҳлили ақидаҳо ва маълумотҳои мавҷуда хулоса намудан мумкин аст, ки сабаб ва омилҳои асосии муҳоҷират инҳо мебошанд:

1.Иқтисодӣ - яъне аҳолӣ пайваста барои беҳтар намудани шароити зисти худ ва барои ҷустуҷӯйи музди кори зиёдтар кӯшиш менемоянд. Ин ҳама омилҳои иқтисодии муҳоҷират мебошад. Онҳо чун қоида водор месозанд, ки аҳолии қобили меҳнат ба давлатҳои тараққикарда ҳаракат намоянд. Масалан: қисмати бештари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ФР ҳаракат менамоянд, ки сабаби асосияш фарқияти музди кор дар байни ду давлат мебошад.

Ба сабабҳои асосии иқтисодии муҳоҷират инҳо дохил мешаванд:

- сатҳи гуногуни тараққиёти давлатҳо, ки дар сатҳи музди кор намудор мегардад;

- номувофиқати байни асосҳои моддӣ-техникии давлат ва шумораи кормандону сатҳи маълумотнокии онҳо;

- шумораи гуногуни қувваи корӣ ва ҳаҷми бозори меҳнат.

2. Иҷтимоӣ – ин сабаби муҳоҷирати аҳолӣ танҳо бо мақсади ҳамроҳ шудан бо оила ва хешу табор ё барпо намудани оила ба вуҷуд меояд.

3. Фарҳангӣ – яъне баргаштани аҳолӣ ба ватани таърихии худ. Масалан: дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ қисми зиёди русзабонҳо, олмониҳо, қазоқҳо ва дигар миллатҳо аз Тоҷикистон ба ватанҳои таърихии худ баргаштанд.

4. Сиёсӣ – омили асосӣ барои муҳоҷирати сиёсӣ ивазшавии сохти ҳукумат дар мамлакат мебошад, ки ба мавқеи шахсони алоҳида сиёсати давлат мувофиқат намекунад.

5. Ҷангҳо – яъне бад шудани вазъи сиёсӣ боиси он мегардад, ки аҳолӣ аз маҳалҳои зисташон маҷбуран фирор кунанд. Ин шакли муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар солҳои 1990-ум вуҷуд дошт.

Дар асоси таҳлили назариявии масъалаи муҳоҷирати аҳолӣ дар боби аввали диссертатсия чунин хулосаю пешниҳодҳо намудан мумкин аст:

- ба назарияи муосири муҳоҷират мактаби неоклассикӣ замина гузоштааст, ки муҳоҷирати деҳот-шаҳриро ҳамчун қисмати таркибии қонунияти раванди тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ менамояд, ки бо ёрии он захираҳои меҳнатии зиёдатӣ аз минтақаҳои кишоварзӣ ба истеҳсолоти саноатии шаҳрҳо равона мегарданд (У. Люис, М. Тодаро, Ҷ. Харис).
- Гарчанде, ки дар амсилаи Хекшер ва Олин раванди баробарсозии нархҳои омилҳои истеҳсолот дар ниҳояти кор ба наздикшавии байни сатҳи музди кори ҳудуди муайяншуда ва ҳудуди рафтаи муҳоҷирон мегардад, дар ин ҳол ин амсила, неокласикҳоро аз ҳад назариявӣ намуда, фаҳмиши воқеии мушаххаси таъсири муҳоҷиратро ҷамъият-донорҳои муҳоҷирон муайян карда наметавонанд.
- Таҳлили назарияи неокласикии муҳоҷират нишон дод, ки назарияи мазкур худро дар назарияи «рушдиҳии» (девелопменталистӣ) саноатикунонӣ зоҳир намудааст, ки муҳоҷиратро ҳамчун рушдиҳии хушбин ва рушдиҳии бадбин баррасӣ менамояд.
- Дар қисмати муайян намудани мафҳуми ин қисм (категория) то

инҷониб баҳсҳо оид ба мафҳум идома доранд ва таърифҳои гуногуни мафҳуми «мигрант», «муҳоҷират», «зудҳаракатӣ» пешниҳод карда шудаанд, ки имкон дод, то таърифи муаллифиро оид ба ин мафҳум пешниҳод намоем, ки дар он зоҳир мегардад, ки муҳоҷират-ҳаракати фард ё гурӯҳи инсонҳо аст, ки дар он убури марзҳои маъмурӣ ё давлатӣ бо тағйирот (бақайдгирӣ) ё бе тағйироти (бидуни бақайдгирӣ) маҳалли зисти доимӣ ба амал меояд. Бо такя ба ин тавзеҳ метавон гуфт, ки шумори муҳоҷирон ба маротиб афзудааст, зеро дар тавзеҳи мо шумораи муҳоҷирони ғайриқонунӣ ҳам дар назар дошта шудаанд, ки дар макони будубоши худ муддати тӯлонӣ бе тағйир додани маҳалли зист ва ба таври муваққатӣ сукунат доранд ва лозим ба бақайдгирӣ нестанд.

- Муайян карда шуд, ки дар шароити муосир яке аз омилҳои муҳимми

таъсиррасонанда ба муҳоҷирати аҳолӣ ин сабаб ва омили иқтисодӣ мебошад. Зеро бештари аҳолии ҷумҳурӣ маҳз ба хотири дарёфти даромади зиёдтар ба муҳоҷирати байналхалқӣ мепайванданд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ИҚТИСОДӢ

## 2.1. Таҳлили тамоюли муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ

Раванди ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ умуман дар низоми иқтисодӣ ва ҳамзамон дар бозори меҳнат тағйироти ҷиддиро ба вуҷуд овардaнд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки кам шудани истеҳсолот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ, дар шароити сатҳи баланди беқурбшавии пул сабаби паст шудани арзиши қуввaи корӣ гардиданд ва равандҳои хусусигардонӣ боиси аз бахшҳои давлатӣ ихтисор шудани қуввaи корӣ ва кам шудани талабот ба қуввaи кории иловагӣ барои давлат ва бахши хусусӣ шуданд. Тағйирот дар рушди иқтисодӣ ба равандҳои истеҳсолии аҳолӣ таъсир накарданд. Аҳолӣ бошад дар ин давр тез афзоиш меёфт (**ба расми 2.1. 1 нигаред**).




Расми 2.1. **Суърати афзоиши аҳолӣ ва тағйирёбии шумораи аҳолии қобили меҳнат дар солҳои 2011-2017**

Дар расми 2.1.1. дида мешавад, ки тӯли солҳои охир (2010–2017) аҳолии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна ҳамасола 2,3% зиёд шуда, аҳолии

қобили меҳнати мамлакат ҳамасола 2,6% афзоиш ёфтааст. Ин ҳолат далели афзоиши иқтидори захираҳои иқтисодии мамлакат аст ва ба ақидаи мо омили асосии афзоиши арзаи қувваи корӣ ба ҳисоб рафта, яке аз сабабҳои кӯчиши аҳолии қобили меҳнат ба хориҷи кишвар низ мегардад. Суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ, ба ақидаи мо, дар оянда низ зиёдшавии арзаи қувваи кориро нисбат ба тақозо ба қувваи корӣ дар дохили мамлакат таъмин менамояд.

Таҷрибаи фаъолияти иқтисоди давлатҳои пешрафта ва ҳамчунин кишвари мо собит месозанд, ки бозори меҳнат ба ҳаракати қувваи корӣ, ба гардиши он дар дохили мамлакат, минтақа ва берун аз ҳудуди онҳо таъсир мерасонад. Ин ба нобаробар ҷойгиршавии қувваи истеҳсолӣ дар мамлакат, сатҳи рушди саноатӣ ва кишоварзӣ вобастагӣ дорад.

Чунонки аз маълумоти расмӣ мушоҳида мешавад, аҳолии мамлакат дар солҳои 2011-2017 тамоили афзоиш доштааст. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолии қобили меҳнати мамлакат 53,7 %-и шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳад. Ҳамчунин сохтори ҷинсӣ ва синнусолии ҷавони аҳолӣ имкон медиҳад хулоса намоем, ки ҳукумати кишвар бояд барои тамоми захираҳои меҳнатӣ, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатии бозгашта, ҷойҳои корӣ таъсис диҳад.

Хусусияти рушди демографии ҷумҳурӣ рушди иқтидори меҳнатиро пешакӣ муқаррар кардааст. Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 дар муқоиса бо соли 2011 бештар аз 1202,8 ҳазор нафар зиёд шудааст. Нишондоди охир дар тамоми маълумотҳои бозори меҳнат, махсусан дар оморҳои аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъол ва машғул ба иқтисод сабт шудааст (ба ҷадвали 2.1.1. нигаред).

**Ҷадвали 2.1.1. Ҷараёни инкишофи нишондодҳои бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2017 (бо %)**

| Нишондодҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи миёнаи солонаи аҳолӣ, аз ҷумла | 7807,2 | 7987,4 | 8161,1 | 8352,0 | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 |
| Захираҳои меҳнатӣ бо %, аз онҳо | 59,7 | 60.0 | 59,5 | 59,6 | 59,7 | 59,7 | 53,2 |
| Аҳолии фаъоли иқтисодӣ | 29,4 | 29,3 | 28,9 | 28,5 | 28,4 | 27,8 | 28,2 |
| Машғул дар иқтисод | 32,4 | 35,4 | 37,9 | 38,9 | 38,0 | 39,1 | 38,3 |
| Бекорони расман эътирофшуда | 2,3 | 2,4 | 2,3 | 2,4 | 2,3 | 2,3 | 2,2 |
| Аҳолии ғайрифаъоли иқтисодӣ | 30,2 | 30,6 | 30,5 | 31,1 | 31,2 | 31,8 | 31 |

**Таҳияи муаллиф дар асоси: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017, с. 5. Тоҷикистон дар рақамҳо. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, – 2017. С. 42, 44.**

Аз ҷадвали 2.1.1. метавонем мушоҳида кунем, ки ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби аҳолӣ бетағйир боқӣ монда, танҳо дар соли 2012 афзоиши он ба назар мерасад. Дар ҳоле, ки ҳиссаи аҳолии фаъоли иқтисодӣ то андозае поён рафта, аз 29,4% ба 27,8% расидааст. Нишондодҳо дар бораи бекорони расман ба қайдгирифташуда дар ҳадди 2,3% вазъи муътадил дорад. Вале маълумоти нишондиҳандаи шумораи ғайрифаъоли иқтисодӣ то 1,6% афзудааст. Ҳолати мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вазъи таъсиси ҷойҳои корӣ дар иқтисод ё барзиёдии кор суст ба роҳ монда шудааст.

Барзиёдии захираҳои меҳнатӣ-падидаи хоси бозорҳои кишварҳои дар ҳоли рушд, аз ҷумла Тоҷикистон аст. Тибқи назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот ин на танҳо сабаби махсусгардонии содироти молҳои меҳнатталаб, балки сабаби муҳоҷирати қувваи корӣ низ мешавад.

Амсилаи дорои арзаи барзиёди қувваи корӣ дар назарияҳои неоклассикҳо то ҷое ба ҳадди комил кашф шудааст. Дар кашфи ин амсила хидмати барандаи ҷоизаи Нобел Уилям Артур Люис хеле бузург аст.

Асоси таҳлили бозори меҳнатро муайян кардани талабот ба қувваи корӣ ва пешниҳодҳои он ташкил медиҳад.

Хусусияти бозори меҳнати Тоҷикистони муосирро мутобиқат накардани талабот ва пешниҳод ташкил медиҳад. Вале бояд қайд намуд, ки ин хусусият танҳо марбут ба кишвари мо нест, балки ба ҳама давлатҳое, ки иқтисоди гузаришӣ доранд, дахл дорад. Фарқият танҳо дар ин аст, ки муайян кунем, аз ду унсури бозори меҳнат кадом бартарӣ дорад: талабот ба меҳнат ё пешниҳодҳои он?

Талабот ба қувваи корӣ аз вазъи иқтисодӣ, сатҳи механизатсия ва автоматизатсияи меҳнат ва ҳамчунин арзиши он вобастагӣ дорад. Пешниҳоди қувваи корӣ аз иқтидори меҳнатӣ (шумора, фаъолнокӣ, сатҳи маълумотнокӣ, касбият, ҳаракат), андозаи музди меҳнат, анъана ва маросим муайян карда мешавад.

Дар ҷумҳурӣ захираи асосии арзон қувваи корӣ аст. Вале дар ин ҳолат муайян кардан муҳим аст, ки чӣ гуна он истифода мешавад, вобаста ба соҳа ва минтақаҳо чӣ гуна тақсим мешавад, талабот ба он чӣ гуна аст ва пешниҳодҳои он дар кадом ҳолатанд.

Нишондоди асосие, ки ба шаклгирии талаботу пешниҳодҳои бозори меҳнат таъсир мекунад, музди меҳнат аст. Ҳавасмандии нафарони соҳибистеъдод ба меҳнат ва пешниҳод кардани маҳорати худ дар ивази подош маҳз аз сатҳи музди меҳнат вобаста аст.

Агар ба таҳлили ҷараёни инкишофи музди меҳнат дар ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ кунем, нишондодҳои охир чунинанд (ба ҷалвади 2,3 нигаред).

Чунонки аз ҷадвали 2,3 дида мешавад, сатҳи музди меҳнат дар Федератсияи Россия нисбат ба кишвари мо хеле бештар аст ва ин ангезае барои рафтани аҳолии қобили меҳнати мо ба он ҷо мешавад. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки сатҳи музди меҳнат дар Тоҷикистон бо вуҷуди тамоил ба афзоиш доштан, дар муқоиса бо музди меҳнат дар Россия дар сатҳи паст боқӣ мемонад. Агар соли 2009 музди меҳнат 68,8 доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2016 ин нишондод ба 122,8

доллар баробар шудааст. Музди миёнаи меҳнати моҳона дар Россия дар ҳамин давра аз 284,3 доллари соли 2009, дар соли 2016 то 962,16 доллар расидааст. Таносуби музди миёнаи моҳона дар Россия 18,7%-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки ангезаи асосии фаъолнокии аҳолӣ дар муҳоҷират фарқият дар музди меҳнат аст, ки барои ба кор рафтани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷ, махсусан ба Федератсияи Россия мусоидат мекунад.

**Ҷадвали 2.1.2. Таносуби музди миёнаи меҳнатии моҳонаи коргарони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар солҳои 2009–2016**

| | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2016 % 2009 с. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| I. Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br>• Музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнати коргарон, сомонӣ<br>• Бо доллари ИМА | 284,3<br>68,8 | 354,4<br>80,9 | 442,1<br>95,9 | 555,29<br>116,6 | 694,89<br>145,9 | 816,27<br>165,4 | 878,91<br>142,6 | 962,16<br>122,8 | 29,5<br>56 |
| II. Федератсияи Россия:<br>• Музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнати коргарон,<br>Бо доллари ИМА | 588,3 | 681,5 | 796,2 | 886 | 915 | 828 | 551 | 656 | 89,6 |
| Таносуб дар музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии коргарони ФР бо % | 11,7 | 11,9 | 12,1 | 13,1 | 15,9 | 19,9 | 25,8 | 18,7 | 62,5 |

Манбаъ: Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 229. Тоҷикистон дар рақамҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2017. - С. 199

Барои ошкор кардани ангезаҳои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҷониби мо миёни муҳоҷирони дохилӣ, ки дар соҳаҳои сохтмону хизматрасонӣ (мошиншӯйӣ, тиҷорат ва амсоли инҳо) фаъолият мекунанд, пурсиш

гузаронда шуд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки қисми бештари муҳоҷирони меҳнатии дохилиро дар пойтахт сокинони вилояти Хатлон (56% аз шумораи умумии пурсидашудагон, 17% сокинони вилояти Суғд, 23% сокинони ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва 4% сокинони ВМКБ) ташкил медиҳанд.

Новобаста ба ин ки маълумоти оморӣ бозори мамлакатро комилан фаро намегирад, бояд қайд кунем, ки баландшавии музди миёнаи меҳнат аз ҳисоби бозсозиҳои ниҳодӣ ба амал меояд ва ба таври басҳбарангез талабот ба қувваи корӣ ҳам меафзояд. Чандири баланди арзаи меҳнат танҳо дар базъе соҳаҳо ба монанди алоқа, хидматрасониҳои молиявӣ ва амсоли инҳо дида мешавад. Дар дигар соҳаҳо ба сабаби кам будани музди меҳнат ва мувофиқ ба меъёрҳои ҳадди ниёз будани он кормандон бе завқ ба кор мераванд. Масалан, бештар аз ҳама тарк кардани кор ба сабаби камтарин музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ мушоҳида мешавад.

Қобили зикр аст, ки дар шароити норасоии захираҳои сармоявӣ, фарсудагии фондҳои истеҳсолӣ, мавҷуд набудани сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ба соҳаи саноат, сатҳи пасти музди меҳнат дар ин соҳа ба ин соҳаи иқтисод, яъне ба саноат сафарбар шудани қувваи барзиёди аҳолии деҳот ба амал намеояд, чунонки дар амсилаи (модел) пешниҳодкардаи Люис оварда шудааст. Барои таъмини шароити беҳтари зиндагӣ ин захираи барзиёди меҳнатӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад.

Ҳамин тариқ, дар чаҳорчӯбаи амсилаи (модул) барзиёдии пешниҳоди қувваи корие, ки ба шароити Тоҷикистон мутобиқ аст, тамоили муҳоҷиршавии қувваи корӣ беруна аз қаламрави мамлакат мушоҳида мешавад. Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ барои Тоҷикистон ба тамоили хос табдил шуда истодааст. Он қисми аҳолӣ, ки бекор мондаанд, бо кишварҳои хориҷӣ, хосатан ба Россия ва Қазоқистон муҳоҷир мешаванд. Ҳамчунин, бо сабаби ҷиддӣ гардидани қонунгузории ФР нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ, аксари аҳолии қобили меҳнати мамлакат имкони

идома додани кор дар Россияро надоранд. Қисме аз онҳоро рондаанд (депорт) ва онҳо ба сабаби буҳрони иқтисодӣ наметавонанд ҷойи кор пайдо кунанд. Тибқи маълумоти дастрасшуда, шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз муҳоҷират бозгаштаанд, бештар аз 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки ҳоло бояд дар бозори меҳнати дохилӣ ҷойи кор пайдо кунанд.

Муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ба тағйирёбии шумораи он танҳо мустақим, яъне дар натиҷаи мизони манфӣ таъсир намегузорад, балки ғайримустақим низ, яъне ба воситаи мавқуф гузоштани таваллуди кӯдак, бад шудани вазъи саломатии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ ва амсоли ин таъсир мекунад. Муҳоҷирати доимии оммавии захираҳои меҳнатӣ ба хориҷи кишвар барои рушди демографии кишварҳои содиркунанда дар дурнамои дарозмуддат метавонад натиҷаҳои ногувор дошта бошад.

Муқоисаи фоида ва зиёни содироти қувваи корӣ, асосан аз миқёси мамлакат, сатҳи рушди иқтисодии он, шумораи аҳолӣ, инчунин аз чигунагии ҳайати касбии муҳоҷирон, баромади иҷтимоии онҳо ва ноҳияҳои мамлакат, ки муҳоҷират бештар аз он ҷо маншаъ мегирад, вобастагӣ дорад. Масалан, дар кишварҳои хурде, ба монанди Тоҷикистон, ки сатҳи тараққиёти паст дорад ва он ҳам аз вазъи бахши кишоварзӣ вобаста аст, муҳоҷирати бидуни танзими аҳолии деҳот ба кишварҳои хориҷ боиси норасоии қувваи корӣ ва таназзули хоҷагии қишлоқ мегардад.

Бо дарназардошти ин, муҳоҷирати аҳолиро ба доимӣ (бебозгашт) ва муваққатӣ ҷудо кардан мумкин аст. Муҳоҷирати бебозгашт ба тағйири ниҳоии ҷойи истиқомати доимӣ алоқамандӣ дорад. Он, ҳамзамон ба ду шарт ҷавобгӯ аст: якум, аҳолӣ аз маконе ба макони дигар мекӯчад; дувум, ин кӯчиш ҳамроҳ бо ивазшавии ҷойи истиқомати доимӣ сурат мегирад. Муҳоҷирати бебозгашт (бо тағйирёбии ҷойи истиқомат) ба суръати афзоиши шумораи ҳайати ҷинсӣ-синнусолии аҳолӣ мустақиман таъсир мерасонад. Бақайдгирии муҳоҷирати бебозгашт аз ҷониби мақомоти омор

дар асоси талонҳои воридшавӣ (бақайдгирӣ) ва хориҷшавӣ (азқайдбарорӣ) амалӣ мешавад, ки дар шуъбаҳои шиносномадиҳии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон пур карда мешаванд.

Миқдори солонаи муҳоҷирати бебозгашт (дохилӣ ва хориҷӣ) дар давоми 15 соли охир дучори тағйироти назаррас шуда, пас аз афзоиши якбора дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX (бештар аз 200 ҳазор нафар дар соли 1993) аз соли 1994 то 2000-ум камшавии он мушоҳида мешавад. Дар солҳои минбаъда гардиши муҳоҷирати бебозгашт афзоиш ёфта, соли 2000-ум ба 6,1% баробар шуд. Гардиши муҳоҷират дар шаҳрҳо соли 2010 27,9 ҳазор нафарро ташкил дод, ки ин нишондод соли 2000 ба 26,2 ҳазор нафар баробар буд. Соли 2016 ин нишондод ба 29,6 ҳазор нафар расидааст. Дар деҳот гардиши муҳоҷират дар соли 2000 16,5 ҳазор ва соли 2016 41,3 ҳазор нафарро ташкил дод. Аз маълумоти оморӣ бармеояд, ки дар давоми 16 сол, яъне аз соли 2000 то 2016 гардиши муҳоҷират аз 42,670 то 70942 нафар афзоиш ёфтааст.

Соли 2016 шумораи нафарони ба ҷумҳурӣ воридшуда 14,3 ҳазор нафарро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2000 11,9% афзудааст. Шумораи хориҷшудагон низ дар давраи мазкур тамоил ба афзоиш дорад. Агар соли 2000 шумораи хориҷшудагон 11981 нафарро ташкил дода бошад, пас дар соли 2016 ин нишондод ба 15266 нафар баробар шудааст. Нишондоди афзоиши муҳоҷират дар давраи таҳқиқшуда ҳамоно манфӣ боқӣ мемонад ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шумораи нафароне, ки барои кор ба хориҷа мераванд, нисбат ба нафарони воридшаванда хеле зиёд аст. Ҷараёни муҳоҷиршавӣ аз деҳот дар соли 2016 8,9 ҳазор нафарро ташкил дод, ки дар муқоиса бо соли 2005 35,8% кам аст. Вобаста ба маҳалҳои шаҳрнишин соли 2016 890 нафарро ташкил додааст, ки дар қиёс бо соли 2007 30,8% кам шудааст.

Дар умум, солҳои 2005–2016 камшавии муҳоҷират аз маҳалҳои шаҳрнишин 20,2 ҳазор нафар ва аз деҳот 75,7 ҳазор нафарро ташкил

додааст.[58] Дар давраи солҳои 2000 то 2016 дар рушди равандҳои муҳоҷирати сатҳи минтақавӣ тағйирот ба амал омад. Афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ бо тағйири ҷойи истиқомати сокинони вилояти Хатлон, ВМКБ ва НТҶ мушоҳида мешавад. Гардиши муҳоҷират аз ВМКБ 2,3 маротиба афзоиш ёфта 2,4 ҳазор нафарро ташкил додааст. Аз вилояти Хатлон дар муқоиса бо соли 2005 30,2% (21,4 ҳазор нафар) ва аз НТҶ 22,7% (8,2 ҳазор нафар) афзуда, аз вилояти Суғд нисбат ба соли 2005 кам шудааст (3343 нафар).[59] Натиҷаҳои муҳоҷирати аҳолӣ вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҷадвали 2.1.3. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.1.3. Натиҷаҳои муҳоҷирати аҳолӣ вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000–2016 (нафар)**

| | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | | | | | | | |
| ***Маҳаллаҳои шаҳрӣ*** | | | | | | | | | |
| Шумораи воридшудагон, нафар | 10708 | 11417 | 12374 | 11761 | 10445 | 12071 | 12886 | 14825 | 14376 |
| Шумораи хориҷшудагон, нафар | 15509 | 15977 | 15513 | 14085 | 11709 | 11981 | 15016 | 13154 | 15266 |
| Афзоиши муҳоҷират | -4801 | -4560 | -3139 | -2324 | -1264 | 90 | -2130 | 1671 | -890 |
| Гардиши муҳоҷират | 26217 | 27394 | 27887 | 25846 | 22154 | 24052 | 27902 | 27979 | 29642 |
| ***Маҳаллаҳои деҳот*** | | | | | | | | | |
| Шумораи воридшудагон, фар | 3774 | 5312 | 5361 | 5162 | 4799 | 5891 | 16751 | 20491 | 18960 |
| Шумораи хориҷшудагон, фар | 12679 | 13167 | 14706 | 13851 | 12954 | 15330 | 21118 | 26981 | 22340 |
| Афзоиши муҳоҷират | -8905 | -7855 | -9345 | -8689 | -8155 | -9439 | -4367 | -6490 | -3380 |
| Гардиши муҳоҷират | 16453 | 18479 | 20067 | 19013 | 17753 | 21221 | 37869 | 47472 | 41300 |
| ***Ҳамагӣ*** | | | | | | | | | |
| Шумораи воридшудагон, фар | 14482 | 16729 | 17735 | 16923 | 15244 | 17962 | 29637 | 35316 | 33336 |
| Шумораи хориҷшудагон, фар | 28188 | 29144 | 30219 | 27936 | 24663 | 27311 | 36134 | 40135 | 37606 |
| Афзоиши муҳоҷират | -13706 | -12415 | -12484 | -11013 | -9419 | -9349 | -6497 | -4819 | -4270 |
| Гардиши муҳоҷират | 42670 | 45873 | 44954 | 44859 | 39907 | 45273 | 65501 | 75451 | 70942 |
| **Вилояти Суғд** | | | | | | | | | |
| *ҳамагӣ* | | | | | | | | | |
| Шумораи воридшудагон, фар | 4505 | 5728 | 5423 | 5953 | 5128 | 5236 | 9794 | 7306 | 6198 |

[58] Миграция населения РТ за 2000-2005 годы..(Данные Государственный комитет статистики РТ для служебный пользований) июнь 2006. –С. 4
[59] Источник: Центр новостей ООН, от 29. 11. 2010 года.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи хориҷшудагон, фар | 10481 | 11434 | 10563 | 9995 | 8083 | 8068 | 12431 | 9472 | 8445 |
| Афзоиши муҳоҷират | -5976 | -5706 | -5140 | -4042 | -2955 | -2832 | -2637 | -2166 | -2247 |
| Гардиши муҳоҷират | 14986 | 17162 | 15986 | 15948 | 13211 | 13304 | 22225 | 16778 | 14643 |
| **Вилояти Хатлон** | | | | | | | | | |
| *Ҳамагӣ* | | | | | | | | | |
| Шумораи воридшудагон, фар | 1953 | 2282 | 2494 | 2020 | 2393 | 2714 | 6860 | 12844 | 13445 |
| Шумораи хориҷшудагон, фар | 7342 | 7969 | 8364 | 8049 | 8311 | 9217 | 11359 | 17850 | 17308 |
| Афзоиши муҳоҷират | -5389 | -5687 | -5870 | -6029 | -5918 | -6503 | -4499 | -5006 | -3863 |
| Гардиши муҳоҷират | 9295 | 10251 | 10858 | 10069 | 10704 | 11931 | 18219 | 30694 | 30753 |
| **ВМКБ** | | | | | | | | | |
| *Ҳамагӣ* | | | | | | | | | |
| Шумораи воридшудагон, фар | 334 | 513 | 451 | 308 | 193 | 336 | 531 | 638 | 638 |
| Шумораи хориҷшудагон, фар | 964 | 862 | 1212 | 919 | 1205 | 2058 | 1751 | 1833 | 1834 |
| Афзоиши муҳоҷират | -630 | -349 | -761 | -611 | -1012 | -1722 | -1220 | -1195 | -1196 |
| Гардиши муҳоҷират | 1280 | 1375 | 1663 | 1227 | 1398 | 2394 | 2282 | 2471 | 2472 |
| ш. **Душанбе** | *душанб* | | | | | | | | |
| ***Маҳаллаҳои шаҳрӣ*** | | | | | | | | | |
| Шумораи воридшудагон, фар | 5772 | 5486 | 6475 | 5897 | 4869 | 6276 | 3396 | 4943 | 5193 |
| Шумораи хориҷшудагон, фар | 4826 | 4582 | 4750 | 3975 | 2974 | 3106 | 2925 | 2866 | 3133 |
| Афзоиши муҳоҷират | 946 | 904 | 1725 | 1922 | 1895 | 3170 | 471 | 2077 | 2060 |
| Гардиши муҳоҷират | 10598 | 10068 | 11225 | 9872 | 7843 | 9382 | 6321 | 7809 | 8326 |
| **НТҶ** | | | | | | | | | |
| Шумораи воридшудагон, фар | 1918 | 2720 | 2892 | 2745 | 2661 | 3400 | 9056 | 9585 | 7862 |
| Шумораи хориҷшудагон, фар | 4575 | 4297 | 5330 | 4998 | 4090 | 4862 | 7668 | 8114 | 6886 |
| Афзоиши муҳоҷират | -2657 | -1577 | -2438 | -2253 | -1429 | -1462 | 1388 | 1471 | 976 |

Таҳлили маълумоти оморӣ (ҷадвали 2.1.3.) аз соли 2000 то 2016 вобаста ба минтақаҳо нишон медиҳад, ки муҳоҷирати бебозгашт баъзе хусусиятҳо ва тамоили гуногун дорад. Таҳлил дар асоси ду нишондиҳандаи демографӣ – афзоиши муҳоҷират ва гардиши муҳоҷират нишон медиҳад, ки вазъи муҳоҷирати бебозгашт дар минтақаҳои ҷумҳурӣ яксон нест. Афзоиши муҳоҷират дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ соли 2016 нисбат ба соли 2000 кам шудааст. Сабаби ин пеш аз ҳама дар он аст, ки дар ҳамин давра шумораи хориҷшудагон аз маҳалҳои шаҳру деҳот зиёд шудааст.

Чунонки аз ҷадвали 2.1.3. мушоҳида мешавад, камшавии нишондиҳандаи афзоиши муҳоҷират дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад.

Гардиши муҳоҷират дар шаҳри Душанбе поён рафтааст ва ин ба камшавии шумораи воридшудагон ва хориҷшудагон, инчунин ба эътидол омадани вазъи муҳоҷирати бебозгашт дар пойтахт вобастагӣ дорад. Гардиши муҳоҷират дар давраи таҳқиқшаванда (тибқи ҷадвали 2.1.3.) дар ҳама минтақаҳои боқимондаи мамлакат афзоиш ёфтааст, ки гувоҳи қувват гирифтани муҳоҷирати бебозгашт дар ҷумҳурӣ мебошад. Ин нишондиҳанда дар соли 2016 нисбат ба соли 2005 дар НТҶ ва вилояти Хатлон ду маротиба бештар шудааст. Афзоиши ин нишондиҳанда дар вилояти Суғд солҳои 2000 то 2001 мушоҳида шуда, минбаъд рӯ ба камшавӣ овардааст ва соли 2016 ба сатҳи нишондиҳандаҳои соли 2000 баробар шудааст (соли 2000 – 14986 нафар, соли 2016 – 14643 нафар)

**Ҷадвали 2.1.4. Тамоилҳои тағйироти муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2005–2016 (нафар)**

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2009 | 2010 | 2012 | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Муҳоҷирати умумии аҳолии шаҳрӣ** | | | | | | | | | |
| Шумораи воридшудагон, нафар | 12071 | 11707 | 13791 | 12200 | 12886 | 14193 | 16564 | 14825 | 14376 |
| Шумораи хориҷшудагон, нафар | 11981 | 13919 | 16680 | 15900 | 15016 | 15460 | 17049 | 13154 | 15266 |
| Афзоиш (+) ва камшавии (-) муҳоҷират | 90 | -2212 | -2889 | -3700 | -2130 | -1267 | -485 | 1671 | -890 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши муҳоҷират | 24052 | 25626 | 30471 | 28100 | 27902 | 29653 | 33613 | 27979 | 29642 |
| Шумораи хориҷшудагон ба сари 1000 воридшуда | 993 | 1189 | 1209 | 1303 | 1165 | 1089 | 1029 | 887 | 1061 |
| Самаранокии муҳоҷират (бо%) | 0,37 | 9,48 | 9,48 | -18,47 | -7,63 | -4,27 | -1,44 | 5,97 | 3.00 |
| **Деҳот** | | | | | | | | | |
| Шумораи воридшудагон, нафар | 5891 | 7939 | 10492 | 13400 | 16751 | 19616 | 23084 | 20491 | 18960 |
| Шумораи хориҷшудагон, нафар | 15330 | 16635 | 22081 | 21300 | 21118 | 23457 | 28295 | 26981 | 22340 |
| Афзоиш (+) ва камшавии (-) муҳоҷират | -9439 | -8696 | -11589 | -7900 | -4367 | -3841 | -5211 | -6490 | -3380 |
| Гардиши муҳоҷират | 21221 | 24574 | 32573 | 34700 | 37869 | 43073 | 51379 | 47472 | 41300 |
| Шумораи хориҷшудагон ба сари 1000 воридшуда | 2602 | 2095 | 2105 | 1589 | 1260 | 1195 | 1225 | 1316 | 1178 |
| Самаранокии муҳоҷират (бо%) | -44,48 | 35,3 | 35,5 | -22,76 | -11,53 | -8,91 | -10,14 | 13,67 | 8,18 |
| **Ҳамагӣ** | | | | | | | | | |
| Шумораи воридшудагон, | 17962 | 19646 | 24283 | 25600 | 29637 | 33809 | 39648 | 35316 | 33336 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| нафар | | | | | | | | | |
| Шумораи хориҷшудагон, нафар | 27311 | 30554 | 38761 | 37200 | 36134 | 38917 | 45344 | 40135 | 37606 |
| Афзоиш (+) ва камшавии (-) муҳоҷират | -9349 | -10908 | -14478 | -11600 | -6497 | -5108 | -5696 | -4819 | -4270 |
| Гардиши муҳоҷират | 45273 | 50200 | 63044 | 62800 | 65501 | 72726 | 84992 | 75451 | 70942 |

Муаллиф ҷадвалро дар асоси омори демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст. Соли 2017. С. 227-237

Чунонки ҷадвали 2.1.4. нишон медиҳад, тағйироти муҳоҷирати аҳолии ҶТ дар солҳои 2005–2016, афзоиши муҳоҷират аз соли 2006 то имрӯз ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар маҳалҳо, деҳот манфӣ боқӣ мемонад. Гардиши муҳоҷират аз соли 2005 то 2014 тамоили афзоиш дошта, пас аз бадшавии авзои сиёсӣ дар Украина ва буҳрони иқтисодии солҳои 2014–2016 кам шудааст. Ба андешаи мо ба ин кор сахтар шудани қонунгузории муҳоҷирати ФР, таъсири ногувори Ғарб ва буҳрони иқтисодӣ мусоидат кардаанд. Дар давраи таҳлилшуда, шумораи хориҷшудагон ба сари 1000 воридшуда каме афзоиш ёфтааст. Агар соли 2005 ин нишондиҳанда ба 993 нафар баробар бошад, пас дар соли 2016 он ба 1061 нафар баробар шудааст. Таъсирбахшии муҳоҷират низ дар давраи таҳлилшуда, кам шудааст.

Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ тағйирот дар қонунгузории (ба шумули қонунгузории муҳоҷират) ФР, ки аз январи соли 2016 татбиқи онҳо шурӯъ шуд, шумораи нафаронеро, ки аз 3 то 5 сол ҳаққи вуруд ба ФР-ро надоранд, зиёд намуд. Барои вайрон кардани қонунгузории Федератсияи Россия тибқи маълумоти Хадамоти Федералии Муҳоҷирати ФР бештар аз 315438 нафар шаҳрвандони ҶТ ба феҳристи онҳое дохил шудаанд, ки вурудашон аз 3 то 5 сол ба ҳудуди ФР манъ аст.

Ҳамчунин 400 ҳазор нафар шаҳрвандони ҶТ ба гурӯҳи хавф шомил шудаанд. Ин ҳолатҳо, ба андешаи мо, ба вазъи бозори дохилии меҳнат таъсири манфӣ дорад, зеро бештар аз 300 ҳазор нафаре, ки аз Россия ронда (депорт) шудаанд, бояд дар дохили мамлакат барои худ кор пайдо кунанд.

**Дар асоси таҳлили тамоили муҳоҷират ва таъсири он ба бозори меҳнат ва таркиби аҳолӣ чунин хулоса ва пешниҳодҳоро метавон ироа намуд:**

– муассисаҳои касбии таълимӣ бояд навкунӣ (модернизатсия) ва аз лиҳози моддӣ-техникӣ аз нав муҷаҳҳаз шаванд;

– ташкил ва тақвияти базаи муосири моддӣ-техникӣ ва таълимӣ-методӣ, омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ ва мутахассисони соҳаи истеҳсолот, аз ҷумла алоқаи зич бо кордиҳандагон, аз ҷумла кордиҳандаҳои хориҷӣ самти муҳими омодасозии коргарон мебошад;

– агентиҳои давлатӣ ва шахсии шуғли аҳолӣ бояд дар таъмини ҷойи кори расмии шаҳрвандони ҶТ нақши калидӣ дошта бошанд;

– вобаста ба талаботи бозори дохилию хориҷӣ таълими касбҳои мавҷуда ба нақша гирифта шуда, бояд дигар касбҳои серталаб низ омода карда шаванд. Ҳамзамон бо ҷорӣ кардани таълимҳо барои омодасозии мутахассисони соҳаҳои нав, омода кардани ҳайати омӯзгорӣ, таъсиси инфрасохтори зарурӣ, тақвияти Биржаи байналлхалқии меҳнат ва амсоли инҳо низ, пешбинӣ карда шаванд;

– барои арзёбии тамоилҳои тағйирот дар бозори дохилии меҳнат танзим ва роҳандозии ташхисҳои семоҳаи қувваи корӣ хеле зарур аст. Маълумоти дар натиҷаи таҳқиқ бадастомада, имкон медиҳад тағйиротҳоро дар муносибат бо аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъол ва ғайрифаъол, шумораи бекорон, коргарони бахши ғайрирасмии иқтисод, шумораи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ ва амсоли инҳо муайян карда шаванд.

## 2.2. Таҳлили равандҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар зербоби мазкур бо такя ба маълумоти мавҷудбуда ва дастрасшуда кӯшиш мекунем тамоилҳои муҳоҷирати дохилиро таҳлил намоем. Қалб аз шурӯи таҳлил, бо мақсади равшанӣ андохтан ба маҳдудиятҳо ва норасоиҳои маълумотҳо, ки дучор шудем, каме аз доираи мавзӯъ берун меравем. Чунонки маълум аст, бақияи муҳоҷират дар сатҳи дохили ҷумҳурӣ ва дохиливилоятӣ бояд ба сифр баробар бошад, яъне шумораи хориҷшудагон бояд дар доираи марзҳои маъмурӣ бо шумораи воридшудагон мутобиқ бошад.

Муҳоҷирати бебозгашт навъе аз муҳоҷират аст, ки дар он ҷойи истиқомати доимии фард тағйир меёбад. Дар фарқ аз муҳоҷирати муваққатӣ ё паёпай ин навъи муҳоҷират бештар ба вазъи иҷтимо-иқтисодӣ ва демографии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва дар умум тамоми мамлакат таъсир мерасонад.

Афзоиши муҳоҷират дар шаҳри Душанбе дар табодули муҳоҷиратӣ миёни маҳалҳои шаҳр ва деҳот дар тамоми давраи таҳқиқшуда, манфӣ боқӣ мемонад. Дар умум, ҳоло фаъолшавии табодули муҳоҷиратӣ мушоҳида мешавад. Зиёд шудани шумораи хориҷшудагон нисбат ба нафарони воридшуда, дар тамоми давраи таҳлилшуда, барои муҳоҷирати шаҳри Душанбе дар мубодилаи муҳоҷиратӣ бо дигар шаҳрҳои ҷумҳурӣ бақияи манфӣ медиҳад ва вобаста ба ин таъсирбахшии муҳоҷират манфӣ мешавад. Муҳоҷирати умумӣ дар соли 2009 нисбат ба соли 1995 3 маротиба афзудааст. Бақияи манфии муҳоҷират барои шаҳри Душанбе ва таъсирбахшии манфии он низ аз ҳамин ҷост. Муҳоҷирати умумӣ дар аввал ва охири давраи таҳқиқшуда, бо вуҷуди он ки соли 2009 нисбат ба соли 1995 1,8 маротиба кам шудааст, дар умум бетағйир боқӣ мондааст.

Фаъолнокии аҳолии деҳоти вилояти Хатлон дар муҳоҷират нисбат ба аҳолии шаҳрӣ хеле кам аст. Муҳоҷирати умумӣ дар соли 1995 дар сатҳи баландтарин қарор гирифта, нисбат ба нишондиҳандаи соли 2009 3,8

маротиба ва нисбат ба нишондиҳандаи соли 1999 бошад 5,8 маротиба бештар буд. Бақияи муҳоҷират барои маҳалҳои деҳот манфӣ боқӣ мемонад, ки нишонаи раванди зиёдшавии аҳолӣ дар шаҳр (урбанизатсия) аст, вале бо сабаби сатҳи баланди таваллуд дар деҳот (нисбат ба шаҳр сатҳи таваллуд дар деҳот баланд аст) муҳоҷирати деҳот-шаҳр ҳоло наметавонад ба раванди зиёдшавии аҳолӣ дар шаҳр (урбанизатсия) таъсир расонад. Шумораи хориҷшудагон аз маҳалҳои шаҳрии вилоят ба ҳисоби миёна 3 маротиба камтар аз шумораи воридшудаҳо аст. Аз ин рӯ, таъсири муҳоҷират дар тамоми давраи таҳқиқшуда мусбат боқӣ мемонад. Дар умум фаъолнокии аҳолии вилояти Хатлон дар муҳоҷират дар соли 2009 нисбат ба нишондодҳои соли 1995 ду маротиба кам шудааст. Афзоиши муҳоҷират аз ҳисоби фаъолнокии аҳолии шаҳрнишин ва бақияи мусбат дар табодули муҳоҷират бо аҳолии деҳот мушоҳида мешавад. Кам кардани сатҳи муҳоҷирати бебозгашт натиҷаи ба эътидол омадани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дар мамлакат нисбат ба солҳои пешин аст.

Таҳқиқи раванди муҳоҷирати байнивилоятӣ аз нуқтаи назари вилоятҳо дар тамоми давраи мушоҳидашуда ишон медиҳад, ки танҳо шаҳри Душанбе бақияи мусбати муҳоҷират дорад. Муҳоҷирати умумӣ ва шиддатнокии муҳоҷират дар пойтахт (нисбат ба минтақаҳои дигар) хеле баланд боқӣ мемонад. Ҳамчунин дар НТҶ аз соли 2010 бақияи мусбати муҳоҷират мушоҳида мешавад. Агар шумораи холиси хориҷшудагон нисбат ба шумораи аҳолӣ баррасӣ шавад, дар муҳоҷирати байнивилоятӣ вилоятҳои Суғду Хатлон аз ҷумлаи онҳое мешаванд, ки аҳолии худро бештар аз даст медиҳанд. Дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон сол ба сол муҳоҷирати умумӣ тамоил ба афзоиш дорад. Агар соли 2005 муҳоҷирати байнивилоятӣ дар вилояти Хатлон 9217 нафарро ташкил дода бошад, соли 2016 ин нишондиҳанда ба 9307 ҳазор нафар баробар шудааст. Муҳоҷирати дохиливилоятӣ соли 2005 1579 нафарро ташкил дода, соли 2016 то ба 7553 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст. (Ба ҷадвали 2.1.1. нигаред).

**Ҷадвали 2.2.1. Тамоили муҳоҷират дар доираи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2005–2016**

| Ҳамагӣ, ҳар ду ҷинс, ҳаз. нафар | **2005** | **2007** | **2008** | **2009** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2016** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | | | | | | | | | | |
| Ворид шуд | 0.3 | 0.4 | 0.4 | 0.2 | 0.4 | 0.5 | 0.6 | 0.6 | 0.5 | 0.6 |
| Хориҷ шуд | 1.7 | 2.1 | 1.7 | 1.2 | 1.5 | 1.4 | 1.7 | 1.7 | 1.8 | 1.8 |
| Бақияи муҳоҷират | -1.4 | -1.7 | -1.3 | -1.0 | -1.1 | -0.9 | -1.1 | -1.1 | -1.3 | 1.2 |
| Муҳоҷирати умумӣ | 2.0 | 2.5 | 2.1 | 1.4 | 1.9 | 1.9 | 2.3 | 2.3 | 2.3 | 2.4 |
| Вилояти Суғд | | | | | | | | | | |
| Ворид шуд | 5.2 | 6.9 | 7.9 | 8.7 | 9.7 | 8.7 | 7.9 | 7.0 | 7.4 | 6.1 |
| Хориҷ шуд | 8.0 | 12,3 | 13,0 | 12.4 | 12.4 | 11.4 | 10.0 | 9.3 | 9.7 | 8.4 |
| Бақияи муҳоҷират | -2.8 | -5.3 | -5.1 | -3.6 | -2.6 | -2.7 | -2.1 | -2.3 | -2.3 | -2.2 |
| Муҳоҷирати умумӣ | 13.2 | 19.2 | 20.9 | 21.1 | 22.1 | 20.1 | 17.9 | 16.3 | 17.1 | 14.5 |
| Вилояти Хатлон | | | | | | | | | | |
| Ворид шуд | 2.7 | 4.4 | 4.8 | 6.7 | 6.8 | 6.9 | 9.1 | 11.5 | 14.6 | 13.4 |
| Хориҷ шуд | 9.2 | 11.8 | 10.7 | 12.7 | 11.3 | 12.4 | 13.8 | 16.3 | 21.3 | 17.3 |
| Бақияи муҳоҷират | -6.5 | -7.4 | -5.9 | -6.0 | -4.4 | -5.5 | -4.6 | -4.8 | -6.6 | -3.8 |
| Муҳоҷирати умумӣ | 11.9 | 16.2 | 15.5 | 19.4 | 18.1 | 19.3 | 22.9 | 27.8 | 35.9 | 30.7 |
| Душанбе | | | | | | | | | | |
| Ворид шуд | 6.2 | 6.4 | 4.7 | 3.8 | 3.3 | 3.9 | 6.2 | 6.9 | 5.7 | 5,1 |
| Хориҷ шуд | 1.6 | 2.5 | 2.5 | 2.8 | 2.3 | 1.8 | 4.1 | 3.6 | 3.1 | 3.1 |
| Бақияи | 4.6 | 3.9 | 2.2 | 1.0 | 1.0 | 2.1 | 2.1 | 3.3 | 2.6 | 2.0 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| муҳоҷират | | | | | | | | | | |
| Муҳоҷирати умумӣ | 7.8 | 8.9 | 7.2 | 6.6 | 5.6 | 5.7 | 10.3 | 10.5 | 8.8 | 8.2 |
| НТҶ | | | | | | | | | | |
| Ворид шуд | 3.4 | 6.0 | 6.3 | 5.9 | 9.0 | 9.4 | 9.7 | 9.8 | 11.1 | 7.8 |
| Хориҷ шуд | 4.8 | 7.9 | 7.8 | 6.8 | 7.6 | 7.6 | 8.4 | 8.3 | 8.8 | 6.8 |
| Бақияи муҳоҷират | -1.4 | -1.9 | -1.5 | -0.9 | 1.4 | 1.8 | 1.3 | 1.5 | 2.3 | 1.0 |
| Муҳоҷирати умумӣ | 8.2 | 13.9 | 14.1 | 12.7 | 16.6 | 17.0 | 18.1 | 18.1 | 19.9 | 14.6 |

***Манбаъ:*** омори демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон. АО, 2017. С.229-233.

Аҳолии вилояти Суғд дар муҳоҷирати дохилвилоятӣ ва ҳам байниноҳиявӣ иштироки фаъол дорад. Дар маҳалҳои шаҳрӣ дар масъалаи муҳоҷират занҳо бештар фаъоланд, дар дигар вилоятҳо бошад, дар доираи шаҳрҳо ва деҳаҳо фаъолияти мардон дар муҳоҷират бештар аст. Фаъолнокии зиёди аҳолӣ дар муҳоҷирати байниноҳиявӣ фаъолнокии муҳоҷиратро дар сатҳи дохиливилоятӣ низ муайян мекунад. Шумораи зиёди воридшудагон ба маҳалҳои шаҳрӣ ва шумораи ками хориҷшудагон аз маҳалҳои деҳот афзоиши муҳоҷиратро ба манфиати деҳаҳо ва рушди муҳоҷирати дохиливилоятии «шаҳр-деҳот» пешакӣ муайян мекунад. Чунин вазъият дар дигар вилоятҳои мамлакат низ (чӣ барои мардон ва чӣ барои занон) мушоҳида мешавад. Танҳо ВМКБ барои муҳоҷирати деҳот бақияи манфӣ ва барои шаҳрҳои вилоят бақияи мусбат дорад. Вале шумораи нафарони ба муҳоҷират ҷалбшуда, нисбат ба чунин нафарони дигар вилоятҳо хеле кам аст, ки сабаби он кам будани аҳолии ин вилоят дар муқоиса бо аҳолии вилоятҳои дигари мамлакат аст.

Нуктаи ҷолиби муҳоҷирати дохилии бебозгашт ҳам дар сатҳи тамоми ҷумҳурӣ ва ҳам дар сатҳи вилоятҳо ин аст, ки ба ин навъи муҳоҷират асосан афроди оиладор ҷалб шудаанд. Дар аксар давлатҳои дунё ин падида ҳолати баръакс дорад, яъне асосан нафарони муҷаррад бештар ба

муҳоҷирати дохилии бебозгашт ҷалб шудаанд. Аммо ҷалби афроди муҷаррад ба равандҳои муҳоҷират низ дар муқоиса бо дигар намудҳои (категорияҳои) муҳоҷирони вобаста ба вазъи оилавӣ, назаррас аст.

Таҳлили афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ вобаста ба вазъи оилавӣ дар доираи минтақа барои мардон дар маҳалҳои шаҳрӣ нишон медиҳад, ки мардони оиладор монанди мардони муҷаррад дар ҳама вилоятҳои ҷумҳурӣ бақияи манфии муҳоҷират доранд ва танҳо дар шаҳри Душанбе ин намуди муҳоҷирон бақияи мусбат доранд. Дар умум, дар маҳалҳои шаҳрӣ, дар доираи минтақа барои мардони ҳама гурӯҳҳои вазъи оилавӣ коҳиши муҳоҷират мушоҳида мешавад. Вазъияти айниро барои занҳо низ дар маҳалҳои шаҳрӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ба ғайр аз шаҳри Душанбе, ки барои занҳои оиладору муҷаррад бақияи муҳоҷират мусбат аст, вале таносуби бақияи воридшудагон ба шаҳри Душанбе барои занҳо 2,3 маротиба нисбат ба мардон кам аст. Ҷараёни баръакси муҳоҷират барои ҳама намудҳои муҳоҷирон дар вилояти Суғд нисбат ба дигар вилоятҳо зиёд аст, ки далели фаъолнокии аҳолии ин минтақа дар муҳоҷират аст. Ҳамчунин шумораи нафароне, ки вазъи оилавии худро зикр накардаанд, зиёд аст (ба ғайр аз вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе). Дар дигар вилоятҳо таносуби намудҳои (категорияҳои) зикршудаи муҳоҷирон ҳам дар миёни занон ва ҳам дар миёни мардон ҳатто бо муқоисаи нафарони оиладор ва муҷаррад ҳам хеле баланд аст, ки имкон намедиҳад муҳоҷирати аҳолии ин вилоятҳо вобаста ба вазъи оилавӣ баҳогузорӣ карда шавад. Фаъолнокии мардони оиладор дар муҳоҷират нисбат ба занон бештар аст.

Дар деҳот низ чунин ҳолат мушоҳида мешавад. Вале мардони оиладор нисбат ба занон фаъолтаранд. Танҳо дар НТҶ ҷараёни баръакси муҳоҷирати занони оиладор каме аз мардон зиёдтар буд. Дар ВМКБ бақияи муҳоҷират барои мардони оиладор ва муҷаррад мусбат буд. Гузашта аз ин, ҷараёни баръакси муҳоҷират дар деҳаҳои вилояти Хатлон нисбат ба дигар вилоятҳо хеле баланд аст. Масалан, 54% ҷараёни

баръакси муҳоҷирати аҳолӣ аз шумораи умумии муҳоҷирони оилавии ҷумҳурӣ ба мардони вилояти Хатлон тааллуқ дорад.

Синну соли муҳоҷирон аз синну соли аҳолӣ дар ҷойҳои хориҷшавӣ ва сокиншавии онҳо хеле фарқ дорад. Омӯзиши муҳоҷирон вобаста ба синну сол ҳам дар кишварҳои тараққикарда ва ҳам дар кишварҳои тараққикунанда нишон медиҳад, ки асосан нафарони 19-34 сола ба муҳоҷирати аҳолӣ ҷалб шудаанд, ки аз рӯйи қоида аст, зеро маҳз ҷавонон фаъолияти бештар доранд. Омилҳои монеъшаванда (набудани оила, манзили шахсӣ ё ҳаҷми хурди он) дар ҷойҳои баромад камтарин аст. Дар ҳоле, ки кӯдакон ва насли калонсол муҳоҷир ба ҳисоб намераванд ва ҷавонони боқимонда дар ҷойҳои баромад низ ба ин гурӯҳ шомиланд. Чунин қоидаи муҳоҷират барои эътидоли вазъи иҷтимой-иқтисодӣ ба кор меояд ва дар зимни он селективияти баланд дар ҷойҳои баромад ва сокиншавии муҳоҷирон мушоҳида мешавад. Бо таъсири омилҳое, чун ҷанги шаҳрвандӣ ва катаклизмҳои табиӣ (заминларза, обхезӣ, хушксолӣ, хуруҷи вулканҳо ва ғайра) тамоми гурӯҳҳои синнусолӣ ва табақаҳои аҳолӣ, ки дар асари Богуе зикр шудаанд, ба раванди муҳоҷират ҷалб мешаванд. Дар чунин навъи муҳоҷирати интихобӣ дар ҷойҳои баромад ва сокиншавии муҳоҷирон ба камтарин нишондиҳанда баробар мешавад. Бар замми ин бояд қайд намуд, ки таҳти таъсири гурӯҳи дуюми омилҳо шумораи муҳоҷирон бештар мешавад, на бо таъсири омилҳои якум. Масалан, дар муҳоҷирати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аҳолии 24–44-сола ҷалб шудаанд. Аммо фарқи муҳоҷирони тоҷик аз муҳоҷирони аксар давлатҳои пешрафта ва тараққикунанда дар он аст, ки аксари муҳоҷирони тоҷикро мардони 15–19-сола ва занони 20–24-сола ташкил медиҳанд.

Синну соли хориҷшудаҳо ва воридшудаҳои маҳалҳои деҳоти ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи хориҷшудаҳо аз ҳисоби мардони 19–24-сола ва занони 25–29-сола, баланд аст.

Синну соли хориҷшудаҳо вобаста ба шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки хориҷшавӣ асосан аз деҳаҳо ба амал меояд ва макони сукунати хориҷшудаҳо ба маҳалҳои шаҳрии мамлакат табдил меёбанд. Дар ин ҷо, ҳамчунин дақиқан мушоҳида кардан мумкин аст, ки махсусан шумораи мардони хориҷшудаи 17–44-сола ва занони 20–44-сола зиёд аст. Вобаста ба ин, фоизи мардони 15–19-сола нисбат ба занон ду маротиба зиёд аст, вале дар синну соли аз 20 то 40-сола занҳо бештар аз мардҳо мебошанд. Вале агар шумораи мутлақ дар назар гирифта шавад, мардҳо нисбат ба занҳо зиёданд.

Афзоиши муҳоҷират дар маҳалҳои шаҳрӣ барои мардҳои 15–19-сола 32% ва ҷараёни баръакси муҳоҷират барои ҳамин гурӯҳи синнусолӣ 53%-ро ташкил додааст. Бақияи манфии муҳоҷират дар гурӯҳи синнусолии 15–19-сола барои мардон дар маҳалҳои деҳот барои ташкили оила ба духтарони ҳамин гурӯҳи синнусолӣ дар вазъи кунунии никоҳи бармаҳали ҳам занон ва ҳам мардон таъсири манфӣ мерасонад.

Қобили зикр аст, ки ҳаҷми хоҷагии шахсӣ дар фаъолнокии муҳоҷирати аҳолӣ нақши калидӣ дорад, яъне хоҷагиҳои калонтар нисбат ба хоҷагиҳои миёна ва хурдтар, нисбатан камҳаракатанд ва афроди алоҳидаи ин хоҷагиҳо нисбат ба муҳоҷирати доимӣ ва бебозгашт бештар ба муҳоҷирати мавсимӣ ва муваққатӣ ҷалб шудаанд. Масъалаи асосӣ танҳо ҳаҷми хоҷагӣ нест, балки дар кадом сатҳ тасмим гирифтан низ муҳим аст, зеро хоҷагиҳои шахсии калон танҳо ба хотири ҳаҷмашон камҳаракат нестанд, балки ҳаракати онҳо аз тасмими роҳбари хоҷагӣ вобаста аст, на аз афроди алоҳидаи хоҷагӣ. Мураккабии сохтори оилаҳои калон яке аз сабабҳои суст будани фаъолнокии аҳолии мамлакати мо, дар муҳоҷирати замони Шӯравӣ буд, ки ҳоло низ то ҷое яке аз сабабҳои паст будани сатҳи муҳоҷирати бебозгашт дар муқоиса бо дигар анвои муҳоҷират аст, ки ин падида аз лиҳози демографӣ мусбат шумурда мешавад. Таҳлили ҷинс ва синну соли муҳоҷирон дар тамоми вилоятҳои ҷумҳурӣ манзараи ягонаро

нишон медиҳад. Аз ин рӯ, мо дар ин ҷо ҳайати ҷинсӣ-синнусолии муҳоҷиронро барои тамоми ҷумҳурӣ таҳлил мекунем.

Ҳиссаи ҷараёни баръакси муҳоҷират аз маҳалҳои шаҳрии вилояти Суғд дар ҳама сатҳҳои маълумотнокӣ баланд боқӣ мемонад, вале барои вилояти Хатлон ва НТҶ бошад, ин ҷараён аз деҳот мушоҳида шуда, ба ҳар ду ҷинс рабт дорад. Шаҳри Душанбе аз ҳисоби аҳолии дорои маълумоти миёна ва миёнаи техникӣ муҳоҷирати афзоянда дошта, вобаста ба дигар намудҳои маълумот бақияи манфӣ дорад. Бақияи манфӣ барои муҳоҷирони дорои маълумоти олӣ бо он тавзеҳ дода мешавад, ки дар пойтахт бештар аз ҳама макотиби таҳсилоти олӣ қарор доранд ва аксари донишҷӯёни аз дигар вилоятҳо (ҳам аз деҳот ва ҳам аз шаҳрҳо) ба ин ҷо омада, пас аз анҷоми таҳсил ба ҷойҳои истиқоматии худ бармегарданд. Бақияи мусбати муҳоҷирони дорои маълумоти миёнаро низ асосан бо он тавзеҳ додан мумкин аст, ки аҳолии дорои маълумоти миёнадошта, барои маълумоти олӣ гирифтан ба шаҳри Душанбе меоянд. Набудани маълумот доир ба сабаб ва мақсадҳои муҳоҷират дар ин самт ба мо имкон намедиҳад, ки дурустии андешаҳои худро собит намоем.

**Бо таҳлили тамоилҳо дар муҳоҷирати дохилии бебозгашти аҳолӣ метавон ба чунин хулосаҳои асосӣ расид:**

- пеш аз ҳама бояд зикр намуд, ки сифат ва эътимодбахшии маълумотҳо шубҳаноканд, аз ин рӯ, ин камбудиҳо бояд дар оянда мадди назар карда шаванд;
- дар мамлакат ба ғайр аз ВМКБ дар натиҷаи муҳоҷирати дохилӣ дар звенои «деҳа-шаҳр» раванди зиёдшавии аҳолии шаҳр (урбанизатсия) мушоҳида мешавад, вале ин раванд бо сабаби сатҳи баланди таваллуд дар маҳалҳои деҳот наметавонад ба таносуби аҳолӣ таъсир расонад;
- аҳолии вилояти Хатлон, НТҶ ва ВМКБ вобаста ба маҳалҳои шаҳрӣ бақияи мусбати муҳоҷират доранд, дар ҳоле, ки шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд баръакс дорои бақияи манфӣ мебошанд;

- аҳолии деҳот дар ҳама масъалаҳои табодули муҳоҷират бо маҳалҳои шаҳрӣ бақияи манфии муҳоҷират доранд ва хориҷшавии муҳоҷирони тамоми гурӯҳҳои синнусолӣ аз деҳот асосан бо сокиншавӣ дар маҳалҳои шаҳрӣ поён меёбад;
- дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ фаъолнокии мардон нисбат ба занон дар муҳоҷират бештар аст, аммо дар вилояти Суғд занон дар муҳоҷират нисбат ба мардон фаъолтаранд;
- маҳалҳои шаҳрии вилояти Суғд дар табодули муҳоҷират ҳам бо деҳот ва ҳам бо маҳалҳои шаҳрии вилоятҳои дигар бақияи мусбат доранд, аммо маҳалҳои деҳоти ин вилоят дар ин масъала дорои бақияи манфӣ мебошанд.
- бештар аз ҳама шаҳри Душанбе (60%) ва НТҶ (20%) аҳолиро қабул кардаанд, дар ҳоле, ки хориҷшавии аҳолӣ бештар аз ҳама дар вилояти Хатлон (50%) ва НТҶ (26%) ба қайд гирифта шудааст;
- нисбат ба муҳоҷирати дохиливилоятӣ ва байниноҳиявӣ аҳолӣ бештар ба муҳоҷирати байнивилоятӣ ҷалб шудааст. Пастшавӣ ё афзоиши шиддати муҳоҷирати байнивилоятӣ асосан аз рушди баробари минтақаҳо, ки ҳамчун барометри равандҳои муҳоҷират (ки дар он хориҷшавӣ рушди заъиф ва баръакс) хидмат мекунад, вобастагӣ дорад;
- дар оянда интизор меравад муҳоҷирати байнивилоятӣ суръат бигирад, ки сабаби он монанди солҳои 90-уми асри XX маҳалгароӣ ё муҳоҷирати этникӣ не, балки рушди роҳҳои нақлиётӣ дар мамлакат мешавад. Рушди роҳҳои нақлиётӣ барои наздиктар шудани минтақаҳои кишвар нақши мусбат бозида, дар назди давлат ҷиҳати бартарафсозии ҷараёнҳои ногувори муҳоҷират, ки метавонад боиси ҷойивазкунии минтақаҳои алоҳида ва холӣ шудани баъзеи дигар шавад, вазифаҳои навро мегузорад, ки татбиқи онҳо ва андешидани тадбирҳо дар ин самт бояд аз ҳамин рӯз шурӯъ шаванд;

- Вилояти Хатлон ва НТҶ ба муҳоҷирати байнивилоятӣ бештар ҷалб шудаанд, ҳарчанд ҳиссаи иштироки аҳолии вилояти Суғд низ дар муҳоҷирати байнивилоятӣ назаррас аст;
- синну соли муҳоҷирон дар доираи аз 15 то 44-сола тағйир меёбад;
- шумораи бештари муҳоҷирон аз ҳисоби нафарони оиладор нисбат ба афроди муҷаррад ба таркиби ҷинсии аҳолӣ дар ҷойҳои баромад ва сокиншавии муҳоҷирон таъсири манфӣ намерасонад, ки ин падида аз ҷумлаи манфиатҳои муҳоҷирати бебозгашти дохилӣ мебошад;
- аксари муҳоҷирон вобаста ба вилоятҳои мамлакат ва шаҳри Душанбе маълумоти миёна ва миёнаи техникӣ доранд.

## 2.3. Иртиботи мутақобилаи рушди иқтисоди миллӣ ва интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити иқтисоди гузаришӣ яке аз навъҳои асосии муҳоҷират аст. Муҳоҷирони меҳнатӣ ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи мамлакат асосан дар бахшҳои иқтисодие, ба монанди сохтмон, хизматрасонӣ, нақлиёт ва тиҷорат фаъолият карда, корҳоеро анҷом медиҳанд, ки касбияти баландро талаб намекунад. Бояд қайд намуд, ки миёни муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ робита вуҷуд дорад. Дуюмин омил, омили боздорандаи ҷойивазкуниҳои бенизоми аҳолӣ дар дохили мамлакат (аз деҳот ба маҳалҳои шаҳрӣ) мебошад. Вале, ҳамзамон муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар нафароне, ки аз муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути интиқоли маблағ пул ба даст меоранд, хислати танбалӣ ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа қисме аз аҳолии қобили меҳнат кор намекунанд.

Бояд қайд намуд, ки масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ноомӯхта боқӣ мондаанд, дар ҳоле, ки муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ хеле хуб таҳқиқ шудааст. Таҳқиқоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ 7%-и онҳо ба муҳоҷирати дохилӣ ҷалб шудаанд.[60]

Ҷолиби диққат ин аст, ки таҳқиқоти мазкур имкон дод таъсири муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат то андозае муайян карда шавад ва он ҳам дар алоқамандӣ бо муҳоҷирати меҳнатии хориҷист. Тибқи омори дар он овардашуда, дар 3/4 хоҷагиҳо ҳадди ақал як нафар дар муҳоҷират аст. Сабаби асосии муҳоҷират ҷустуҷӯйи манбаи иловагии даромад буд, ки 60% хоҷагиҳои муҳоҷирони дохилидошта ва 96% муҳоҷирони хориҷидошта ба он такя мекарданд. Ҳамчунин қобили зикр аст, ки бо калонтар шудани ҳаҷми хонавода шумораи муҳоҷирон ҳам меафзояд. Ба ҳисоби миёна ба сари ҳар

---

[60] Агентство статистики при Президенте РТ. // Влияние миграции и денежных переводов на благосостояние и бедность домохозяйств в Таджикистане (результаты выборочного обследования) - Август 2010, vvww.stat.tj/puhliiation/surveys/.

хонавода дар деҳаҳо 1,3 муҳоҷири меҳнатӣ ва дар шаҳрҳо бошад 0,8 муҳоҷири меҳнатӣ рост меояд. Синни миёнаи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ нисбат ба муҳоҷирони меҳнатии дохилӣ болотар аст. Муҳоҷироне, ки сарвари хонавода мебошанд, 22%-ро ташкил додаанд. Қариб 65% муҳоҷирон оиладор ва 33%-и онҳо муҷаррад будаанд. Аз миёни занҳои муҳоҷир 9%-ро аз шавҳар ҷудошудаҳо ташкил додаанд. Муҳоҷирон, асосан (62%) маълумоти миёнаи пурра доштаанд ва сатҳи маълумотнокии занон нисбат ба мардони муҳоҷир болотар будааст. Мардон асосан дар соҳаи сохтмон ва нақлиёт (65%) ва занон бошанд дар тиҷорату хизматрасонӣ фаъолият кардаанд.[61]

Дар миёнаи қарни бистум дар доираҳои иқтисодӣ вобаста ба манбаҳо ва омилҳои рушди иқтисодии мамлакатҳои дар ҳоли рушд баҳсҳои фаъоли илмӣ шурӯъ шуданд.[62] Манбаҳо ва омилҳои эҳтимолии рушди иқтисодӣ аз пешниҳоди қувваи барзиёди корӣ ва сармоягузориҳо ба неруи ҷисмонӣ ва навгониҳои (инноватсия) технологӣ то сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ (СМХ), истеҳсолоти умумии омилҳо (тавассути мусоидат ба ташаккули сармояи инсонӣ) ва самараи қарзи афзоянда дар R&D тағйир ёфтаанд. Минбаъд олимон таъсири ҳадафмандонаи омилҳои ниҳодиро чун озодии иқтисодӣ, эътидоли сиёсӣ, низоми ошкоркунии иттилоот ва амсоли инҳо ба рушди иқтисодӣ, таҳлил намуданд.[63]

---

[61]Агентство статистики при Президенте РТ. // Влияние миграции и денежных переводов на благосостояние и бедность домохозяйств в Таджикистане (результаты выборочного обследования) -Август2010. www.stni.ti/public4ition/surve_vs-.

[62]Lewis A.W.Economic Development with Unlimited Supplies of Labor. Manchester School of Economic and Social Studies, 1954, 22, (May): 139-191. Solow R.A Contribution to the Theory of Economic Growth," Quarterly Journal of Economics, 1956, 70(February): 65-94. Chenery H. B. and A. Strout.Foreign Assistance and Economic Development. American Economic Review, 1966, 56 (September):679-733. Denison E. F. Why Growth Rates Differ: Post-War Experience for Nine Western Countries, Washington: DC. 1967. Myrdal G. Asian Drama: An Inquiry into the Poverty of Nations, (New York: Twentieth Century Fund). 1968. Harris J. R. M. Todaro. Migration, Employment, and Development: A Two-Sector Analysis, American Economic Review, 1970, 60 (March):126-142.

[63] Owens E. The Future of Freedom in the Developing World, Pergamon Press. 1977.Sen A., Development as Freedom, Alfred Knopf Publisher (New York: NY). 1999.

Ва муддати нисбатан каме гузаштааст, ки интиқоли маблағҳо аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ (remittances) ҳамчун омили таъсиргузор дар рушди иқтисодӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба таҳлил гирифта шуд. Аксари муҳаққиқон исбот кардаанд, ки дар бештари давлатҳои дар ҳоли рушд қарорёфта, пулҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ яке аз манбаҳои муҳимми даромади хонаводаҳо ва ҳамзамон манбаи муҳимми рушди иқтисоди миллӣ ва қисме аз ММД-ро ташкил медиҳад. Аммо дарёфти посух ба ин суол, ки ҳамон қисми ММД то кадом ҳадд бузург аст ва интиқоли маблағҳо ба ҷараёни инкишофи иқтисодии давлати қабулкунандаи ин маблағ чӣ гуна таъсир дорад? – аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Баъзе олимон хосияти гуногун доштани алоқамандии интиқоли маблағ ва рушди иқтисодиро таъкид кардаанд. Дар чанде аз асарҳои ҷудогона таъсир надоштани интиқоли маблағҳо ба рушди иқтисодии давлатҳои дар ҳоли рушд қарордошта, асоснок карда мешавад (ҷадвали 3.3.1.). Муҳаққиқон бар ин ақидаанд, ки мушкилоти дастрасӣ ба иттилооти вобаста ба ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирон таҳлили ин алоқамандиро душвор мекунад.

Миқдори маблағҳои интиқолшуда ба кишварҳои дар ҳоли рушд дар соли 2013 $ 404 млрд. гуфта шудааст, ки дар қиёс бо соли 2012 3,5% зиёд аст. Соли 2014 ин нишондод аллакай ба $ 436 млрд. баробар шуд. Тибқи пешгӯиҳо интиқоли маблағ дар кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта, ба ҳисоби миёна дар давоми се соли оянда 8,4% афзоиш меёбад. Мувофиқи арзёбиҳои Бонки ҷаҳонӣ соли 2016 интиқоли маблағҳо ба $ 601 миллиард баробар шудааст.[64] Омили асосии афзоиши ҷараёни интиқоли маблағҳо зиёд шудани даромадҳои аҳолии кишварҳоест, ки муҳоҷирон дар он ҷо кор мекунанд. Пастшавии қурби асъорҳои миллӣ нисбат ба доллари ИМА низ дар каму зиёдшавии интиқоли маблағҳо таъсир

[64]Migration and Remittances.Factbook 2016. - URL: http://www.worldbank.org/en/research/brief/migration-and-remittances, свободный

мерасонад. Соли 2014 ИМА бузургтарин манбаи интиқоли маблағ будааст, ки $ 56 млрд. аз он ба дигар кишварҳо интиқол шудаанд. Пас аз ИМА Арабистони Саудӣ ($ 37 млрд) ва Россия ($ 33 млрд) қарор гирифтаанд. Соли 2015 аз ҳисоби интиқоли маблағ Ҳиндустон бо қабули $ 72 миллиард, Чин $ 64 млрд. ва Филиппин $ 30 млрд. бузургтарин қабулкунандагон буданд. Ангезаи сахти муҳоҷирати меҳнатӣ шароити хуби меҳнат дар кишварҳои қабулкунандае мебошад, ки ҳамзамон вобаста ба гардиши ҷаҳонии интиқоли маблағҳо инфрасохтори молиявии рушдкарда дошта бошанд.

**Ҷадвали 3.3.1. Шарҳи таҳқиқот вобаста ба алоқамандии интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ва рушди иқтисоди кишварҳои тараққикунанда**

| Муаллифон | Мавҷудияти алоқамандӣ миёни интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ва рушди иқтисод | Тавсифи алоқа |
|---|---|---|
| Ратха Д. (соли 2003) | Ҳаст | Интиқоли маблағҳо - «манбаи муҳим ва устувори маблағгузории хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ аст». Интиқоли маблағҳо барои рушди иқтисод метавонад мусоидат кунад. |
| Ҷулиан ва Райз-Арранс (соли 2005) | Нест | Интиқоли маблағҳо ба рушди иқтисодии давлатҳои дар ҳоли рушд таъсир надоранд. |
| Иқбол ва Саттор (2005 г.) | Ҳаст | Интиқоли маблағҳо манбаи муҳими рушди иқтисод дар Покистон мебошанд. |
| Ратха Д. ва Мохапатра С. (соли 2007.) | Ҳаст | Интиқоли маблағҳо яке аз манбаҳои муҳимми маблағгузории хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ буда, барои мубориза бо камбизоатӣ кӯмак ва дар баланд бардоштани сифати зиндагии мардуме, ки маблағҳои интиқолшударо қабул мекунанд, мусоидат менамояд. |
| Ҷонгванич | Ҳаст | Дар асоси таҳқиқи маълумоти 17 |

| | | |
|---|---|---|
| (соли 2007) | | кишвари минтақаи Осиё-ҳавзаи уқёнуси Ором хулоса шуд, ки интиқоли маблағҳо ба рушди иқтисодӣ таъсири назарраси мусбат дорад ва ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат мусоидат мекунад. |
| Воҳид ва Олим (соли 2008 ) | Ҳаст | Интиқоли маблағҳо барои рушди иқтисодӣ дар дурнамои кӯтоҳмуддат таъсири мусбат, вале барои дурнамои дарозмуддат таъсири манфӣ дорад. |
| А. Барачес, Р. Чами, К. Фуленкамп, М. Гапен, П. Монтел | Нест | Ҷараёни рушди иқтисодии мусбати иқтисодҳои миллии қабулкунандагони маблағҳои интиқолӣ. |
| Карагоз (соли 2009) | Ҳаст | Вобастагии устувори корелятсионии манфиро миёни интиқоли маблағҳо ва рушди иқтисодии Туркия муайян кард. |
| Сиддиқ, ва Селваназан (соли 2010) | Ҳаст | Интиқоли маблағҳо ба рушди иқтисодӣ таъсири якхела надоранд. Дар Бангладеш ягон алоқамандии каузалӣ миёни интиқоли маблағҳо ва рушди иқтисодӣ мушоҳида нашудааст. Дар Шриланка алоқамандии сабабӣ-натиҷавии устувор миёни интиқоли маблағҳо ва рушди иқтисодӣ ошкор шудааст. |
| Ирфон (соли 2011) | Ҳаст | Интиқоли маблағҳо омили муҳимми коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва рушди иқтисодӣ мебошад. |
| Ҷовид Б. ва Разо Д. (соли 2012 ) | Ҳаст | Таъсири мусбати интиқоли маблағҳои муҳоҷирон низ ба рушди иқтисодӣ вуҷуд дорад. Интиқоли маблағҳо бештар аз ҳама ба рушди иқтисодӣ дар кишварҳое мусоидат мекунад, ки сатҳи даромаднокии баланд доранд. |
| Ҷовид Б. ва Ратха Д. (соли 2012) | Ҳаст, вале гуногунсамт | Интиқоли маблағҳо ба рушди иқтисодии Чин ва Корея таъсири назаррас доранд, вале ин таъсир гуногунсамт аст. Вобастагии қавии сабабӣ-натиҷавӣ миёни интиқоли маблағҳо ва рушди иқтисодии Корея дар дурнамои дарозмуддат муайян карда шудааст. Дар ҳоле, ки миёни ин ду бузургӣ дар Чин алоқамандии |

| | | |
|---|---|---|
| | | манфии корелиятсионӣ мушоҳида шудааст. |

Аз таҳлили чадвали мазкур бармеояд, ки бештари муаллифони таҳқиқот таъсири интиқоли пулиро ба рушди иқтисоди давлатҳо ҷонибдорӣ менамоянд. Ратха Д. чунин ақида дорад, ки интиқоли маблағҳо «манбаи муҳим ва устувори маблағгузории хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ аст». Интиқоли маблағҳо барои рушди иқтисод метавонад ва бояд мусоидат кунад. Ба ақидаи мо байни интиқоли пулӣ ва рушди иқтисоди миллӣ алоқамандии зич вуҷуд дорад. Зеро интиқоли пулӣ барои аҳолии як қатор давлатҳо, аз ҷумла Тоҷикистон сарчашмаи асосии даромади аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки интиқоли пулӣ ба маҷмӯи тақозо таъсир расонида, ба афзоиши суръати истеҳсолот мусоидат менамояд ва рушди иқтисодиро таъмин менамояд.




**Расми. 3.3.1. Феҳристи давлатҳое, ки ҳиссаи маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон дар ММД-и онҳо дар соли 2014 аз ҳама бештар будааст.**

Тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ ҳиссаи маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон дар ММД як қатор иқтисодҳои тараққикунанда хеле зиёд аст (**расми 3.3.1**.). Дар микёси ҷаҳонӣ саҳми хеле назарраси маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон дар ММД-и кишварҳо дар асоси натиҷаҳои солҳои 2012-2014 дар иқтисодҳои Тоҷикистон (41,7%), Қирғизистон (30,3%) ва Непал (29,9%) ба қайд гирифта шудааст.[65]

Чи тавре ки аз таҳлили маълумотҳои бонки ҷаҳонӣ бармеояд, дар соли 2014 таносуби интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар ММД дар миёни давлатҳои таҳлилшаванда, хеле зиёд мебошад. Ин нишондод дар соли 2015 низ тағйир наёфтааст. Соли 2013 интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон 4,2 млрд. долл. ИМА-ро ташкил дода буд. Аммо баъдан солҳои 2014-2016 ин нишондиҳанда яку якбора паст рафта, то ба 1,7 млрд. долл. ИМА кам шуд.




**Расми. 3.3.2. Давлатҳое, ки ҳиссаи маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон дар ММД-и онҳо дар соли 2017 бештар аст**

Дар соли 2017 дар байни давлатҳои ИДМ (**расми 3.3.2.)** ва як қатор давлатҳои дигар ҳиссаи интиқоли пулии муҳоҷирон нисбати ММД дар

---

[65]Migration and Remittances Data. September 24, 2015. - URL: http://www.worldbank.org/en/topic/migrationremittancesdiasporaissues/brief/migration-remittances-data, свободный**.** Developing Countries to Receive Over $410 Billion in Remittances in 2013, Says World Bank. October 2, 2013.- URL: http://www.worldbank.org/en/news/press-release/2013/10/02/developing-countries-remittances-2013-world-bank, свободный

Тоҷикистон 32%, Қирғизистон 30%, Белоруссия 28%, Молдовия 20% ва Россия 19,5% -ро ташкил намудааст. Ҳиссаи интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатии Украина, Озорбойҷон ва Армения аз 14 то 13%- и ММД-ро ташкил намудааст. Таносуби интиқоли пулии муҳоҷирони Қазоқистон нисбати ММД ҳамагӣ 5%-ро ташкил менамояд. Дар миёни давлатҳои ИДМ аз ҳама зиёдтар интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ӯзбекистон рост меояд. Аммо ҳиссаи он дар ММД хеле паст мебошад.

Тақрибан 900 ҳазор аҳолии қобили меҳнати Тоҷикистон ҳоло дар хориҷа кору зиндагӣ мекунанд. Чаҳор кишвари собиқ Шӯравӣ дар даҳгонаи кишварҳое дохил мешаванд, ки ҳиссаи маблағҳои интиқолии муҳоҷирон дар ММД-и онҳо баландтарин аст. Дар аксари мавридҳо қисми бештари ин маблағҳои интиқолшударо маблағҳои муҳоҷироне ташкил медиҳанд, ки дар Россия кор мекунанд.

Тибқи баъзе арзёбиҳо Ҳиндустон соли 2013 аз ҳисоби маблағҳои ба ин кишвар интиқолшуда се баробар зиёдтар аз сармоягузориҳои хориҷӣ маблағ ба даст оварда буд, ки $ 70 млрд. долларо ташкил медод. Маблағи интиқолшудаи ин кишвар бузургтарин гирандаи маблағҳои расмии интиқолшуда дар ҷаҳон мебошад. Дар феҳристи қабулкунандагони бузург, инчунин Чин ($ 60 млрд.), Филиппин ($ 25 млрд.), Мексика ($ 22 млрд.), Нигерия ($ 21 млрд.) ва Миср ($ 17 млрд.) низ шомиланд. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки маблағҳои интиқолӣ дар қиёс бо ММД дар Тоҷикистон 52 %, дар Қирғизистон 31 %, дар Непал ва Молдова 25 %-ро ташкил додаанд. Маблағҳои интиқолшуда, дар баъзе давлатҳои хурд қариб бо ММД баробаранд.[66]

Стратегияи (дурнамо) минтақавии навкунии (модернизатсия) саноатӣ Осиёи Ҷанубро тӯли чанд даҳсола бо суръати миёнаи рушди иқтисодии

[66]World Development Indicators and World Bank Development Prospects Group. - URL: URL: http://data.worldbank.org/data-catalog/world-development-indicators, свободный

5%-ӣ таъмин кард.[67] Асоси фаъолгардии мутлақи иқтисоди миллии давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ, ин захираҳои инсонии дорои ҳиссаи баланди синну соли қобили меҳнат ва захираҳои пуркунандаи неруи меҳнатӣ аз ҳисоби аҳолии то 14 сола мебошад. Афзалиятҳои демографии рақобатпазири бавуҷудомада имкони зиёд шудани аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъолро дар ояндаи наздик таъмин мекунад. Тибқи пешгӯийҳо бештар аз 300 млн нафар дар давоми даҳсолаи навбатӣ ба синну соли қобили меҳнат мерасанд. Таъсиси ҷойҳои кории онҳо барои рушди иқтисодӣ дар минтақа мусоидат мекунад.[68] Дар айни ҳол аҳолии қобили меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон 60%-и шумораи умумии аҳолии мамлакатро ташкил медиҳад. Ҳар сол дар мамлакат, ба ҳисоби миёна 150-200 ҳазор ҷойи корӣ ба вуҷуд меояд. Вале ба сабаби сатҳи пасти музди меҳнат дар марҳилаи кунунӣ аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ муҳоҷиратро интихоб мекунад.

Суръати афзоиши интиқоли маблағҳо хеле зуд баланд мешавад. Соли 1990 ин маблағҳо 49 млрд доллари ИМА (бо қурби соли 2011) расида буд. Соли 2015 – 352,471 млрд. USD дар тамоми ҷаҳон тавассути роҳҳои расмӣ интиқол шудаанд.[69] Ҳамин тариқ, суръати миёнаи рушди солона 8,2%-ро ташкил дод. Мусаллам аст, ки ба ин маблағҳо миллиардҳо доллари дигареро зам кардан мумкин аст, ки тавассути роҳҳои ғайрирасмӣ интиқол шудаанд. Чунин маблағҳои интиқолшуда, аҳаммияти хос доштани онҳоро барои аксар иқтисодҳои рушдкунанда, ифода мекунад. Ба ҳисоби миёна соли 2015 маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон 4% ММД-и кишварҳои дар ҳоли рушдро ташкил додааст.[70] Соли 2015 дар

---

[67]GDP growth (annual %). - URL: http://data.worldbank.org/indicator/NY.GDP.MKTP.KD.ZG/countries/1W?page=2&display=default, свободный

[68] Киршин И.А. Неоиндустриализация как стратегия современного экономического роста // Экономический вестник Республики Татарстан. - 2013 . - № 3. - С. 5 - 10.

[69]Migration and Remittances Data.Annual Remittances Data (updated as of Oct. 2016).URL: http://www.worldbank.org/en/topic/migrationremittancesdiasporaissues/brief/migration-remittances-data, свободный

[70]Тамже

зиёда аз 60 кишвари ҷаҳон маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ 1% ММД-ро ташкил додааст.

Муҳим будани маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон барои иқтисодҳои рушдкунанда низ маълумоти мазкурро собит мекунад. Дар давоми даҳ соли охир сели маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон ба ҳисоби миёна қариб сеяки даромадҳо аз содиротро ташкил дода, аз сели сармояи хусусӣ ду маротиба ва аз транфертҳои расмӣ 12 маротиба бештар шудаанд. Вақтҳои охир маблағҳои интиқолшуда дар давлатҳои рушдкунанда, бо сармояҳои мустақими хориҷӣ қобили муқоиса шудаанд. Ҳамин тариқ, ҳарчанд маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон дар ҳама кишварҳои дорои иқтисоди рушдкунанда аҳаммияти якхела надошта бошанд ҳам, барои аксари чунин давлатҳо захираи муҳимми молиявӣ мебошанд, ки маъмулан дар тавозуни пулии мамлакат бар дигар даромадҳо афзалият доранд.

Маблағҳои интиқолшуда дар чунин иқтисодҳои миллӣ асосан барои истифодаи маҳсулоти ниёзи аввалиндараҷа – хӯрок, либос, доруворӣ ва пардохти ҳаққи манзил, ки на танҳо барои рафъи камбизоатии хонаводаҳо кумак мекунанд, балки барои нигоҳ доштани зиндагӣ мувофиқи меъёрҳои ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, сарф шудаанд.

Новобаста ба ин ки интиқоли маблағҳо ба ҳалли масоили камбизоатӣ мусоидат мекунад, натиҷаҳои макроиқтисодии онҳо ба ҳадди кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Бо дарназардошти таъсири онҳо ба эҳтиёҷоти хонаводаҳо самараи таъсири кутоҳмуддат ба талаботи умумӣ возеҳ аст. Вале масъалаи нисбатан муҳим он аст, ки оё маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсири дарозмуддат доранд ва махсусан интиқоли маблағҳо метавонад рушди иқтисодии мамлакатро суръат бахшад? Чунин имконият далели ин аст, ки интиқоли маблағҳо моҳиятан ҷараёнҳои хусусии номаҳдуде мебошанд, ки метавонанд талаботи истеъмолӣ ва сармоягузориро маблағгузорӣ намоянд.

**Ҷадвали 3.3.2. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва интиқоли пулии давлатҳои ИДМ дар соли 2017 (млн. долл.)**

| № | Номи давлат | ММД 2017 млрд. долл. | Интиқоли пулӣ 2017 млрд. долл. | Нисбати ММД бо % дар соли 2017 |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Тоҷикистон | 7,146 | 2,220 | 32 |
| 2. | Ӯзбекистон | 48,72 | 2,839 | 1,7 |
| 3. | Қирғизистон | 7,565 | 2,486 | 30 |
| 4. | Қазоқистон | 159,4 | 355 | 4,5 |
| 5. | Украина | 112,2 | 7,895 | 14 |
| 6. | Белорусия | 54,44 | 1,200 | 28 |
| 7. | Армения | 11,54 | 1,539 | 13 |
| 8. | Россия | 1578,45 | 8,026 | 19,5 |
| 9. | Молдовия | 8,128 | 1,640 | 20 |
| 10. | Озорбойҷон | 40,75 | 2,934 | 13,8 |

**Муаллиф дар асоси маълумотҳои Бонки ҷаҳонӣ тартиб додааст.**

Дар миёни давлатҳои ИДМ, дар соли 2017 мувофиқи маълумотҳои Бонки ҷаҳонӣ шаҳрвандони Россия ва Украина бештар маблағ интиқол намудаанд. Шаҳрвандони ҶТ дар соли 2017 2,2 млрд. долл. интиқол намудаанд. Дар соли 2017 ММД- и Тоҷикистон 7,1 млрд. доллари ИМА-ро ташкил намудааст. Самаранок истифода намудани маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ ба рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Бо дарназардошти ин ки сиёсатмадорон ва иқтисодшиносон ҳар чи бештар интиқоли маблағҳоро ба манбаҳои маъмулии маблағгузорӣ баробар мекунанд, муайян кардан муҳим аст, ки оё чунин хушбинӣ воқеан дуруст аст ё не. Таҳлили услубии интиқоли маблағҳо ба рушди иқтисод таъсир расонида, беҳтарин асосро барои рушди сиёсати танзими интиқоли маблағҳо таъмин менамояд. Танзими интиқоли маблағҳо ба ду самт нигаронидани кӯшишҳоро ифода мекунад: якум, ҷустуҷӯ ва таъсиси механизмҳое, ки воситаҳои пулиро ба ҳадафҳое равона месозанд, ки ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд; дуюм, эҷоди тадбирҳое, ки ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Вале як қатор муҳаққиқон саҳми интиқоли маблағҳоро дар рушди иқтисоди давлатҳои қабулкунанда ночиз медонанд. Масалан, Адолфо Барачес аз Фонди Байналмилалии Асъор (ФБА) бо ҳамкоронаш иброз доштаанд, ки: «воситаҳои пулие, ки муҳоҷирон тӯли даҳсолаҳо ба ватани худ фиристодаанд, ба рушди иқтисодии кишварҳояшон хеле кам мусоидат кардаанд. Далели қотеъи ин хулоса (ба андешаи онҳо) вуҷуд надоштани ҷараёни инкишофи иқтисодии мусбат дар иқтисодҳои миллии давлатҳои дастраскунандаи маблағҳои интиқолшуда ба ҳисоб меравад. Ягон халқ наметавонад собит созад, ки интиқоли маблағҳо ангезаи муҳимми рушди иқтисодӣ мебошанд».[71]

Й. Вакаяма алоқамандии байни интиқоли маблағҳо ва афзоиши ММД-ро дар кишварҳои дар ҳоли рушд таҳқиқ кардааст. Ӯ маълумотро роҷеъ ба мамлакатҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки миёни интиқоли маблағҳо ва афзоиши ММД бар сари аҳолӣ робитаҳо вуҷуд надорад. Дар баробари ин, Вакаяма андеша дорад, ки интиқоли маблағҳо наметавонанд тағйиротро дар ММД-и кишварҳо дақиқан инъикос намоянд.[72]

Пас чаро афзоиши интиқоли маблағҳо сабаби афзоиши ММД иқтисодҳои миллии рушдкунанда нашуд? Майкл Клеменс аз Маркази рушди глобалӣ ва Дэвид Маккензи аз Бонки умумиҷаҳонӣ ба ин суол се посухи имконпазир додаанд.[73] Якум: онҳо қайд мекунанд, ки афзоиши интиқоли маблағҳо метавонад ба сабаби хатои андозагирӣ амалан фиреби назар бошад. Онҳо ба саҳеҳияти маълумоти оморӣ дар иқтисодҳои рушдкунанда бо шубҳа нигариста, 89% афзудани ММД-и Нигерияро дар

[71]Barajas A., Chami R., Fullenkamp C/, GapenM. and MontielP..Do Workers' Remittances Promote Economic Growth? IMF Working Paper.2009. International Monetary Fund.

[72]Wakayama, Y. (2011). Can remittances be the source of GDP growth in developing countries? (BachelorThesis).Tokyo University of Foreign Studies. - URL: http://www.tufs.ac.jp/insidetufs/kyoumu/doc/yusyu22_wakayama.pdf, свободный

[73]Michael A. Clemens and David McKenzie. Why Don't Remittances Appear to Affect Growth?Center for Global Development. Working Paper 366, May 2014

як шаб ёдовар мешаванд .[74] Эҳтимоли ба даст овардани маълумоти носаҳеҳ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ба аксар муҳаққиқон ошно аст. М. Клеменс ва Д. Маккензи афзоиши интиқоли маблағҳоро дар асоси маълумоти вобаста ба сохтори муҳоҷират ва сатҳи даромад дар кишварҳои қабулкунанда таҳлил ва пешбинӣ карданд. Пас аз он ин пешбиниҳоро бо афзоиши воқеии ба қайд гирифташудаи интиқоли маблағҳо муқоиса карданд. Фарқиятҳои ҷиддӣ ба чунин хулоса овварданд, ки қариб 80% ҳосили маблағҳои интиқолшуда, ки миёни солҳои 1990 то 2010 ба қайд гирифта шудаанд, танҳо инъикоси тағйирот дар усули андозагирӣ мебошанд. Дуюм: нишондоди усули омории мавҷуд наметавонанд таъсири интиқоли маблағҳоро ба рушди иқтисодӣ муайян кунанд. Равиши умумӣ дар истифодаи маълумоти саҳроии панелӣ ифода меёбад, ки барои назорати омилҳои дар кишварҳои мухталиф амалкунанда, ҷамъоварӣ шудаанд ва дар вақти доимӣ мебошанд ё тағйири ҷараёни инкишоф доранд ва барои давлати мушаххас доимианд. Аз дидгоҳи М. Клеменс ва Д. Маккензи мушкилӣ дар ин аст, ки маълумот дар бораи интиқоли маблағҳо хеле маҳдуданд. Шумораи кишварҳо ва муваққатан интихобшудаҳое, ки маълумот дар бораи онҳо мавҷуд аст, хеле каманд, ки дар асоси онҳо ҳатто камтарин таъсири имконпазир ба рушди иқтисодӣ муайян карда шавад. Сеюм: новобаста ба хатоҳо дар андозагирӣ ва нокифоягии усули оморӣ самаранокии афзоиши интиқоли маблағҳо амалан метавонад хеле кам бошад. Дар воқеъ, таъсири интиқоли маблағҳое, ки аз муҳоҷирати нав бармеояд, ҳатто метавонад манфӣ бошад. Воситаҳои пулӣ ба иқтисоди миллӣ ворид мешаванд, вале сармояи инсонӣ аз он хориҷ мешавад. Агар муҳоҷирон дар хона бекор бошанд, ҷараёни интиқоли маблағҳои онҳо таъсири мусбат мегирад. Аммо агар онҳо дар иқтисоди кишвари худ машғул бошанд, ҷараёни баръакси захираҳои меҳнатӣ (таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ) амалан манфӣ мешавад. Маблағҳои интиқолшуда, метавонанд даромади миллиро афзоиш диҳанд,

[74]Africa’s new Number One.Economist.Apr 12th, 2014. pp 56-58.

вале ММД ҳамчун маҳсулоти дар дохили иқтисоди миллӣ тавлидшуда, андозагирӣ мешавад. Самараи таъсири интиқоли маблағҳо ба афзоиши ММД аз он вобаста аст, ки чӣ гуна дар асоси қонунгузории миллӣ мавқеи резиденти мамлакат ва самти хароҷоти маблағҳои воридшуда аз ҷониби гирандаҳои он муайян карда мешавад.

Тағйирот дар қонунгузорӣ метавонад ба арзёбии суръати рушди иқтисоди миллӣ таъсир расонад. Дар аксари кишварҳо муҳоҷирон камтарин маошро мегиранд ва бо ин сабаб андози камтар месупоранд, ки ин саҳми онҳоро дар ММД-и давлати қабулкунанда кам мекунад. «Қонунӣ кардани ҳузури 11 миллион муҳоҷирони ғайрирасмӣ боиси афзоиши ММД ИМА ба маблағи 1,4 триллион доллар дар давоми 10 сол мешавад», гуфта шудааст дар таҳқиқоте, ки Қасри Сафед нашр намуд.[75] Ин чунин маънӣ дорад, ки бо мавқеи шаҳрвандӣ ба даст овардани муҳоҷирон маоши онҳо меафзояд, яъне даромади онҳо, ки зиёд шуд, андози аз онҳо ситонидашаванда низ меафзояд.

Ба андешаи мо муҳаққиқони мазкур бо он ки мавҷуд набудани ҷараёни инкишофи мусбати иқтисодиро дар давлатҳои қабулкунанда зикр мекунанд, инро ба назар намегиранд, ки дар шароити кунунии иқтисоди ноустувор мавҷуд набудани ҷараёни инкишофи назарраси манфӣ худ комёбии иқтисодҳои рушдкунандаи миллист. Ва ин комёбӣ асосан ё қисман аз ҳисоби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ таъмин мешавад. Натиҷаҳои тавассути тарҳсозӣ бадастомада, ки таъсири мусбати интиқоли маблағҳоро ба рушди иқтисодии давлатҳои африқоӣ нишон доданд, метавонанд ин андешаро тасдиқ намоянд. Муҳаққиқон муайян кардаанд, ки афзоиши 10 дарсадии ҳаҷми интиқоли маблағҳо ММД-ро бар сари аҳолӣ 0,3% зиёд мекунад.[76]

---

[75]Белый дом: легализация иммигрантов добавит ВВП США $1,4 трлн за 10 лет. - URL: http://ria.ru/world/20130814/956120478.html, свободный

[76]Fayissa B., Nsiah C. The Impact of Remittances on Economic Growth and Development in Africa. - The American Economist, 2010. - P. 95.

Вале дар замони муосир дар як қатор кишварҳо пайомадҳои коҳиши қурби пули русӣ (рубл) ба иқтисодҳои миллии рушдкунанда таъсири манфӣ расондааст. «Дар кишварҳое, ки ММД асосан ба интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба ватани худ мефиристанд, такя мекунад, бухрони тӯлонии асъор боиси рукуди иқтисодӣ мешавад, ки бо ченакҳои дурақама андозагирӣ мешаванд. Давлатҳои Осиёи Марказӣ – Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, ки иқтисодҳои нисбатан заиф доранд ва ба интиқоли маблағҳое такя мекунанд, ки шаҳрвандони дар Россия фаъолиятдоштаи онҳо ба ватан мефиристанд, нисбатан осебпазиранд».[77]

Дар баробари сабабҳои хоси иқтисодӣ чанд далели иҷтимоӣ-сиёсие вуҷуд дорад, ки ташкили низоми нисбатан беҳтарро барои интиқоли маблағҳои муҳоҷирон асоснок мекунанд. «Агар нархи нафт ва қурби пули русӣ (рубл) ба коҳиши худ идома диҳанд, бозгашти муҳоҷирон ба хонаҳои худ шурӯъ мешавад. Беш аз 800 ҳазор нафар муҳоҷирони тоҷик дар Россия кор мекунанд, ки ин рақам ҳоло нишондоди расмӣ аст. Оилаҳои ин муҳоҷирон маҳз аз ҳисоби интиқоли маблағҳо аз Россия зиндагии худро пеш мебаранд. Агар онҳо ба ватан бозгарданд, иқтисоди мамлакат наметавонад онҳоро бо ҷойи кор таъмин кунад, ки ин боиси мушкилоти иҷтимоӣ дар ҷомеа мешавад».

Имрӯзҳо чанд сабаби асоснок барои осон кардани танзими давлатии раванди интиқоли пулҳои муҳоҷирон ва ин хидматрасониро ба онҳо боз ҳам дастрастар кардан вуҷуд дорад. Маълумоти дастраскардаи Remittance Prices Worldwide (RPW) ба кам шудани арзиши фиристодани пул бо роҳи интиқол ишора кардааст[78]. Соли 2014 арзиши умумии ирсоли маблағҳо бо дарназардошти пардохтҳо ва спрэдҳои табодули асъор аз 9,1% соли қаблӣ то 8,4% коҳиш ёфт. Дар миёни давлатҳои G20 Россия, Арабистони Саудӣ

[77]Russia’s rouble crisis poses threat to nine countries relying on remittances. - URL: http://www.theguardian.com/world/2015/jan/18/russia-rouble-threat-nine-countries-remittances, свободный

[78] Remittance Prices Worldwide, Issue No. 9 – March 2014.

ва ИМА аз ҷумлаи онҳое мебошанд, ки вобаста ба интиқоли маблағҳои муҳоҷирон камтарин хароҷот доранд. Аз чунин маблағҳои интиқолшаванда, гирифтани ҳаққи нисбатан зиёди комиссия, худ ба табиати интиқоли маблағҳо мувофиқ нест, зеро ин маблағҳо на танҳо барои афзоиши ММД, балки барои паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ низ муҳимманд.

Тӯли солҳои охир маблағҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда тавассути роҳи расмӣ хеле афзоиш ёфта, солҳои 2008 ва 2010 нисбат ба соли 2004 2 ва 1,8 маротиба зиёд шудаанд. Аммо ин ҷо муҳим аст, ки ду сабаби афзоиши ҳаҷми интиқоли маблағҳо зикр карда шавад. Якум: ҳаҷми интиқоли маблағҳо тавассути роҳи расмӣ (бонкҳо ва операторҳои интиқоли воситаҳои пулӣ) афзудааст. Дуюм, ин афзоиш дар асоси зиёд шудани шумораи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ба амал омад, ки ба ҳаҷми интиқоли маблағҳо низ таъсир намуд.

Вале пас аз соли 2014 ҳаҷми интиқоли маблағҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон якбора кам шуд. Ин пеш аз ҳама ба вазъи ногувори сиёсӣ дар Украина ва таъсири он ба иқтисоди Россия алоқамандӣ дорад. Ҳамчунин тағйирот дар қонунгузории муҳоҷират дар Россия ба коҳиши муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кард. Тибқи маълумоти вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ шумораи шаҳрвандони ҶТ, ки воруди онҳо ба қаламрави ФР манъ шудааст, бештар аз 300 ҳазор нафар мебошанд.




**Расми 3**. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз соли 2008 то 2017.

Дар бораи таъсири интиқоли маблағҳо ба рушди иқтисодии давлаҳое, ки қувваи кориро содирот мекунанд, дар миёни муҳаққиқон андешаи ягона вуҷуд надорад. Баъзеҳо дар хусуси таъсири мусбат ва баъзеи дигар дар бораи таъсири манфӣ доштани он ҳарф мезананд. Гурӯҳи сеюм бошад, таъкид мекунанд, ки миёни ин ду тағйирот алоқамандӣ вуҷуд надорад.[79]

Доир ба вуҷуд доштани робитаи манфӣ миёни ин ду тағйирот Чами ва дигарон навиштаанд.[80] Маълумот аз 113 кишвари ҷаҳон дар тӯли 30 сол собит мекунад, ки ҳамбастагӣ миёни интиқоли маблағҳо ва рушди иқтисодӣ манфӣ аст, аз ин рӯ, онҳо ба хулосае омадаанд, ки интиқоли маблағҳо сабаби аз байн рафтани ангезаи кор барои нафароне мешавад, ки маблағҳои интиқолшавандаро ба даст меоранд.

---

[79]ОтчетМВФза 2005 г., www.imf.org

[80]Chami R., Connel F., Samir.!., 2003. .Are Immigrant Remittance Flows a Source of Capital for Development?, IMF Working Paper 03/189.

Ҷонибдорони ҳамбастагии мусбат миёни интиқоли маблағҳо ва рушди иқтисодӣ нисбатан зиёданд. Масалан, А. Солимано[81], П. Ҷулиано, М. Руиз-Арранз, Ж. Мундака ва дигарон[82]. Х.У. Умаров, Р.У. Улмасов, З.С. Султонов.[83] П. Ҷулиано ва М. Руиз-Арранз чунин мешуморанд, ки алоқмандӣ миёни ин ду тағйирёбанда далели ин аст, ки таъсири интиқоли маблағҳо ба сатҳи тараққиёти низоми молиявии кишвар вуҷуд дорад.[84] Бо истифда аз маълумоти панелии 101 кишвари дунё онҳо ба хулоса омаданд, ки интиқоли маблағҳо рушди иқтисодии кишварҳои нисбатан қафомондаро таъмин мекунанд. Ҷулиано ва Руиз-Арранз нуқтаи назари худро бо он асоснок мекунанд, ки мавҷуд набудани бозори молиявии рушдкарда, дар ин гуна мамлакатҳо аз ҳисоби интиқоли маблағҳо ва афзоиши бозоргирии бонкҳо ҷуброн мешавад, ки ба гароиши дигар давлатҳои қафомонда ба рушди ниёзҳои истеҳсолӣ вобаста аст. Маҳз ҳамин раванд сабаби рушди босуръати иқтисод мешавад.

Гуногунии андешаҳои ҷонибдорони ин робитаи мусбат ва манфӣ миёни ду тағйирёбандаи зикршуда ва хулосаҳои ироанамудаи онҳо, шарҳу тавзеҳи худро доранд. Ҷонибдорони робитаи манфӣ миёни интиқоли маблағҳо ва рушди иқтисодӣ барҳақанд, вақте дар бораи алоқамандии интиқоли маблағҳо ва рушди иқтисодӣ дар сатҳи поёнӣ сухан мегӯянд, ҳарчанд хулосаҳои онҳоро ҳамчун қонуният пазируфтан душвор аст, зеро он далелҳои муътадилро дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти дигар талаб мекунад.

Ҷонибдорони робитаӣ мусбат миёни интиқоли маблағҳо ва тараққиёт ҳам андешаи дуруст доранд, зеро алоқамандиро миёни ду тағйирёбанда дар сатҳи макроиқтисодӣ қонуният меҳисобанд. Маблалағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон ҳадди ақал ба рушди соҳаҳое, чун интиқол

---

[81]Solimano A. 2003, Workers remittances to the Andean Region: mechanisms, costs and development impact - Santiago: UN-ECLAC. Mimeo.
[82]Mundaca G., Giuliano P., Ruiz-Arranz M,, 2005, "Can Remittances Enhance Economic Growth? TheRoleofFinancialMarketDevelopment" - papers.ssrn.com
[83]Султонов З.С. Макроэкономические последствия денежных переводов трудовых мигрантов в Республики Таджикистан, Институт демографии Академии Наук РТ (2008 г., неопубликованный отчет).
[84]Giuliano P. and Ruiz-ArranzM. 2005., "Remittances, Financial Development, and Growth" Working Papers

додан (фаъолияти бонкӣ), сайёҳӣ, нақлиёт, алоқа ва тиҷорат,[85] инчунин рушди сохтмон, хизматрасонӣ, тиҷорати хурду миёна, тиҷорат ва маориф таъсири мусбат доранд.

Аз ҷониби дигар, робитаи манфӣ низ миёни интиқоли маблағҳо ва соҳаҳои алоҳидаи иқтисод, масалан маориф,[86] саноат, кишоварзӣ ва амсоли инҳо вуҷуд дорад.

Пас, таъсири интиқоли маблағҳо дар макросатҳ ва ба тавозуни макроиқтисодӣ чӣ гуна аст? Таъсири амалии онҳо ба соҳаҳои иқтисоди Тоҷикистон чӣ гуна аст? Онҳо мусбатанд ё манфӣ?

Яке аз маҳсулоти муҳимми содиротии Тоҷикистон дар замони муосир қувваи корӣ аст, ки даромадҳо аз ҳисоби он чандин карат аз даромади содироти мол бештар аст, ки дар ниҳоят сабаби афзоиши талабот дар дохили мамлакат мешавад.

Тибқи арзёбиҳои Бонки Умумиҷаҳонӣ, соли 2005 муҳоҷирони меҳнатӣ 12% шумораи умумии аҳолии мамлакатро ташкил дода, вобаста ба фоизи ҷалби аҳолӣ ба муҳоҷират дар миёни кишварҳои дунё мақоми 25-умро гирифтааст (барои муқоиса: дар Ямайка, ки дар садри ин феҳрист қарор дорад, 39% аҳолии он ба муҳоҷират мерафтаанд).[87] Тибқи маълумоти мухталиф ҳаҷми муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Тоҷикистон дар ҳудуди аз 550 ҳазор нафар то 1,200 ҳазор нафар тағйир меёбад. Бо сабаби ихтисор шудани квотаҳои ҷалби қувваи кории хориҷӣ дар ФР ва кам шудани талабот ба қувваи арзони корӣ вобаста ба рукуди иқтисодӣ, содироти қувваи корӣ аз Тоҷикистон дар соли 2009 то 20-30% коҳиш ёфт. Коҳиши ҳаҷми интиқоли маблағҳо, ҳамчунин бо сабаби паст шудани қурби асъори давлатҳои содиркунанда, воридкунандаи қувваи корӣ дар қиёс бо асъорҳои мубодилавӣ (Евро, доллари ИМА ва амсоли инҳо) ба амал меоянд. Масалан, қурби рубли Россия соли 2014 дар қиёс бо доллари ИМА

[85] Orozco (2005)
[86] Отлучение детей от образования в семьях, где есть трудовые мигранты, широкое Распространение использования детского труда
[87] Migration and Remittances: Гор 10, 2005, the World Bank.

нисбат ба ҳамин давраи соли 2012 зиёда аз 70% ва асъори миллии Тоҷикистон (сомонӣ) то 90% коҳиш ёфт.

Бешубҳа, анбуҳи бузург ва устувори интиқоли маблағҳо дар солҳои охир дар Тоҷикистон сабаби устувор шудани асъори миллӣ нисбат ба асъорҳои мубодилавии хориҷӣ шуданд. Сабабҳои асосии камшавии истеҳсолот дар Тоҷикистон зиёд шудани шумори бекорон ва дар заминаи он афзоиши муҳоҷират дониста мешавад, ки пеш аз ҳама гузариш аз як низоми иқтисодӣ ба низоми дигар бо канда шудани ҳалқаи ягонаи собиқ ИҶШС, ҷанги шаҳрвандӣ рақобатпазир набудани корхонаҳои боқимонда дар шароити бозорӣ ва амсоли инҳо мебошанд.

Интиқоли устувори маблағҳо, пеш аз ҳама бо он сабаб боиси деиндустриализатсия мешавад, ки раванди таназзули истеҳсолот ҳанӯз дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX шурӯъ шуда буд, дар ҳоле, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ва воруди воситаҳои пулӣ аз соли 2000-ум оғоз мегардад.[88] Вале онҳо барои рушди истеҳсолоти ватанӣ монеъ мешаванд, зеро воруди асъори хориҷӣ ба иқтисоди мамлакат сабаби устувор шудани асъори миллӣ мешавад, ки ин дар навбати худ сабаби рақобатпазир нашудани молу хидматрасонии маҳсули кишвар мегардад. Ҳамзамон, афзоиши даромади аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон сатҳи истеъмолиро баланд мебардорад, ки дар шароити касодии истеҳсолоти ватанӣ боиси бештар шудани воридот мешавад.

Ҳамин тариқ, таъсири манфии интиқоли маблағҳоро дар мисоли истеҳсолкунандагони дохилӣ метавон мушоҳида намуд. Маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо на танҳо дар бозори хориҷӣ, балки дар бозори дохилӣ низ долларишавии иқтисод ва устуворшавии асъори миллӣ дар шароити набудани протексионизми ҳукумат рақобатнопазир мешаванд.

Аммо дар шароити буҳрони молиявии муосир камшавии ҷараёни муҳоҷират ва дар заминаи он коҳиши ҳаҷми интиқоли маблағҳо мушоҳида мешавад, ки метавонад боиси эҳёи истеҳсолоти ватанӣ гардад,

---
[88] Увеличивается параллельно с увеличением числа трудовых мигрантов.

агар аз ҷониби ҳукумат тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ шаванд. Ба ибораи дигар, бухрони молиявии ҷаҳонӣ ба рушди истеҳсолоти дохилӣ мусоидат мекунад, яъне ба ин восита вобастагии мамлакат аз воридот, ҳадди ақал аз воридоти маҳсулоти ниёзи аввал кам мешавад ва осебпазирии иқтисоди давлат дар баробари омилҳои хориҷӣ коҳиш меёбад. Бар замми ин, эҳёи истеҳсолоти ватанӣ амнияти озуқавории мамлакатро таъмин карда, ҷойҳои кории иловагӣ ба вуҷуд меорад, ки ин раванд ба коҳиши муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ бавосита таъсир мекунад.

Бо такя ба сабабҳои зикршуда, хулоса кардан мумкин аст, ки агар дар бозори асъор аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дахолат сурат нагирад, тамоили мусбати эҳёшавии истеҳсолотро, ҳамзамон бо дастгирии ҳукумат ва коҳиши бори гарони андозҳо бо мақсади рушди истеҳсолот дар соҳаи тиҷорати хурду миёна мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҷанбаи муҳимми таъсири интиқоли маблағҳо беқурбшавии асъори хориҷӣ дар бозори дохилии кишварҳои қабулкунанда мебошад. Яъне интиқоли маблағҳо асъори миллиро нисбат ба асъори хориҷӣ устувор мекунад, ки дар навбати худ боиси баландшавии нархҳо ва аз ҳисоби нархҳои истеъмолӣ гарон шудани ҳама ашёи зарурии зиндагӣ мешавад, ки намунаи онро дар Тоҷикистон дидан мумкин аст.[89]

Дар умум, тӯли солҳои охир коҳиши истеҳсолоти кишоварзӣ дар мамлакат мушоҳида мешавад. Интиқоли маблағҳо ва коҳиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба эҳтимоли зиёд дар вобастагии сахти мутақобил қарор доранд. Яъне бо коҳиши ҳаҷми муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ (ҳадди ақал дар хонаводаҳое, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа доранд) истеҳсоли нисбатан зиёди маҳсулоти кишоварзӣ мушоҳида мешавад, зеро хонаводаҳое, ки ба онҳо аз хориҷа маблағ фиристода мешаванд, камтар ба кор ҳавасманд мебошанд ва баръакс хонаводаҳое, ки муҳоҷири меҳнатӣ надоранд, дар корҳои кишоварзӣ фаъоланд. Ва ин дар ҳолест, ки таносуби интиқоли маблағҳо нисбат ба таносуби даромадҳо аз

[89] Подробно: vvww.stat.ti: Индекс потребительских цен 2002-2008

корҳои кишоварзӣ чандин маротиба зиёд аст ва дар умум дастраскунандагони маблағҳои интиқолшудаdo тайёрхӯр мекунад. Чунонки натиҷаҳои ташхиси минтақавии Кайес Мали нишон додаанд, хонаводаҳои қабулкунандаи маблағҳои интиқолшуда, нисбат ба хонаводаҳое, ки муҳоҷири меҳнатӣ надоранд, камтар маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол кардаанд.[90] Ва дар ҳолати Тоҷикистон низ ба андешаи мо айнан чунин робитаи манфӣ миёни муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва интиқоли маблағҳо аз як ҷониб ва коҳиши маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби дигар мушоҳида мешавад, ки далелҳои эмперикии худро талаб мекунад.

**Дар асоси таҳлили алоқамандии интиқоли пулӣ ва рушди иқтисодии мамлакат чунин хулоса намудан мумкин аст:**

- воситаҳои пулии муҳоҷирон ҳамзамон метавонанд дар шароити беқурбшавӣ асъори кишварҳои қабулкунанда ба эътидоловарандаи автоматии қурби мубодилавии асъор бошанд. Дар чунин сурат беқурбшавии даромадҳои муҳоҷирон аз ҳисоби фарқиятҳои афзоиши қурб зиёд мешавад. Ҳамин тариқ, ҳатто агар самараи таъсир ба рушди иқтисодӣ аҳаммияти кам дошта бошад ҳам, мусоидат ба муҳоҷирон ҷиҳати интиқоли маблағҳо аз ҷониби мақомоти танзимкунанда, метавонад барои рушди иқтисоди давлатҳои дар ҳоли рушд қарордошта, аҳаммияти бузург дошта бошад;

- интиқоли маблағҳо рушди беихтиёри (автоматӣ) иқтисоди миллиро кафолат намедиҳанд ва манбаҳои рушди иқтисодии эндогении кишварҳои дорои сатҳи пасти даромад нестанд. Вале онҳоро ҳангоми таҳияи барномаҳои ҳукуматии танзими иқтисоди хурд (макроиқтисодӣ) ва рушди иқтисодӣ ҳамчун манбаҳои имконпазири устуворкунии самарабахш ва зиёдкунии талаботу пешниҳод дар соҳаи хизматрасонӣ бояд ба назар гирифт. Дар ҳудуди қабулкунандагони интиқоли маблағҳо

[90]Azam J.P., Gilbert I .. (2004), "Those in Kayes: The Impact ot Remittances on their Recipients in Africa," IDE! Working Papers 308.Institutd'EconomieIndustrielle (IDEI), Toulouse. 'http:ideas.repec.org/e/pgu103.html

реаллокатсияи захираҳо ва табдили сохтори иқтисодҳои миллии қабулкунандагони ҷараёни интиқоли маблағҳо ба амал меояд;

- дар дурнамои кӯтоҳмуддат интиқол додан дар шакли интиқоли маблағҳои муҳоҷирон, қисман маҳдудиятҳои буҷетии хонаводаҳои дастраскунандаи ин интиқолҳоро баробар мекунанд;

- ҳамзамон муҳоҷирати доманадор метавонад ба фаъолнокии иқтисодии кишваре, ки муҳоҷирон аз он ҷо мебароянд, ба ҷамъшавии сармояи инсонӣ ва ба ин восита ба соҳаҳои муайяни бозори дохилии меҳнат, аз ҷумла маълумоти олӣ, тандурустӣ, илм, хизматрасонӣ ва ғайра таъсири манфӣ дошта бошад. Махсусан дар кишварҳое, ки дар миёни муҳоҷирон шумораи зиёди мутахассисон қарор доранд ва ба ҷойи онҳо касони дигарро пайдо кардан душвор аст, ин мушкилӣ бештар ба назар мерасад;

- агар ҳукумат натавонад ислоҳоти самарабахши иҷтимоӣ-иқтисодиро таҳия ва роҳандозӣ намояд, дар гумон аст, ки интиқоли маблағҳо ба рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат карда тавонад. Интиқоли маблағҳо дар табиати худ наметавонанд ҷаззобияти сармоягузории ҳудудро баланд кунанд ва муҳаррики рушди иқтисодӣ бошанд, танҳо сиёсати томи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки ба баланд кардани некӯаҳволии мардум, афзоиши самаранокии бозорҳои амалкунанда ва беҳтар кардани таъминоти иҷтимоӣ равона шудааст, метавонад шароити саҳмгузории муҳоҷират ва интиқоли маблағҳоро дар рушди иқтисодӣ фароҳам оварад;

- вазифаи стратегии ҳукуматҳои маҳаллӣ дар он аст, ки бояд омилҳои мусбату манфии таъсири муҳоҷиратро тавре ба ҳам оранд, ки таъсири тавассути сиёсати муҳоҷират бадастомада, ба рушди иқтисод ва тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар дурнамои дарозмуддат натиҷаҳои мусбат дошта бошад.

# БОБИ 3. ҶАНБАҲОИ НИҲОДИИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ

## 3.1. Принсипҳои асосии ташаккули механизми танзими равандҳои муҳоҷират

Муҳоҷирати меҳнатии байналхалқӣ дар ҷаҳони муосир худро ҳамчун масъалаи глобалӣ нишон дод ва он натиҷаи табиии раванди ҳамгироии босуръати иқтисодӣ миёни кишварҳост, ки ба сабаби либерализатсияи тиҷорат, сели сармоя ва инчунин тағйироти технологии босуръат пайдо шудааст. Қобили зикр аст, ки ҷаҳонишавии иқтисод ба ҷойивазкунии нисбатан зиёди қувваи корӣ оварда расонид, ки омили нисбатан паҳншудаи фаъолияти истеҳсолӣ дар бисёр кишварҳои рушдкунанда ва инчунин кишварҳое мебошад, ки қувваи корӣ – қувваи нисбатан пуриқтидори ҳаракатдиҳандаи истеҳсолоти донорҳои қувваи кориро барои «табодули озоди коргарон» равона месозанд. Муҳоҷирати байналхалқии меҳнатӣ дахолати сахтро ба раванди шадидтар кардани назорат аз болои анбуҳи муҳоҷирони меҳнатӣ ва дар баъзе ҳолатҳо, ҳатто ба манъ кардани он оварда расонд.

Бо вуҷуди ин, ба ҳама маълум аст, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ҳам ба давлатҳои равонкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳам ба давлатҳои қабулкунандаи «сармояи корӣ» бо сабаби нокифоягии захираҳои меҳнатии дохилиашон фоидаи дутарафа мерасонад. Аз ин рӯ, ба кишварҳои равонкунанда ва қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ лозим аст, ки масоили ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва таҳияи механизмҳои муосири ҳузури расмии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои хонаводаи онҳоро бо дарназардошти меъёрҳои Конвенсияи байналмилалӣ вобаста ба ин қисми (категория) шахсиятҳо якҷоя баррасӣ ва ҳаллу фасл намоянд.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) ба бартарафсозии муҳоҷирати ғайрирасмӣ ва танзимнашаванда дар асоси ташкили базаи мувофиқи меъёрӣ-ҳуқуқӣ якҷоя бо кишварҳое, ки шароити расмигардонии

таъмини муҳоҷирони меҳнатӣ бо кор ва дар оянда қонунан ҳузур доштани онҳо, ҷалби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба раванди мазкур, ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ғайриҳукуматӣ, ҷамъиятӣ ва ғайраро бо мақсади танзими равандҳои муҳоҷират ва барқароршавии қонуният дар раванди муҳоҷират қабул доранд, равона шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳанӯз соли 1998 бо дарназардошти миқёси муҳоҷирати аҳолии мамлакат ва гуногунии равандҳои муҳоҷират, дар ҳамон давра Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷиратро қабул карда буд. Ин Консепсия[91] санади асосии идоракунии равандҳои муҳоҷират ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Агар вазъи кунунии муҳоҷиратро дар мамлакат мушоҳида кунем, бузургтарин ҷараён муҳоҷирати меҳнатӣ аст. Ҳолати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ тасаввур кардан номумкин аст, зеро он бузургтарин падидаи иҷтимоии вуруди мамлакат ба асри XX1 аст. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи мамлакат омиле шуд, ки ба низоми таъмини зиндагии шумораи назарраси оилаҳо дар Тоҷикистон таъсири бузург гузошт. Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои мусбат ва ҳам манфии ин падида хуб мушоҳида мешаванд.

Ҳарчанд дар Тоҷикистон фаъолшавии дигар ҷанбаҳои равандҳои муҳоҷират, ба монанди муҳоҷирати дохилии аҳолии деҳот ба шаҳрҳо, муҳоҷирати байниминтақавӣ, муҳоҷирати ихтиёрӣ аз манотиқи кӯҳистонӣ ва сераҳолӣ ба водиҳои мамлакат, муҳоҷирати нақшавӣ аз манотиқи экзогенӣ ба навоҳии бехатар ба чашм мерасад, ки ин равандҳо ба ягон ваҷҳ наметавонанд бо муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар муқоиса шаванд. Вобаста ба ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли масъалаи мазкур диққати махсус медиҳад. Дар умум, муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишвари мо хосияти мавсимӣ дорад, яъне авҷи хуруҷи онҳо ба давраи баҳор –

[91]Концепция государственной миграционной политики Республики Таджикистан, 1998 г.

тобистон ва бозгашти онҳо бошад ба давраи тирамоҳ – зимистони сол рост меояд. Бо вуҷуди ин, солҳои охир шумораи нафароне, ки бештар аз як сол машғули кор мешаванд, дар ҳоли афзоиш аст.

Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ падидаи мураккаб аст, ки таваҷҷуҳ ва таҳқиқи амикро тақозо мекунад ва танзими он дар алоқамандӣ бо дигар равандҳо ва падидаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҳаёти мамлакат сурат мегирад. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷи мамлакат асоснок кардани ҳадафҳои бунёдӣ, вазифаҳои кунунӣ ва ояндаро бо дарназардошти маросиму анъанаҳо ва хусусиятҳои миллию таърихии аҳолии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст .[92]

Вобаста ба ин, солҳои охир аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдомот роҳандозӣ шуда, вобаста ба таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират, ташкил ва такмили базаи меъёрӣ-ҳуқуқии миллии марбут ба он, тасдиқи як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ, имзои созишномаҳои байниҳукуматӣ ва байниминтақавӣ бо дигар давлатҳо корҳои муайян ба анҷом расонда шудаанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муҳоҷират қариб тамоми вазифаҳои байналхалқии мамлакатро пешбинӣ кардааст ва ба андешаи мо имрӯз ин қонунгузорӣ то ҳадди кофӣ либералӣ аст, ҳарчанд аз камбудиҳо орӣ нест.

Дар Тоҷикистон ба рушди шаклҳо ва усули босамари идоракунии муҳоҷирати берун аз мамлакат, ки ба тавсеаи озодиҳои иқтисодӣ, риояи ҳуқуқи инсон, рушди муносибатҳои ду ва бисёрҷонибаи байналхалқӣ асос ёфтааст, диққати махсус дода мешавад. Масоили вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон зери назорати ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Ҳангоми сафарҳои хориҷии худ, Президенти кишвар ба масъалаи ҳузур ва фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон дар давлатҳое, ки

[92] Концепция трудовой миграции граждан Республики Таджикистан за границу, 2001 г.

сафар кардаанд, диққати махсус дода, бо мақсади таъмини ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии онҳо иқдомҳои ҷиддӣ роҳандозӣ мекунанд.

Бо дарназардошти барои мамлакати мо муҳим будани танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, таҳия ва татбиқи тадбирҳо вобаста ба амалӣ кардани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, мусоидат ба ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи мамлакат, бо Қарори Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2011 №1014[93] дар заминаи сохторҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатии Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ, намояндагии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия вобаста ба муҳоҷират, шуъбаи кор бо муҳоҷирони Хадамоти Консулии Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва шуъбаи муҳоҷирати меҳнатии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Аммо баъди тағйироти сохторӣ гузаронидани ин сохтор барҳам дода шуда, ваколатҳои он ба зимаи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ вогузор карда шуд, ки чунин вазифаҳоро дар самти танзими давлатии раванди муҳоҷирати аҳолӣ иҷро менамояд.

- иҷрои вазифаҳо вобаста ба танзими муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи мамлакат;
- омӯзиши касбии муҳоҷирони меҳнатӣ;
- таъмини шаҳрвандони мамлакат бо ҷойи кор берун аз ҷумҳурӣ;
- робита бо ҳамватанони бурунмарзӣ;
- муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.[94]

[93]Указ Президента Республики Таджикистан от 21 января 2011 года, №1014 «Об образовании Миграционной службы при Правительстве Республики Таджикистан».

[94] Указ Президента Республики Таджикистан от 21 января 2011 года, №1014

Бо мақсади танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо ташаббуси Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ширакати дигар мақомоти марбутаи ҳокимияти давлатӣ «Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи мамлакат барои солҳои 2011–2015» таҳия карда шуда буд, ки мутобиқи он мақсади асосии Стратегия бо дарназардошти тамоилҳои афзоиши босуръати аҳолии қобили меҳнати мамлакат ва имкониятҳои муваққатан маҳдуди таъмини захираҳои меҳнатӣ бо ҷойи кор дар кишвари баромадгоҳ муайян карда шудааст.

Барои муваффақ шудан ва расидан ба ҳадафҳо дар чаҳорчӯбаи Стратегияи мазкур чунин афзалиятҳои миллӣ ҷудо карда шуда буданд:

1.Ташкили низоми самараноки танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷи кишвар, ки хусусияти асосии онро шаффофият, тобеият ва риояи қонуният, мутамарказ будан ба рушди ҳамкориҳо ва ҳамоҳангии самаранок ташкил медиҳад.

2. Рушди шаклҳо ва методҳои самарабахши идоракунии муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ, ки ба тавсеаи озодиҳои иқтисодӣ, риояи ҳуқуқи инсон, рушди муносибатҳои байналхалқии ду ва бисёрҷониба асос ёфтааст.

3. Афзоиши иқтидори муҳоҷирони меҳнатӣ, ки барои баланд кардан то сатҳи омодагии касбӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ, фаъолгардонии муҳоҷирони меҳнатӣ дар раванди тараққиёти миллӣ равона шудааст.

4. Тавсеа ва таҳкими ҳамкориҳои давлатӣ ва хусусӣ вобаста ба омодасозӣ, равонасозӣ ва ҳимояи муҳоҷирони меҳнатӣ берун аз қаламрави мамлакат. Дастёбӣ ба муносибатҳои қобили қабули тарафайн вобаста ба масъалаи мазкур бо субъектҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии давлатҳое, ки муҳоҷирони мо дар он ҷо кор мекунанд.[95]

[95]Постановление Правительства Республики Таджикистан от 4 октября 2011 года, №460 «Об утверждении национальной стратегии трудовой.

Дар Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 дар қисмати шуғл пурмаҳсул қайд карда мешавад, ки бозори меҳнат аз се бахш, аз ҷумла шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ ташаккул ёфтааст.

Дар соҳаи сиёсати шуғли пурмаҳсул афзалиятҳои зерин муайян карда шудаанд:

(1) мусоидат ба ташкил намудани ҷойҳои кории пурмаҳсул;

(2) ташкили бозори меҳнати рақобатпазири дохилӣ;

(3) баланд бардоштани боздеҳи маълумоти касбӣ;

(4) зиёд намудани ҳиссаи шуғли расмӣ дар иқтисодиёт;

(5) диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ.

Аз сабаби он, ки объекти омӯзиши мо муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад, зарур шуморидем, ки масъалаи диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатиро таҳлил намоем. Дар самти диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ дар Стратегия чунин афзалиятҳо ба нақша гирифта шудаанд:

- ✓ таъсис додани низоми тайёрии пешакии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо, бо дарназардошти таъминоти ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ, омӯзиши кӯтоҳмуҳлати касбӣ ва забон дар заминаи марказҳои захиравӣ;
- ✓ рушди барномаҳои муҳоҷирати меҳнатии қонунӣ ва аз нигоҳи иҷтимоӣ ҳифзшуда.

Интизор меравад, ки амалисозии тадбирҳои пешбинишуда оид ба мусоидати шуғл, ки шуғли пурмаҳсул ва шароитҳоро барои рушди сармояи инсонӣ таъмин менамояд, ба натиҷаҳои зерин оварда мерасонад:

- мувозинати шумора ва сифати аҳолии қобили меҳнат ва ҷойҳои корӣ таъмин гардида, шумораи аҳолии бекор (бекор ва ғайрифаъол) кам карда мешавад;
- сатҳи шуғл байни мардон ва занон дар соҳаҳои дорои имконияти рушд

баланд бардошта мешавад;

- механизми таҳлил ва дурнамои бозори меҳнат таҳким ёфта, маълумот

дар бораи бозори меҳнат ҳамасола на кам аз ду маротиба нав карда мешавад;

- низоми миллии мусоидат ба афзоиши устувори ҳосилнокии меҳнат

ташкил гардид;

- коҳишдиҳии нобаробарии ҳудудии шуғл таъмин гардида, фишори

муҳоҷирати дохилӣ кам карда мешавад;

- иттилоотнокӣ ва омодагии касбӣ нисбат ба кор дар бозорҳои берунаи

меҳнат беҳтар карда мешавад;

- дараҷаи ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо

баланд бардошта мешавад.

Ба ақидаи мо диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии аҳолии қобили меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз роҳҳои афзалиятноки бакортаъминкунӣ дар хориҷи кишвар мебошад. Муҳоҷирони меҳнатии ҶТ ҳанӯз ҳам қисмати бештарашон ба ФР сафар менамоянд, ки солҳои охир вобаста ба шадидтар гардидани шароити будубоши муҳоҷирон, ҷорӣ намудани талаботҳои нав нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ аз се як ҳиссаи онҳо аз ҳаққи вуруд ба муҳлати 1 то 5 сол ба ин давлат маҳрум гаштаанд. Аз ин лиҳоз, Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ бояд роҳҳои ба дигар давлатҳо сафарбар намудани аҳолии қобили меҳнатро ҷустуҷӯ кунад. Яке аз чунин самтҳо ин равона намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба Кореяи Ҷанубӣ мебошад. Аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон айни замон 55-ҳазор нафар шаҳрвандон дар ин давлат кору фаъолият менамоянд. Бо ин мақсад бояд афзалиятҳое, ки дар СМР-2030 қайд карда шудаанд, иҷроишашон назорат карда шавад.

Давлат барои сафарбаршавии муҳоҷирони меҳнатӣ–шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраршуда ва розигии онҳо танҳо ба он давлатҳое мусоидат мекунад, ки ҳуқуқи муҳоҷирон ҳифз шудаанд».[96]

Аз ин рӯ, Хадамоти муҳоҷират ҳамчун ниҳоди масъули давлатӣ вобаста ба масоили муҳоҷирати меҳнатӣ бо он шарт ба субъектҳои хоҷагидори бакортаъминкунандаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома медиҳад, ки намояндагии расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он кишвар фаъолият дошта бошад ва дар сурати зарурӣ ба шаҳрвандони мо кумаки лозим ироа карда тавонад.

Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Беларус созишномаҳои дуҷониба дорад. Ҳамчунин, бо Кореяи Ҷанубӣ, Давлати Кувайт ва Қатар созишномаҳои байни идоравӣ имзо намудааст.

Шарти муҳимми таҳлили равандҳои муҳоҷират, пешбиниҳо ва дар асоси онҳо таҳия намудани тавсияҳо вобаста ба танзими ҷараёни муҳоҷират ҷорӣ кардани низоми самараноки бақайдгирии муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Бо ин мақсад аз 1-уми августи соли 2008, таҳти №378 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии муҳоҷирати хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, варақаҳои бақайдгирии муҳоҷират ҷорӣ карда шуд. Варақаҳои мазкур ҳангоми берун рафтан аз мамлакат пур карда шуда, ба кормандони хадамоти марзбонӣ супурда мешаванд, ки онҳо минбаъд ин варақаҳоро барои коркарди маълумот ба хадамоти муҳоҷират месупоранд.

Сабаби ба Россия ва дигар кишварҳои ИДМ сафар кардани аксар муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон маълум аст, ки ин ба робитаи истеҳсолӣ-иқтисодии таърихан шаклгирифта дар замони гузашта, забони русиро донистани аксари аҳолии кишвар, муносибатҳои хешӣ ва дӯстонаи

[96]Закон Республики Таджикистан «О миграции», 11 декабря 1999 года, №881, с дополнениями и изменениями 10 мая 2002 года, №30.

аксар шаҳрвандон аз ду ҷониб, наздикии интеллектуалӣ ва ғайра вобастагӣ дорад.

Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ба барқарор шудани бозори хидматрасониҳои сохтмонӣ ва боркашонии нақлиётӣ мусоидат намуд. Тараққиёти босуръат ва тавсеаи соҳаи хизматрасониҳои бонкӣ шурӯъ шуда, фарҳанги корӣ ва сатҳи касбияти муҳоҷирони меҳнатӣ баланд гардид.

Тӯли солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон боз дар меҳвари диққати сармоягузорони хориҷӣ қарор гирифт ва имкон фароҳам омад, ки онҳо дар рушди иқтисоди кишвари мо саҳм гузоранд ва ба ин восита барои иҷрои корҳои муайян қувваи кориро аз хориҷи мамлакат ба кишвари мо ворид кунанд.

Дар кишвари мо имкониятҳои амалисозии фаъолияти меҳнатии шаҳрвадони хориҷӣ дар Қонун «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян шудааст. Тибқи ин қонун шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳуқуқ ба меҳнат бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон баробаранд ва аз тамоми ҳуқуқу вазифаҳои дар қонунгузории Тоҷикистон муқарраршуда[97] истифода мебаранд.

Дар давраи солҳои 2010 то 2016 иҷозатномаи Хадамоти муҳоҷиратро 361 субъекти хоҷагидорӣ ба даст оварда, зиёда аз 15000 нафар коргарони хориҷиро барои фаъолияти меҳнатӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват кардааст. Муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ асосан дар соҳаҳои сохтмон, алоқа ва коммуникатсия, энергетика, металлургия, тандурустӣ, хизматрасонӣ, хоҷагии қишлоқ ва амсоли инҳо фаъолият мекунанд.

Ба ақидаи мо Хадамоти муҳоҷират бо мақсади иҷрои вазифаҳо вобаста ба Конвенсияи Байналхалқӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи тамоми муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо[98] бо роҳбарони субъектҳои хоҷагидорие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваи кории хориҷиро даъват мекунанд,

---

[97] Закон Республики Таджикистан «О правовом положении иностранных граждан в Республике Таджикистан», 1998 г.

[98] Международная Конвенция о защите прав всех трудящихся мигрантов и членов их семей, 1991 год.

семинар, мизҳои мудаввар ва вохӯриҳо ташкил намуда, масоили марбут ба риояи қонунгузории мамлакат дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ, таҳия ва пешниҳоди саривақтии санадҳои зарурӣ ба созмони фаъолияткунанда, огоҳӣ аз муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ҳифзи меҳнат ва шароити он, шароити будубош, кафолатҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ бо дарназардошти соҳаи фаъолият ва амсоли инҳоро, баррасӣ намояд.

Бо дарназардошти талаботи кишвар ба қувваи кории хориҷӣ соли 2017 барои 4800 нафар коргарони хориҷӣ квота ҷудо карда шуд, ки чунин тақсим шудаанд[99]:

- Ҷумҳурии Мардумии Чин – 2560 нафар,
- Ҷумҳурии Исломии Афғонистон – 690,
- Ҷумҳурии Туркия – 200,
- Ҷумҳурии Исломии Эрон – 305,
- Ҷумҳурии Ӯзбекистон – 160,
- Покистон -150,
- Ҳиндустон -170,
- Федератсияи Россия -75,
- Ҷумҳурии Қазоқистон - 45,
- Ҷумҳурии Қирғизистон -115 нафар,
- Дигар мамлакатҳои хориҷии дуру наздик – 330 нафар.

Барои ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба соҳаҳо низ квота муқаррар шудааст. Бештар аз ҳама ҷалби шумораи коргарони хориҷӣ ба соҳаи саноат ва сохтмон – 1460 ва 1250 нафарӣ ва камтар аз ҳама бошад ба соҳаи алоқа ва нақлиёт – 75 ва 83 нафарӣ иҷозат дода шудааст.

Дар умум, метавон гуфт, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан ва ба ҳадди комил меъёрҳои байналмилалиро вобаста ба ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ба назар гирифтааст ва бо сабабҳои

[99]Adlia.tj

объективӣ баъзе ҷанбаҳои муҳоҷират омӯзиши иловагӣ ва татбиқи минбаъдаро тақозо мекунанд.

Пеш аз ҳама ин инфрасохтори нокомили хизматрасонӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ, таъминоти иттилоотӣ-ҳуқуқии онҳо аст, ки ҳоло низоми омодасозии қабл аз сафар, омӯзиши ҳадафмандонаи касбии онҳо ва минбаъд қарздиҳии хурд таъсис дода нашудааст.

Ташкили низоми самараноки ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми сохторҳои марбутаи ҳокимияти давлатӣ, инчунин созмонҳои ғайридавлатӣ, байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст. Дар ин самт истифодаи иқтисоди созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳуқуқии бурунмарзӣ мувофиқи мақсад аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи аввали таъсиси низоми самараноки танзими равандҳои муҳоҷират қарор дорад ва барои ҳалли мушкилоти сарзада анҷоми корҳои зиёде дар пеш аст. Дар умум, тадбирҳо вобаста ба таъсиси низоми самараноки танзими равандҳои муҳоҷират танҳо дар сурате бо муваффақият татбиқ мешаванд, ки низоми танзими давлатии мустаҳкам ва мутавозин тавре ташкил шавад, ки аз ҷониби ниҳодҳои давлатию ғайридавлатӣ, доираҳои васеи ҷомеа ба шумули аҳзоби сиёсӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ дастгирӣ ёбад.

Вобаста ба ин, ташкил ва табдили раванди муҳоҷират ба омили воқеии баландкунандаи сатҳи зиндагии мардум ва ҳалли мусбати мушкилоти сармоягузорӣ ва дигар масоили хислати тӯлонидошта муҳим аст. Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мехоҳад дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ тамоми захираҳо ва иқтидори кадрии мавҷудро истифода барад, то дар танзими раванди муҳоҷират ва иҷрои вазифаҳои вобаста ба Конвенсияи Байналхалқии бар зиммааш вогузоршуда, оид ба ҳимояи ҳуқуқи тамоми муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо натиҷаҳои муайян ба даст биорад.

Вале на ҳама давлатҳое, ки муҳоҷирони меҳнатиро қабул мекунанд, Конвенсияи байналхалқиро тасвиб намудаанд, аз ин рӯ барои риояи он

масъул нестанд. Вобаста ба ин, давлатҳое, ки муҳоҷирони меҳнатиро ба хориҷ мефиристанд, бояд сиёсати мувофиқ ба манофеи муҳоҷиронро пеш гирифта, вобаста ба тасвиби созишномаҳои ду ё бисёрҷониба бо давлатҳои қабулкунанда дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, бо қарор додани масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар маркази диққат, корҳои мақсаднокро анҷом диҳанд.

Ҳамзамон, кишварҳои донори муҳоҷирони меҳнатӣ бояд масъалаҳои таъсиси ҷойҳои корӣ бо маоши арзандаро дар дохили давлат баррасӣ ва ҳаллу фасл намуда, бо ин восита вобастагии худро аз давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон кам кунанд, зеро муҳоҷирони меҳнатие, ки дар хориҷи мамлакат кор мекунанд, ҳамеша абзори сиёсие дар ихтиёри давлати қабулкунандаи онҳо нисбат ба давлати донор мебошанд.

Бо ин сабаб, дар қатори манфиатҳое, ки аз муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ба давлати мо мерасад, пайомадҳои манфии он низ барои иқтисодиёту иҷтимоиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд доранд.

Бо дарназардошти ин, тавсияҳои зерин метавонанд дар бартарафсозии баъзе мушкилоти ҷойдошта, муфид бошанд:

1. Ба раванди муҳоҷират намояндагони беҳтарин гурӯҳҳои синнусолӣ аз 20 то 45-сола ҷалб шудаанд, ки баландтарин сатҳи истеҳсолии меҳнатро доранд. Таъсири манфии ин ҳайат дар мамлакат бо сабаби айни замон камталабот будани он дар бозори дохилии меҳнат то ҷое коҳиш дода мешавад. Вале ҳоло дар мамлакат раванди рушди иқтисод ва бунёди иншооти бузурги сохтмонӣ шурӯъ шудааст, ки барои онҳо қувваи кории ихтисосманд лозим мешавад.

2. Аксари муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷрафта мардҳо ҳастанд, ки баъзе оиладор ва баъзеи дигар муҷаррад мебошанд. Чанде аз муҳоҷирони мазкур дар кишваре, ки кор мекунанд, оила барпо кардаанд. Дар натиҷаи ин дар Тоҷикистон масъалаи сари вақт оила барпо кардани духтарону занон ба мушкилӣ дучор шудааст. Занон ва фарзандони ин қисми

муҳоҷирони меҳнатӣ бе саробон монда, ба табақаи дуюмдараҷаи аҳолӣ табдил меёбанд.

3. Аз даст рафтани сармояи бузурги инсонӣ низ дида мешавад, ки дар деградатсияи касбу ихтисос ва дараҷаҳои онҳо зоҳир мешавад. Дар ҷойҳои кории нав аксари муҳоҷирон мувофиқи ихтисоси худ кор намекунанд. Ҳисобҳои тахминии олимони тоҷик нишон додаанд, ки талафоти сармояи инсонӣ дар 10 соли охир ба бештар аз 15 млрд доллари ИМА баробар будааст, ки ҷуброннопазир аст.

4. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷ ва бозгашти муҳоҷирон аз хориҷа тамоили воридсозии бемориҳои сироятӣ, махсусан бемориҳои узвҳои таносулро ба монанди АНМБ/ВНМБ (ВИЧ/СПИД) дар пай дорад, ки бо роҳи алоқаи ҷинсӣ ба дигар шаҳрвандони мамлакат сироят намуда, боиси зиёд шудани шумораи гирифторони чунин бемориҳо мешавад.

5. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ оқибати ногувор доранд. Яъне он ба воситаи истисмор, ҳадафҳои сиёсии бегона ва ба нашъамандию нашъаҷаллобӣ табдил ёфтани садҳо ҳазор шаҳрвандон аст.

Дар баробари инҳо чандин ҷанбаҳои таъсироти манфии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ба оилаҳо, фарзандон ва дар умум ба ҷомеа вуҷуд доранд, ки дар робита ба онҳо мақомоти масъули соҳаи муҳоҷират ва ҳамзамон ниҳодҳои марбутаи вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар якҷоягӣ тамоми ҷиддият ва муҳиммияти ҳалли мушкилиҳоро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ дар назар гирифта, барои ҳалли онҳо тадбирҳои амалӣ роҳандозӣ кунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба ҳама мушкилоти муваққатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ кӯшиш дорад, ки тамоми захираҳои меҳнатиашро самаранок истифода намуда, сиёсати давлатиро дар ин самт чунон ба роҳ монад, ки муҳоҷирони меҳнатӣ бо кор кардан дар хориҷи мамлакат имкони ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқиро аз ҷониби намояндагиҳои расмии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар дошта бошанд.

Қобили зикр аст, ки масоили марбут ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ яке аз ҷузъҳои таркибии муносибатҳои меҳнатӣ аст ва танзими равандҳои он бояд ба салоҳияти мақомоти марбутаи идоракунии давлатӣ бошад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон содироти қувваи корӣ ба хориҷи мамлакат яке аз роҳҳои стратегӣ аст, зеро яке аз самтҳои рушди иқтисодии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Ба ҳама маълум аст, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳарду ҷониб, ҳам ба давлатҳои равонкунандаи захираи меҳнатӣ ва ҳам ба давлатҳои қабулкунандаи он манфиатовар аст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки шумораи назарраси сармояи меҳнатии кишвари мо бештар аз як даҳсола аст, ки дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Россия кор карда, дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҳам Тоҷикистон ва ҳам Федератсияи Россия саҳм мегузоранд ва дар барбари ин шароити зиндагии худро беҳтар мекунанд.

Ҳар давлат дар таъмини ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатиаш, ки дар хориҷа кор мекунанд, ҳавасманд аст, зеро ин ҳадафи муҳимми иқтисодии сиёсати давлатӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аст. Дар робита ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мустаҳкамкунӣ ва инкишофи базаи иҷтимоӣ-ҳуқуқии соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуда, барои таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муваққатан дар хориҷа кор мекунанд, бо давлатҳои хориҷи дуру наздик созишномаҳои байниҳукуматӣ ба имзо расида, вобаста ба ҳалли мушкилоти марбут ба муҳоҷират комиссияҳо ва гурӯҳҳои корӣ таъсис дода мешаванд. Ин далели он аст, ки Ҳукумати мамлакат барои танзими равандҳои муҳоҷират ҳавасманд аст.

Аммо бо гузашти вақт шароит ва вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар давлатҳои баромад ва вуруди муҳоҷирони меҳнатӣ тағйир меёбанд, ки вобаста ба онҳо равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо шакли дигар баррасӣ мешаванд, яъне қонунгузориҳо такмил меёбанд ва ин барои мукаммалгардонии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла Созишнома миёни

давлатҳоямон асос мешавад. Бо мақсади такмили моддаҳои созишномаи зикршуда, ба баррасии ҷониби Россия пешниҳод кардани масъалаҳои зерин, ки дар фаъолияти муҳоҷирони меҳнатӣ заруранд, мувофиқи мақсад мебуд:

- бо дарназардошти талаботи Россия ба захираҳои меҳнатӣ аз моддаи 4-уми Созишнома ҳазф кардани масъалаҳои маҳдудият ба фаъолияти меҳнатӣ (то як сол) нисбат ба муҳоҷирони меҳнатие, ки бо кордиҳанда қарордод ё шартномаи нисбатан тӯлонӣ доранд ва тибқи муқаррарот барои кор иҷозат гирифтаанд;
- муқаррар кардани масоили бакортаъминкунии муҳоҷирони меҳнатӣ ба воситаи агентиҳои кортаъминкунии хусусӣ-давлатие (созмонҳо), ки барои чунин фаъолият иҷозатнома доранд, инчунин ҷорӣ кардани масоили марбут ба патентҳо ва дигар шаклҳои муносибатҳои меҳнатӣ;
- баррасии масъалаи ба муҳоҷирони меҳнатӣ омӯзондани касбҳои муосир дар муассисаҳои давлатии ҷонибҳо бо гузаштани таҷрибаи истеҳсолӣ бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат ва амсоли инҳо.

Дар асоси созишномаи зикргардида Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои байниминтақавиашро тақвият медиҳад ва солҳои охир мақомоти ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғду Хатлон ва вилоятҳои Астрахан, Оренебург, Саратов, инчунин кишварҳои Краснодар ва Олтойи Федератсияи Россия Меморандум дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ба имзо расондаанд. Миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати шаҳри Москва Барномаи ҳамкорӣ дар соҳаи табодули меҳнатӣ қабул гардид, ки дар асоси он гурӯҳҳои кории дуҷониба таъсис дода шуданд.

Қобили зикр аст, ки бо сабаби хеле кам донистани қонунгузории Россия ва нокифоя будани мӯҳлати бақайдгирӣ баъзе муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ низоми ҳузур дар кишвари қабулкунандаро вайрон мекунанд, ки ин барои «ғайриқонунӣ» донистани онҳо ва татбиқи чораҳо ҷиҳати рондани онҳо аз қаламрави Россия асос мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим барои муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ таъмини нафақаи онҳо мебошад, яъне суғурта ва собиқаи кории муҳоҷирони меҳнатӣ дар давраи кори онҳо берун аз қаламрави мамлакат бояд ба қайд гирифта шавад ва дар давраи пиронсолӣ, ки бо гузашти муҳлати муайян ҳар муҳоҷири меҳнатӣ ва аъзои оилаи онро дар бар мегирад, нафақаи онҳо таъмин шавад. Ин масъала дар СМР-2030 низ яке аз афзалиятҳои асосӣ шуморида мешавад.

## 3.2. Механизми таъсиррасонии давлат ба равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои институтсионалии

Ҳангоми баррасии сиёсати муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тамоми мураккабии вобастагиҳои мутақобили унсурҳо ҳам дар дохили сиёсати муҳоҷират ва дар вобастагии сиёсати дохилию хориҷии давлат ба таври амиқ дарк карда шавад. Тартиби (механизм) ташкил ва татбиқи яке аз блокҳои сиёсати муҳоҷират – муҳоҷирати меҳнатиро баррасӣ мекунем. Агар захираҳои меҳнатӣ ҳомили омилҳои истеҳсолӣ бошанд, пас дар шароити муносибатҳои бозорӣ ҳаракат бояд ба таносуби талаботу пешниҳод ба ин захираҳо асос ёбад. Ба ибораи дигар, захираҳои меҳнатӣ ба ҷое ҳиҷрат мекунанд, ки барои онҳо талаботи зарурӣ ба вуҷуд омадааст, ки ба ниёзҳои худи ҳамин захираҳои меҳнатӣ мувофиқат дорад, ҳатто дар сурате, ки ниёзҳои муҳоҷирон дар муқоиса бо ниёзҳои захираҳои меҳнатии маҳаллӣ камтар бошанд ҳам. Маҳз фарқият дар музди меҳнат дар замони ҳозира яке аз ангезаҳои асосии муҳоҷирати меҳнатии кишварҳои рушдкунанда аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатӣ падидаи нав аст.[100]

Муҳоҷирати меҳнатӣ аз лиҳози ҳаҷм аз ҳама шаклҳои дигари муҳоҷират бузургтар аст, ки дар давраи гузариш тавсеаи бештар пайдо карда, барои таъмини бештари аҳолии мамлакат бо ҷойи кор, кам кардани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунад. Ба низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ ворид шудани Тоҷикистон дар заминаи муътадил кардани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ талаб мекунад, ки тамоми роҳу воситаҳо ва усул барои истифодаи имкониятҳои бозори ҷаҳонӣ ва аз онҳо гирифтани зиёдтарин фоида ба кор бурда шаванд. Пеш аз ҳама, бо дарназардошти барзиёдии қувваи корӣ дар

[100]Пулатов, П.А., Бабаджанов, Р.М. Проблемы трудовой миграции и пути их решения / П.А. Пулатов, Р.М. Бабаджанов, // Тез. докл. респ. науч.-практ. конф. Душанбе, 26-27 октября 2006 г. – Душанбе: Изд-во «Ирфон», 2006. – 232 с.

минтақа ва вазъи мураккаби демографӣ дар кишвар, ки ин ба имкониятҳои бозори ҷаҳонии меҳнат дахл дошта, Тоҷикистон дар он метавонад таъминкунандаи (дар шароити бозор фурӯшандаи) мол – қувваи корӣ бошад.

Бояд қайд намуд, ки аллакай тӯли зиёда аз даҳ сол захираҳои меҳнатии Тоҷикистон дар аксари давлатҳои ИДМ ва давлатҳои хориҷи дур истифода шуда, дар рушди иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва иқтидори зеҳнию иҷтимоии ин давлатҳо саҳми назаррас гузоштаанд. Аҳолии қобили меҳнати мамлакат монеаҳои бузурги иқтисодӣ, равонӣ ва ҳуқуқиро мустақилона бартараф карда, барои дарёфти ҷойи кор ва таъмини зиндагӣ ба дигар давлатҳо сафар мекунанд. Бешубҳа, ҷанбаи мусбати муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ даромадҳои иловагӣ ва нисбатан баланди оилаҳоест, ки яке аз аъзояшон «барои кор» ба хориҷа рафтааст ва ин барои афзоиши даромади умумии ин оилаҳо ва баландтар шудани сатҳи зиндагии онҳо мусоидат мекунад. Аз ҷониби дигар, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ шиддатнокиро дар бозори меҳнат коҳиш медиҳад. Вақте муҳоҷирони меҳнатӣ дар дохили кишвар ҷойи кор пайдо намекунанд, аз ҳисоби онҳо сафи бекорон зиёд мешавад, ки ин боиси афзоиши сатҳи умумии бекорӣ мегардад. [101]

Ташаккули сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ ба блокҳои зерин асос меёбад:

1. Мукаммал кардани базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ.
2. Танзими ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ.
3. Ҳамкориҳои байналмилалӣ.
4. Таъмини кадрӣ-ташкилотӣ ва иттилоотӣ.
5. Таъминоти молиявӣ-иқтисодӣ.

Ба бозорҳои хориҷии меҳнат роҳ ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили сиёсати мукаммал ва асосноки муҳоҷиратро талаб мекунад. Дар

[101]Пулатов, П.А., Бабаджанов, Р.М. Проблемы трудовой миграции и пути их решения / П.А. Пулатов, Р.М. Бабаджанов, // Тез. докл. респ. науч.-практ. конф. Душанбе, 26-27 октября 2006 г. – Душанбе: Изд-во «Ирфон», 2006. – 232 с.

ҷумҳурӣ то андозае базаи ҳуқуқии танзими равандҳои муҳоҷират дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тартиби вуруд ва хуруҷ ба кишвар, дар хориҷа кор кардани шаҳрвандони Тоҷикистон ва чораҳо ҷиҳати назорати муҳоҷиратро муқаррар кардаанд, ба вуҷуд омада, дар асоси ҳар яке барномаи муҳоҷират таҳия карда шудааст. Созишномаҳое, ки миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва дигар кишварҳои ИДМ ба имзо расидаанд, ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми кор дар хориҷа мусоидат мекунанд.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, дар шароити муосири Тоҷикистон нақш ва аҳаммияти сиёсати давлатии муҳоҷират дар дурнамои миённамуҳлат меафзояд, ки зарурати ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилоти муҳоҷирати дохилию хориҷии аҳолии мамлакатро муқаррар мекунад.

Самтҳои асосии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ бо татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дорад. Ин санад хусусияти тартибӣ (системавӣ) дорад ва тамоми ҷанбаҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва барномаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006–2010-ро, ки дар чаҳорчӯбаи он таҳия ва татбиқи чорабиниҳо вобаста ба танзими давлатии равандҳои муҳоҷират муқаррар шудааст, дар бар мегирад. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масоили муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ бахшида шудааст, аз ҳуҷҷатҳои зерин иборатанд:

Барои ҳалли масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули қарорҳои зерини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузург доранд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» (1999), Дастурамал дар бораи Хадамоти давлатии муҳоҷират ва ғайра.

Барои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа (аз июни соли 2001, № 242), Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани иҷозатнома барои фаъолияти бо кор таъминкунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб кардани қувваи кории хориҷӣ» ва амсоли инҳо таҳия гардидаанд. Ин санадҳо барои ташкили ширкатҳои хусусии миёнарав ва созмонҳои ҷамъиятӣ, ки дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ҳамчун миёнарав фаъолият карда, ҳимояи муҳоҷирони меҳнатиро таъмин мекунанд, мусоидат мекунанд. Тибқи Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 октябри соли 1998, № 411 тасдиқ шудааст, мақсад ва вазифаҳои сиёсати муҳоҷират дар кишвари мо аз инҳо иборатанд:

1. *Ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созишномаҳои байналхалқӣ дар соҳаи муҳоҷират;*

Барои мисол, тибқи қарори Парламенти мамлакат аз 28 ноябри соли 2001, № 462 Конвенсияи байналхалқӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи тамоми муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо тасвиб шуд. Ҳамчунин Тоҷикистон ба Конвенсияи соли 1951 дар бораи мақоми гурезаҳо аъзо шудааст.

2. *Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудани уҳдадориҳои байналхалқӣ вобаста ба масоили муҳоҷират;*

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷират қариб тамоми уҳдадориҳои байналхалқии мамлакат ба назар гирифта шуда, ба андешаи мутахассисони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол ин қонунгузорӣ то ҳадди кофӣ либералӣ аст, ҳарчанд орӣ аз камбудиҳо нест, махсусан Қонун «Дар бораи гурезаҳо».

*3. Таъмини ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон мутобиқи меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ, Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

Чунонки ба мушоҳида мерасад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони хориҷӣ дар масъалаи кору фаъолият бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи баробар доранд (Кодекси меҳнати ҶТ №417 аз 17-уми майи соли 1997 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи мусоидат ба фаъолияти аҳолӣ», №44 аз 1-уми августи соли 2003). Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1-уми феврали соли 1996, №230 айнан чунин меъёр зикр шудааст.

*4. Такмил ва рушди базаи қонунгузорӣ, ки равандҳои муҳоҷиратро танзим мекунад;*

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи нисбатан муҳим танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷии шаҳрвандони мамлакат мебошад. Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мураттабсозӣ ва расмигардонии равандҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷии шаҳрвандони худ берун аз қаламрави кишвар, аз ҷумла дар Федератсияи Россия ва Қазоқистон як қатор чораҳоро роҳандозӣ кардааст.

Бояд қайд намуд, ки 6-уми сентябри соли 2005, №208 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ» қабул гардид. Дар чаҳорчӯбаи ин қарор намояндагии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия таъсис дода шуд, ки дар шаҳри Москва ва дигар шаҳрҳои Россия қароргоҳ доранд. Ин намояндагиҳо бояд корҳоро ҷиҳати танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, таҳияи механизми ҳалли масъалаҳои вобаста ба он, омӯзиши бозори меҳнат, барқарор кардани алоқа бо субъектҳои хоҷагидорӣ дар масъалаи муайянкунии талабот ба қувваи кории хориҷӣ, расмигардонии онҳо, шиносномадиҳӣ, муайянкунии макони зисти асосӣ ва ҷойи кори муҳоҷирони меҳнатӣ,

назорат кардани поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирон аз ҷониби кордиҳанда, таҳлили далелҳои боздошти муҳоҷирони меҳнатӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва амсоли инҳоро бояд анҷом диҳанд.

Бо мақсади танзими давлатии масоили муҳоҷирати меҳнатӣ берун аз қаламрави кишвар, инчунин ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шаҳрвандони дар хориҷа кору фаъолиятдоштаи мамлакат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2006 «Барномами муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006–2010»-ро қабул намуд. Мутобиқи ин Қарор Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор шуданд, ки татбиқи тамоми тадбирҳои дар барнома муқарраршударо таъмин намоянд. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун татбиққунандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳамоҳангсози равандҳои он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мунтазам дар бораи ҳалли масъалаҳои ин соҳа хабардор мекунад.

Дар қатори санадҳои дар боло зикргардида, ҳамчунин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷорӣ кардани тартиби бақайдгирии муҳоҷирати меҳнатии хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2003) қабул шуд, ки мутобиқи он баҳисобгирии муҳоҷирони меҳнатии кишвар ба роҳ монда мешавад.

Мутаассифона, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро дар Тоҷикистон танзим мекунанд, хеле дер ба вуҷуд омаданд. Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ҳамчун падидаи оммавӣ, ки ба демография ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар таъсири назаррас дорад, соли 1991 шурӯъ шуд. Нахустин санадҳои дар хусуси муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ бошад, соли 1998 ба вуҷуд омаданд, ки он ҳам «Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон» буд, ки соли 1998 тасдиқ гардид. Масоили муҳоҷират ба мамлакати мо дар ин консепсия дар мақоми аввал ва масоили муҳоҷират аз кишвари мо дар мақоми дувум қарор гирифтаанд. Танҳо дар саҳифаи охирини ин санад дар бораи

самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷират ба хориҷи кишвар сухан гуфта мешавад, ки аз инҳо иборатанд:

- ба имзо расондани созишномаҳои байналхалқӣ бо кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони тоҷикистонӣ бо ҳадафи ҳимояи ҳуқуқи қонунии онҳо;
- таҳия ва татбиқи базаи қонунгузории мутобиқ ба меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бо мақсади идоракунии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ;
- таҳия ва амалисозии барнома оид ба муҳоҷирати қувваи корӣ;
- таъсиси низоми ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон.[102]

Дар қиёс бо дигар санадҳо ҳуҷҷати тасдиққардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хеле муҳим аст. Ин санад дар умум хусусияти системавӣ дошта, тамоми ҷанбаҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро фаро мегирад. Дар он муҳиммияти муҳоҷирати меҳнатии расмӣ ва танзимшаванда барои Тоҷикистон таъкид шуда, манфиатҳои нисбатан муҳимми мамлакат дар масъалаи тавсеаи миёси муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дақиқтар баён мешавад. Бори нахуст дар ин Консепсия масъалаи зарурати таъсиси ширкатҳои миёнарави вобаста ба ҷалби муҳоҷирони меҳнатии дар хориҷи кишвар фаъолияткунанда, ба миён гузошта шуд.

Дар Консепсия қайд мешавад, ки васеъ шудани миқёси муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ метавонад ба афзоиши амонатҳои пулии аҳолӣ мусоидат кунад, ки ин дар навбати худ сабаби зиёд шудани захираҳои қарзӣ ва сармоягузории ҷомеа мешавад. Дар ин ҳуҷҷат зарурати танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, пеш аз ҳама бо дарназардошти он ки падида мураккаб, бисёрҷанба ва ба масъалаҳои муҳимтарини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон таъсири назаррас дорад, зикр шудааст. Танҳо солҳои охир вазъият тағйир ёфта, дар сохторҳои ҳукуматии

[102] Сборник нормативно-правовых документов Республики Таджикистан в сфере миграции населения. Душанбе, 2006. - С.193

марбута дарки бошууронаи ин мушкилӣ бартарият пайдо кардааст, ки хосияти бисёрҷониба дорад.[103]

Дар Консепсия ба масоили ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ диққати махсус дода шудааст. Муҳоҷирони тоҷикистонӣ аз хидматрасониҳои суғуртавӣ қариб истифода намебаранд, аз миллатгароён ва дастдарозиҳои кормандони сохторҳои қудратии Федератсияи Россия дар амон нестанд.

Аммо дар ин Консепсия дар бораи ҳадафҳои ҳуқуқии он чизе гуфта намешавад. Дастурамал дар бораи омӯзиши пешакии ҳуқуқи муҳоҷирон, ки барои зодагони Тоҷикистон хеле муҳим аст, дар он дохил намешавад. Ҳимояи муҳоҷирони меҳнатии бурунмарзӣ маънии назорати беруншавии муҳоҷирони меҳнатиро тавассути Хадамоти давлатии муҳоҷират бо роҳи бақайдгирии риояи созишномаҳои имзошуда ва қарордодҳо миёни ширкатҳои миёнарав ва кордиҳандагон дорад.

Дар Консепсия муҳимтарин фишангҳои танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ба шакл дароварда шудаанд. Дар миёни онҳо фишангҳое чун Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ» ва Дастурамал «Дар бораи тартиби иҷозатнома додан ба субъектҳои хоҷагидорӣ барои амалӣ кардани фаъолияти вобаста ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ» мебошанд.

Ҳамчунин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Дастурамал оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият» қабул гардид, ки дар он дар хусуси зарурати иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои ҷудогонаи фаъолият, мутобиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ сухан меравад. Яке аз санадҳои давлатӣ, ки танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро имконпазир кард, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми июни соли 2003 «Дар бораи ҷорӣ кардани тартиби

[103]Умаров Х., Ульмасов р. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане (причины, проблемы, последствия регулирование). Душанбе 2006.- С-29-34

бақайдгирии муҳоҷирати хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» буд.

Бо мақсади амиқтар кардани ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми ноябри соли 2006, №9 Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукаммалсозии сохтори Мақомоти марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки вобаста ба он салоҳиятҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масоили муҳоҷирати меҳнатӣ ба ухдаи Вазорати корҳои дохилӣ вогузор шуд. Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми декабри соли 2006 дар сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти муҳоҷират таъсис дода шуд, ки дар ҳайати он намояндагии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия оид ба масъалаҳои муҳоҷират таъсис ёфт. Барои таъсиси чунин намояндагӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон низ тадбирҳо роҳандозӣ шуданд. Вазифаҳои асосии намояндагӣ мусоидат ба таъмини қонунии кори муҳоҷирон, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, бастани қарордодҳо бо суъбектҳои хоҷагидори таҳиқкунандаи бозори меҳнати Федератсияи Россия, машварати ҳуқуқӣ бо тамоми категорияҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муваққатан дар қаламрави Россия қарор доранд ва танзими ҳуқуқии муҳоҷират мебошад. Дар давраи солҳои 1997–2006 аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатии ҶТ зиёда аз 7 санади меъёрӣ-ҳуқуқии марбут ба соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ қабул карда шуд, аз он ҷумла:

- риояи манфиатҳои давлатӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳо ва чорабиниҳои вобаста ба муҳоҷират. Аз ҷумла, танзими равандҳои муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ бо дарназардошти рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳолати экологӣ дар минтақаҳо; мутобиқатҳои миллӣ; хусусиятҳои равонии (психологӣ) муҳоҷирон ва шароити иқлимии ҷойи истиқомат;

- ташкили шароити муайян барои қабул ва ҷобаҷокунии муҳоҷирон, ки ҳавасмандии онҳоро барои ширкати фаъол дар раванди мутобиқшавӣ дар ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии мавҷуд ба вуҷуд меорад.

**Бастани қарордодҳои ду ва бисёрҷониба дар соҳаи муҳоҷират**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ИДМ яке аз иштирокчиёни «Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ» (15-уми апрели соли 1994) ва «Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ» (6-уми марти соли 1998) мебошад. Соли 2000-ум миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон Созишнома «Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ» ба имзо расид, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвиб шудаанд.

11-уми июли соли 2001 миёни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои федератсия, сиёсати миллӣ ва муҳоҷирати Федератсияи Россия созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ ба имзо расид, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 2001 тасдиқ карда шуд. Соли 2002 масъалаи ин созишнома аз ҷониби ВКД ФР ҳал карда шуд.

Солҳои охир, ҳамчунин Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2004) ва айнан чунин Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон (соли 2006) ба имзо расид. Дар асоси созишномаҳои мазкур барои танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ гурӯҳҳои кории байниҳукуматӣ таъсис дода шудаанд.

Дар Созишнома миёни ҳукматҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон қайд мешавад, ки ҷонибҳо ҳамдигарро аз тағйирот дар қонунгузориҳои миллии танзимкунандаи ҷалбу корфармоии коргарони хориҷӣ, санадҳои меъёрӣ-

ҳуқуқии соҳаи меҳнат, машғулият ва муҳоҷират, инчунин шароити зиндагии коргарон, ҳолати бозори меҳнати давлатҳои ҳамдигар, кордиҳандагон, ки барои ҷалбу корфармоии коргарони хориҷӣ иҷозат гирифтаанд ва созмонҳое, ки барои фаъолияти кортаъминкунии шаҳрвандон дар хориҷи кишвар иҷозатнома доранд ва барои рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат мекунанд, огоҳ менамоянд.

Дар созишнома замима шудааст, ки коргар мутобиқи қонунгузории давлати қабулкунанда барои ҳимояи иҷтимоӣ ва ҳамзамон эътирофи мутақобили собиқаи корӣ ҳақ дорад. Дар он иродаи ҷонибҳо ҷиҳати мусоидат ба рушди равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, иҷозат надодан ба фаъолияти ғайриқонунии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ вобаста ба интихоб, ҷалб ва равон кардан коргарон ба қаламрави давлати дигар, инчунин роҳ надодан ба нашри хабарҳои носаҳеҳ вобаста ба таъмини кор, шароити меҳнат ва зиндагӣ дар ҳудуди давлатҳои ҳамдигар таҷассум мешавад.

Дар банди 6-уми моддаи 8 ин созишнома қайд мешавад, ки хидматрасонии тиббӣ ба коргарон аз ҳисоби кордиҳанда дар асоси қонунгузории давлати қабулкунанда на поинтар аз сатҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандони давлати мазкур амалӣ мешавад. Вале бояд қайд шавад, ки дар доираи созишномаи мазкур масъалаҳои суғуртаи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ ҳал намешавад.

Таҳлили мутаҳаррикии муҳоҷиратии аҳолии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки шумораи нафароне, ки дар хориҷа фаъолияти меҳнатии ғайрирасмӣ доранд, хеле зиёдтар аз шумораи нафаронест, ки расман тавассути мақомоти давлатӣ ба кор даромадаанд.

Дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ташкил ва танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аҳаммияти бештар касб мекунад, ки барои аксари давлатҳои дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ фаъолиятдошта, хос аст.

Ба андешаи мо бисёр ҷанбаҳои қонунгузорӣ ва ҷанбаҳои меъёрии танзими ниҳодии танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз ҳадди камолот дуранд. Ҳамин тариқ, ҳарчанд дар қонунгузории ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳоҷират» ва созишномаҳои дуҷониба бо давлатҳои ИДМ ҷиҳати ба тартиб даровардани муҳоҷирати меҳнатӣ баъзе тадбирҳо муқаррар шудаанд, муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ба монанди музди меҳнат ва дигар манфиатҳои иҷтимоии муҳоҷирон ҳамоно танзим ва татбиқнашуда боқӣ мемонанд. Масалан, дар ҳама кишварҳои хориҷие, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон чун муҳоҷирони меҳнатӣ кор мекунанд, маъмулан музди меҳнаташон нисбат ба музди меҳнати шаҳрвандони ҳамон давлат, ки айнан чунин корҳоро анҷом медиҳанд, камтар аст. Кафолатҳои иҷтимоӣ нисбат ба муҳоҷирони меҳнатӣ қариб, ки татбиқ намешаванд.

Бо дарназардошти масоили дар боло зикршуда, мо анҷом додани корҳои зеринро зарур медонем:

- ба имзо расондани созишномаҳои дуҷониба бо кишварҳои ИДМ вобаста ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, ки принсипҳои бунёдии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи меҳнатии дар Конвенсияҳои Созмонҳои Байналхалқӣ пешбинишудаи муҳоҷиронро таҷассум мекунанд;
- амалӣ кардани мониторинги доимӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва ғайра;
- ташкили имкониятҳо барои баланд бардоштани касбияти муҳоҷирон ва соҳиб шудани онҳо ба ихтисосҳое, ки дар бозори меҳнати кишвари қабулкунанда талабот доранд;
- гузарондани баҳогузории ҳамаҷонибаи солона ва мониторинги тамоилҳо, омилҳо ва пайомадҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар Тоҷикистон;
- андешидани чораҳо ҷиҳати тақвияти суғуртаи иҷтимоии нафароне, ки дар хориҷа кор мекунанд, аз ҷумла тавассути тавсеаи фаъолияти

ширкатҳои миёнарав, ки амнияти иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷиронро таъмин мекунанд;

- ташкили базаи ҳуқуқӣ барои рушди қарздиҳии хурд ба муҳоҷирони меҳнатии оянда. Ҳоло ин қонунгузорӣ ба бонкҳо вобаста шудааст, вале бонкҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ бояд ба субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои шаҳрвандони ҷумҳуриро берун аз қаламрави мамлакат бурдан иҷозатнома доранд, қарзҳои хурд пешниҳод кунанд;
- ташкили курсҳои махсуси омӯзиши забони давлати қабулкунанда барои номзадҳо, зеро хуб надонистани забони дигар ҷавононеро, ки вориди бозори меҳнат ва ҷустуҷӯйи кор дар давлатҳои ИДМ мешаванд, ба мушкилӣ дучор мекунад;
- баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии муҳоҷирон бо роҳи омӯзиш ё ташкили барномаҳои иттилоотӣ;
- пешбинӣ кардани тақвияти ҳамкориҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимият вобаста ба назорат намудани ҷалби қувваи кории хориҷӣ, ҳимояи бозори меҳнати маҳаллӣ, таъмини ҳуқуқи афзалиятноки шаҳрвандони Тоҷикистон ба соҳиб шудан ба ҷойҳои кории холӣ. Дар робита ба ин, ба таъсиси низоми самараноки мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунии қувваи кории хориҷӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад.

Барои гирифтани иҷозати расмӣ ҷиҳати ҷалби қувваи кории хориҷӣ тартиби муайян вуҷуд дорад. Барои он ки кордиҳанда ба киро кардани коргари хориҷӣ иҷозат бигирад, бояд ба Маркази шуғли аҳолӣ бо ариза дар бораи ба ширкати (корхона, муассиса) ӯ лозим будани корманди касб ё ихтисоси муайян муроҷиат кунад. Хадамоти шуғли аҳолӣ вазифадор аст, ки пеш аз ҳама ба ҷойҳои кории холӣ шаҳрвандони Тоҷикистонро, ки чун нафари бекор сабти ном шудаанд, пешниҳод кунад.

Агар нафари мувофиқ аз миёни шаҳрвандони ҷумҳурӣ пайдо нашуд ё нафарони пешниҳодшуда ба талаботи кордиҳанда мувофиқ неоянд ё бо музди меҳнати пешниҳодкардаи кордиҳанда розӣ нагарданд, Хадамоти шуғли аҳолӣ тасдиқ мекунад, ки дар бозори маҳаллӣ кадрҳои зарурӣ вуҷуд

надоранд ва иҷозат медиҳад, ки коргари хориҷӣ барои кор аз ҷониби кордиҳандаи муроҷиаткарда, ҷалб карда шавад. Хадамоти шуғли аҳолӣ назорат мекунад, ки музди меҳнати пешниҳодшуда, аз сатҳи камтарин маблағи рӯзгузаронӣ паст набошад .[104]

Бо сабаби он ки кишварҳои дар ҳалли масъалаҳои муҳоҷиратӣ сару кор дошта ба душвориҳо дучор мешаванд, зарурати ҳамкориҳои давлатҳои мухталиф дар ин самт ба вуҷуд меояд. Аз ҷумла, барои таъмини мураттабии равандҳои муҳоҷират идоракунии он лозим аст. Тибқи барномаи ҳамкориҳои техникӣ дар соҳаи муҳоҷират Созмони байналхалқии муҳоҷират ба ҳукуматҳо ва дигар агентиҳо барои беҳтар кардани имконоташон, ҷиҳати идоракунии муҳоҷират захираҳои техникӣ, зеҳнӣ ва стратегиро пешниҳод мекунад. Чунин ҳамкорӣ ҷанбаи муҳимми ҳамкориҳои умумитехникӣ – стратегияи калидии СММ оид ба рушд ба ҳисоб меравад.

Барои ибтидои асри XXI қувват гирифтани равандҳои муҳоҷират дар давлатҳои ҷаҳон хос буда, гардиши байналхалқии инсонҳо хусусияти сахт решадавондаи ҳаёти муосир шудааст. Дар шароити муттаҳидшавии бозори байаналхалқии меҳнат ва иқтисоди ҷаҳонӣ муҳоҷират ҷузъи ҷудонопазири падидае шудааст, ки бо номи ҷаҳонишавӣ (глобализатси) шинохта мешавад.

Вобаста ба афзудани миқёси муҳоҷирати байналхалқӣ паёмадҳои иқтисодӣ, иқтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии он дар аксар кишварҳои дунё якҷоя бо аҳаммияти он дар сиёсати соҳаҳои мазкур меафзояд. Дар натиҷа, ба таври нав вокуниш кардан ба ин афзоиш лозим мешавад, то мураттабии гардиши инсонҳо дар чаҳорчӯбаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ҳаракати афзояндаи он таъмин ва нигоҳ дошта шавад.

Муҳоҷирати меҳнатии байналхалқӣ натиҷаи табиии раванди ҳамгироии босуръати иқтисодӣ миёни кишварҳо мебошад, ки бо сабаби либерализатсияи тиҷорат, ҷараёни сармоягузорӣ ва инчунин тағйироти

[104] И. В. Ивахнюк Международная трудовая миграция МГУ. М-2005 ст-235-236

технологии босуръат ба вуҷуд омадааст. Дар ҳар ҳолат, ки набошад, ин ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ ба гардиши озоди анбуҳи коргарон сабаб нашуд, ки омили нисбатан густурдаи фаъолияти истеҳсолӣ дар аксари давлатҳои рушдкунанда ва инчунин дар давлатҳоест, ки таъминкунандаи қувваи корӣ мебошанд. Дар ҳоле, ки ҷанбаҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории ҷаҳонишавӣ (глобализатси) ба камтарин назорати имконпазир дучор мешаванд ва муҳоҷирати меҳнатии байналхалқӣ бо мақсади шадидтар кардани назорати ҳаракати муҳоҷирони меҳнатӣ дучори дахолати бештар шудааст. Ин дар ҳолест, ки вобаста ба воқеиятҳои демографӣ бисёр давлатҳои мутараққӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ эҳтиёҷ доранд, вале сиёсатҳои шартии онҳо дар соҳаи муҳоҷират монеаи муҳоҷирати минбаъда ба қаламрави онҳо мешавад.

Чандин давлатҳо, аз ҷумла онҳое, ки саноати рушдкарда доранд, бо ду мушкилӣ – паст шудани сатҳи таваллуд ва пиршавии аҳолӣ дучор мешаванд, дар ҳоле, ки давлатҳои дигар, аз ҷумла давлатҳои рушдкунанда аҳолии ҷавон ва сатҳи таваллуднокии баланд доранд ва дар ҳоли камбизоатӣ ва бесуботӣ ба сар мебаранд. Як чиз рӯшан ва қобили зикр аст, ки ҳангоми танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ду иҷрокунандаи асосӣ – давлатҳои фиристанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон вуҷуд доранд. Барои он ки баробарии мутаносиб нигоҳ дошта шавад, барои дилхоҳ амали як ҷониб амали ҷавобии ҷониби дигар тақозо мешавад.

Бо дарназардошти ин далелҳо талабот ба мавҷудияти ҳаракати ҷуғрофӣ, ки барои ҳама шарикон иқтидори дастовардҳои натиҷаи дилхоҳро дорад, ногузир мешавад, вале ба шарти он ки ҳамкорӣ миёни давлатҳои фиристанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон ба таври назаррас беҳтар шавад. Чунин ҳолат муҳоҷират ва демографияро бо ҳам вобаста карда, дурнамои навро барои ҳалли бебохти масъала боз мекунад, ки дар он ҳам давлатҳои фиристанда ва ҳам қабулкунандаи муҳоҷирон дар натиҷи мувофиқати манфиатҳои ҳама ҷонибҳо, бурд мекунанд. Ба ин восита, мушкилоти ҳамгироиро дар давлатҳои қабулкунанда, мушкилоти

«фирори ақлҳо»-ро дар давлатҳои фиристанда ва дигар мушкилоти марбут ба масоили бехатарии инсонҳоро метавон ҳал намуд.

Муҳоҷиратро метавон то андозае ҷавоб ба барзиёдии пешниҳоди меҳнат (қувваи корӣ) дар кишварҳои фиристанда ва ҳамзамон ба пиршавӣ ва вобаста ба замон камшавии қувваи кории ватанӣ дар кишварҳои мутараққӣ арзёбӣ кард. Дар ин масъала кишварҳои рушдкарда бояд сиёсати ҳамаҷонибаи муҳоҷиратиеро роҳандозӣ кунанд, ки дар худ раванди қабули инсонҳоеро фаро гирад, ки бо сабабҳои иқтисодӣ ҳамчун муҳоҷирони муваққатӣ ё доимӣ, ё ин ки коргарони бидуни ихтисос таъриф дода мешаванд. Онҳо метавонанд ба баланд бардоштани малака ва ихтисосҳо дар кишварҳои фиристанда таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд ва бо маблағгузории муштарак дар низоми маориф таъсири манфии «фирори ақлҳо»-ро, ки ба кишварҳои фиристанда мерасад, мутавозин созанд.[105]

Бештари кишварҳое, ки мехоҳанд аз саҳми дар ҳалли масоили бекорӣ ва пасандозкунии асъори хориҷӣ гузорандаи муҳоҷират истифода кунанд, ба иҷрои вазифаҳои мураккаби таъсиси ниҳодҳои ҷамъиятии самаранок бо таҳияи қонунгузории дахлдор, ки барои рушди он дар иқтисодҳои мутараққии кишварҳои Аврупо ва ИМА давраи тӯлонӣ лозим омад, дучор мешаванд. Вале кишварҳои дар ҳоли рушд, махсусан кишварҳои собиқ ИҶШС, ба монанди Тоҷикистон, Қирғизистон, Украина, Албания, Молдова, Арманистон, ё кишварҳои Африқоие чун Кения, Танзания, Уганда, Эфиопия ва Миср, ки дар давраи гузариш қарор доранд, чунин фурсати зиёд дар ихтиёр надоранд. Ин кишварҳо бояд барои ҳалли доираи васеи масъалаҳои ҷамъиятӣ тадбирҳоро дар муҳлатҳои нисбатан кӯтоҳ роҳандозӣ кунанд. Онҳо бояд роҳи ҳалли масъалаҳоро чунон пайдо кунанд, ки бо талаботи ҷаҳонишавӣ  мувофиқ бошанд ва ҳамзамон

---

[105]Т.Ачакосо. Долгосрочная перспектива по усилению миграционных процессов в Таджикистане и Киргизии со всеми вытекающими из этого последствиями для Российской Федерации. 2006 год.

қонунияти худро нигоҳ доранд. Давлатҳои мазкур бояд меъёрҳои ҳуқуқиро қабул намуда, бо коррупсия мубориза баранд ва чунон кунанд, ки низоми рушдкунандаи сиёсии онҳо ва бозорҳо босуръат кор карданро шурӯъ кунанд.

Ин кори осон нест ва аксари ин давлатҳо, хусусан кишварҳои собиқ Шӯравӣ, ки дар давраи гузариш қарор доранд, бо талаботи ҷаҳонишавӣ фаро гирифта шудаанд, ки дар қонунҳо ва ниҳодҳои дахлдор таҷассум кардани онҳо зарур аст, вале ин муаммоҳо чунон гуногун ва мураккабанд, ки ҳалли ҳамаи онҳо якбора ва зуд номумкин аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ метавонист ба қонунгузорон ва сиёсатмадорони ин кишварҳо роҳҳои ҳалли бисёре аз масъалаҳоро нишон диҳад ва аз иштибоҳу роҳгумзаниҳо эмин дорад. Аз ин рӯ, ба вазорату идораҳои салоҳиятдори дигар мақомоти ҳокимияти давлатии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва албатта Тоҷикистон, ки масъули масъалаҳои соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ мебошанд, зарур аст, ки таҷрибаи кории мусбати давлатҳои ҷаҳонро омӯзанд ва онро татбиқ намоянд. Мутаассифона, боз ҳам вокуниши баръакс мушоҳида мешавад, вақте давлатҳое, ки дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ таҷрибаи кофии корӣ надоранд, ба санадҳои меъёрӣ ва таҷрибаи пешрафтаи давлатҳое, ки дар сиёсати муҳоҷират дастовардҳои назаррас доранд, аҳаммияте намедиҳанд ва ба сохтани низом ё сохтори тамоман номафҳуми идоракунии равандҳои муҳоҷират мепардозанд, ки номуваффақӣ ва бесамар будани фаъолияти он пешакӣ маълум аст.

Чун намуна метавон Тоҷикистонро мисол овард, ки вақте муассисони сохтори нав аз масъалаҳои муҳоҷирати байналхалқӣ дур буданд, ҳама корро анҷом доданд, то вазифаҳои мақомоти давлатиро вобаста ба ин низоми печ дар печу беасос ҳар чӣ зудтар тақсим намоянд. Аз сабаби он ки Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторҳои худро дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ надорад, муассисони он бесалоҳият ва кӯтоҳандеш гардидааст. Ин ҷо, қайд кардан зарур аст, ки 76% муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ маҳз аз шаҳру ноҳияҳои дурдаст

буда, ҳар сол барои кор ба хориҷа сафар мекунанд ва маҳз онҳо аз татбиқи равандҳои ҷараёндоштаи муҳоҷират берун мондаанд. Имрӯзҳо Тоҷикистон аз муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ вобастагӣ дорад, аз ин рӯ ба Ҳукумати мамлакат лозим аст, ки дар муддати наздиктарин сохтори давлатии пуриқтидор ва зудҳаракатеро бо ҷалби мутахассисони касбӣ, ки метавонанд бо мақсади ба тартиб даровардани ҷараёни муҳоҷират муҳимтарин вазифаҳоро иҷро намуда, масъалаҳои душворро ҳал намоянд, таъсис диҳад.

## 3.3. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи таҷрибаи хориҷӣ

Ҷанбаҳои демографии амният асосан аз ҷараёни муҳоҷират дар дохили мамлакат вобаста аст. Дар баробари ин, вазъи иқтисодӣ ва рушди минтақаҳои мамлакат низ аз равандҳои муҳоҷират вобастагӣ доранд. Ҳоло таъсири равандҳои муҳоҷират, хусусан ба вазъи иқтисодии хоҷагиҳо, сатҳи машғулият ва сатҳи даромадҳои муҳоҷирон, таъсири муҳоҷират ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва дар умум ба иқтисоди мамлакат қариб омӯхтанашуда, боқӣ мемонанд. Ин имкон намедиҳад, ки таъсири онро ба амнияти иқтисодии кишвар ва эътидоли иҷтимоӣ муайян намоем. Бо такя ба гуфтаҳои боло муҳоҷирати дохилӣ таҳлили нисбатан амиқро талаб мекунад.

Тағйири сохтори сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Тоҷикистон, касби истиқлолият ва ҷанги шаҳрвандӣ ҳам дар самтҳо ва ҳам дар намуд ҷараёнҳои нави муҳоҷиратро ба вуҷуд оварданд. Гузашта аз ин, суръат гирифтани равандҳои муҳоҷират дар дохили мамлакат ба бадшавии назорати ҷойивазкунии аҳолӣ вобаста буд, ки дар давраи ИҶШС таҷриба карда шуд ва муҳоҷирати дохилӣ бештар аз ҳама дар кӯчдиҳии нақшавии аҳолӣ аз як макон ба макони дигар бо мақсади аз худ кардани заминҳои бекор ифода меёфт. Дар баробари ин, манфиати худи нафароне, ки кӯчонида мешуданд, қариб ба назар гирифта намешуд. Дигар намудҳои муҳоҷират дар давраи Шӯравӣ бо роҳи назорати шадиди ҷойивазкунии аҳолӣ ҷиддӣ назорат мешуд. Бо мақсади роҳ надодан ба коҳиши аҳолӣ дар баъзе маҳалҳо ва зиёдшавии он дар маҳалҳои дигар сокиншавии аҳолӣ аз ҷой ба ҷойи дигар ба таври ҷиддӣ дар варақаҳои омаду рафт ба қайд гирифта мешуд. Назорати бевоситаи ҳаракати аҳолӣ натиҷаҳои мусбату манфии худро дошт, ки аз воқеиятҳои ҳамон замон маншаъ мегирифтанд. Вале аз замони барқарор шудани муносибатҳои бозаргонӣ ва заиф шудани назорат бар сари ҳаракати аҳолӣ муҳоҷират ҳар чӣ бештар хусусияти

табиӣ касб намуд. Аз сиёсати муваффақи муҳоҷирати дохилӣ сиёсати минбаъда дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ вобастагӣ дорад. Дар навбати худ сиёсати муҳоҷират аз барномаҳои корӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар минтақаҳои деҳоти мамлакат вобаста аст.

Яке аз ҳадафҳои номутамарказ кардани саноат ва сиёсати рушди минтақавӣ – кам кардани нобаробарӣ ва равона кардани муҳоҷирон аз шаҳрҳои бузурги мамлакат ба шаҳрҳои миёна ва хурд мебошад. Тағйири сохтори сармоягузорӣ, ба даст овардани фоида ва таъсиси дигар ангезаҳо рушди фаъоли саноатро дар шаҳрҳои миёна ва хурд таъмин мекунанд. Асоси мафҳумии (консептуалӣ) ин сиёсат «стратегияи парокандаи урбанизатсия» (Growth Pole Theory) мебошад, ки тибқи он «сармоягузории давлат дар маҳалҳои камаҳолӣ ё ба минтақаҳои аз нуқтаи назари иқтисодӣ бефоида ба рушди баробар ва устувори тамоми минтақаҳо сабаб шуда, барои тараққии ноҳияҳое, ки аз марказҳои асосӣ дур мебошанд, самараи мусбат медиҳад». [106]Таҷрибаи баъзе давлатҳо нишон медиҳад, ки онҳо сиёсати худро дар ин самт бомуваффақият татбиқ намудаанд, дар ҳоле, ки давлатҳои дигар дар ин роҳ ба мушкилоти ҷиддӣ дучор шудаанд. Масалан, дар Ҷопон кӯшишҳои камтар кардани аҳолӣ дар шаҳрҳои асосӣ ва беҳтар кардани тақсимоти минтақавии истеҳсолот ва даромадҳо бо муваффақият анҷом шуд. Дигар намунаҳои мусбатро дар масъалаи номутамарказ кардани истеҳсолот дар Ҳиндустон, Полша ва Кореяи Ҷанубӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар Кореяи Ҷанубӣ рушди бузурги саноат ва афзоиши муҳоҷират дар солҳои 1970 дар Сеул не, балки дар дигар шаҳру ноҳияҳо мушоҳида мешуданд. Бо вуҷуди ин, дар пойтахти кишвар, яъне Сеул соҳаи хизматрасонӣ хеле фаъолона рушд мекард. Дар натиҷа афзоиши солонаи аҳолӣ дар пойтахт аз 9,8% (тӯли солҳои 1966–1970) то 4,5% коҳиш ёфт, дар

---

[106] Simmons, Л.В. (1979): "Slowing metropolitan city growth in Asia: policies, programs, and results", in Population and development Review (New York) March - p. 98.

ҳоле, ки дар шаҳракҳои атрофи Сеул афзоиши аҳолӣ то ҳадди 12,7% солона расида буд.[107]

Дар умум, сиёсати марбут ба муҳоҷирати аҳолӣ ва таъсиркунанда ба он ду намуд мешавад: 1) сиёсати бевосита, ки дақиқ ва мушаххас ворид кардани тағйиротро ба рафтори муҳоҷиратии аҳолӣ пешбинӣ мекунад; 2) сиёсати бавосита, ки ба муҳоҷират ҳамчун ҳадафи дуюмдараҷаи сиёсат таъсир мекунад. Сиёсати бевосита нақшаи ҳаракати аҳолиро, ки ҳоло дар Тоҷикистон таҷриба мешавад, пешбинӣ менамояд. Он маҳдудияти ҳаракат ба шаҳрҳо ва барномаи муҳоҷирати аҳолиро дар бар мегирад. Сиёсати бавосита дар навбати худ ба беҳтар кардани шароити зиндагӣ дар ҷойҳои баромади муҳоҷирон ё пешниҳоди маконҳои сукунати рақобатӣ (алтернативӣ), ба монанди минтақаҳои наздимарзӣ ё шаҳрҳои гузаришӣ (минтақаҳои нави саноатии мобайнӣ) равона шудааст. Ҳадафи чунин сиёсат кам кардани вуруди анбуҳи муҳоҷирон ба шаҳрҳои бузург ва афзудани ҳавасмандӣ барои сокиншавӣ дар шаҳрҳои нав мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки сиёсати бавосита нисбатан инъитофпазир аст ва барои таъсир гузоштан ба вазъият имкони бештар медиҳад, он дар муҳити доираҳои бузурги аҳолӣ нисбатан таъсирбахш аст. Намунаи сиёсати бавосита метавонанд инҳо бошанд: таъмини ҷомеа бо хидматрасониҳо ва бунёди инфрасохтор дар маҳалҳои деҳот, ғайримутамарказ ё номутамарказ кардани маъмурӣ ва саноатӣ, ислоҳоти замин, барномаи рушди деҳот, ёрии молиявӣ ба нархҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бо мақсади баланд бардоштани даромади аҳолии деҳот.

Стохр[108] ба дахолати давлат ва назорати муҳоҷират мухолиф аст. Ӯ ақидаи худро чунин асоснок мекунад: якум, ин маҳдудкунии ҳуқуқи шахс ба озодии интихоб ва иваз кардани макони зист аст; дуюм, ин аксаран аз

---

[107] Simmons, A.B. (1979): "Slowing metropolitan city growth in Asia: policies, programs, and results", in Population and development Review (New York) March - pp. 99-100.

[108]Stohr, W. (1979): Evaluation of some arguments against government intervention to influence territorial population distribution, paper presented at UN UNFPA Workshop on Population Distribution Policies in Development Planning, Bangkok, 4-13 September.

лиҳози молиявӣ хеле гарон ва абзори аз лиҳози маъмурӣ душвори танзимкунанда аст; сеюм, ин кор бо сабаби мураккабии омилҳои бодалели тақсимкунии аҳолӣ бесамар аст; чаҳорум, ин кор аз ибтидо барои манфиатҳои гурӯҳи бартаридошта дар ҷамъият хидмат мекунад; ва ниҳоят, ин тибқи нақшаи дақиқ муайяншудаи механизми беихтиёрии (автоматӣ) мутавозин, ки дар дурнамои иқтисодӣ тавозуни тақсимоти фазоии аҳолиро таъмин кунад, равона нашудааст.

Аксари муҳаққиқон назари  дигар доранд ва қайд мекунанд, ки барои рафъи натиҷаҳои ногувор ё нарм кардани онҳо зарурат ба дахолати давлат дар равандҳои муҳоҷират вуҷуд дорад. Онҳо дидгоҳи худро бо он асоснок мекунанд, ки ҳаракати озод ва танзимнашавандаи аҳолӣ – роҳи бевоситаи тақсимоти нобаробар, бешуурона ва номутавозини аҳолӣ дар фазои ҷуғрофӣ аст. Вобаста ба механизмҳои соф бозорӣ аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъол дар якчанд ноҳияҳои хуби мамлакат, ки дар онҳо ширкатҳои саноатӣ таъсис меёбанд ва рушд мекунанд, фароҳам мешаванд.[109]

Ақидаю андешаҳои зикршуда, бо далелҳои кофӣ асоснок шудаанд. Аммо бояд дар назар дошт, ки муҳоҷират  метавонад ба вазъи муътадили иҷтимоӣ-иқтисодии амнияти сиёсии мамлакат таъсир кунад. Вобаста ба ин назарҳо, мо асосан ҷонибдорӣ аз дахолати равандҳои муҳоҷират мекунем, зеро он тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардум, манфиатҳои давлат ва дар умум амнияти онро дар бар мегирад ва танҳо ин дахолат бояд дар шакли мустақим не, балки дар таъсири бавосита таҷассум шавад.

Қобили зикр аст, ки дар миёни муҳоҷирони эҳтимолӣ андешае вуҷуд дорад, ки дар ҷойи сокиншавӣ онҳо имкониятҳои бештари таъмингардӣ ба кор ва фарзандонашон дар навбати худ имкони бештар ба таҳсили нисбатан босифат доранд. Чунонки ба мо маълум аст, муҳоҷирон ба хотири таъмини таҳсили нисбатан босифати фарзандони худ ба шаҳрҳо

[109] Hansen, N. (1979): A review and evaluation of attempts to direct migrants to smaller and intermediate- size cities paper presented at UN/UNFPA Workshop on Population Distribution Policies in Development f Planning, Bangkok, 4-13 September.

мекӯчанд. Намунаи равшани дастрасӣ ба таҳсили ройгон ва баробару босифат ва ҳамчунин хидматрасонии тиббӣ замони дар ҳайати ИҶШС будани Тоҷикистон буд. Ин яке аз омилҳои муҳим дар қатори дигар авомил буд, ки фаъолнокии аҳолиро дар муҳоҷират коҳиш медод. Инро ҳам набояд фаромӯш кард, ки соҳаҳои маорифу тандурустӣ дар дотатсияи давлатӣ қарор доштанд, ки ин дастрасии баробари ҳамагонро ба хидматрасониҳои ин ду соҳа таъмин мекард. Дастрасӣ ба таҳсил ва хидматрасониҳои тиббӣ метавонад ба шаҳрҳо муҳоҷиршавии аҳолиро дар қатори даромадҳои нисбатан баланди аҳолӣ коҳиш диҳад. Маблағгузорӣ дар соҳаҳои мазкур, хусусан дар соҳаи маориф метавонад масрафоти давлатро дар самти боздорӣ ё ба дигар сӯ равонасозии ҷараёни муҳоҷират кам кунад. Албатта, муҳоҷират аксаран ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад, вале дар чунин сурат бартараф кардани ҷараёни ногувори муҳоҷират, ки баръакс сабаби монеъ шудан ба рушди иқтисод мешаванд, муҳимтар аст. Ҳамин тариқ, фаъолшавии равандҳои зиёдшавии аҳолии шаҳр (урбанизатсия) аз ҳисоби ба шаҳрҳо сарозер шудани аҳолӣ аз деҳот асоснок карда нашуд, зеро марказҳои шаҳрӣ наметавонанд анбуҳи бузурги муҳоҷиронро қабул кунанд. Баръакс бояд раванди урбанизатсия аз ҳисоби рушди маҳалҳои деҳот, ки танҳо дар сурати номутамарказ кардани истеҳсолот ва амалӣ кардани сиёсати рушди минтақавӣ ба даст меояд, амалӣ гардад.

Беҳтар шудани алоқаҳои нақлиётӣ дар мамлакат равандҳои муҳоҷирати дохилиро боз ҳам тақвият медиҳад. Шиддат гирифтани фаъолнокии муҳоҷирати паёпай аҳолӣ онро дар як минтақа фароҳам намекунад, ба шарте, ки шабакаҳои нақлиётии мамлакат бо маблағгузории давлат рушдкарда бошанд. Аз нуқтаи назари демографӣ муҳоҷирати паёпай сабаби номутаносибии синнусолӣ дар минтақаҳо намешавад. Роҳҳои нақлиётии арзон зиндагиро дар марказҳои шаҳрӣ камрағбат мекунанд, зеро иҷораи манзил дар шаҳр аз масрафоти роҳ хеле гаронтар мешавад ва нархҳои арзон ба ҳама намуди хидматрасониҳо дар минтақаҳо нисбат ба

марказ метавонад ҷараёни муҳоҷиратро ба шаҳрҳо коҳиш диҳад, ки ин ба манфиати давлат мувофиқат мекунад. Дар баробари ин маблағҳои дар марказҳо бадастомада дар минтақаҳои канории мамлакат сарф мешаванд, ки дар ниҳоят сабаби рушди баробари минтақаҳои кишвар мешавад.

Ба андешаи мо дар шароити иқтисоди гузаришӣ ҳангоми таҳияи сиёсати муҳоҷират дар чаҳорчӯбаи барномаи ягонаи мамлакат бояд ба ҷанбаҳои зерин диққати махсус дода шавад:

- дуруст ҷобаҷокунии аҳолӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ, бидуни ширкати давлат дар равандҳои ҷараёндоштаи муҳоҷират имконнопазир аст. Вале чунин ширкат бояд дар танзими ин равандҳо дар асоси манфиатҳои муҳоҷирон ва бо дарназардошти эътидоли иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ-амниятии мамлакат таҷассум шавад;
- самти муҳоҷирати аҳолӣ бояд на аз тариқи дахолати мустақим, балки бо истифода аз методи таъсири бавосита тағйир дода шавад. Вобаста ба вазъият бо дарназардошти ин ё он хусусияти ҷойивазкунии аҳолӣ ба ҳам омезиш додани сиёсати дахолати мустақим ва бавоситаи давлат (ҳангоми муҳоҷират бо таъсири омилҳои экзогенӣ) лозим мешавад. Сиёсати бавосита дар шароити иқтисоди гузаришӣ қувваи нисбатан амалӣ дорад. Дар ин сиёсат ба сабабҳои муҳоҷират, ки асосан ба рушди нобаробари деҳот ва шаҳрҳо, ё як минтақа нисбат ба минтақаи дигар вобастагӣ дорад, бавосита таъсир расонида мешавад. Таъсири бавосита ба ангезаҳои муҳоҷират ва бавосита ҳаваснманд кардани аҳолӣ метавонад мояи бартараф кардани равандҳои ногувори рушди муҳоҷират бошад. Ин тадбирҳо бояд бо роҳи номутамарказ кардани истеҳсолот ба манфиати маҳалҳои деҳот амалӣ шавад, ки боиси афзоиши аҳолии маҳалҳои шаҳрнишин аз ҳисоби рушди деҳот мешавад, на аз ҳисоби кӯчиши бошиддати аҳолӣ аз деҳот ба шаҳрҳо. Гузашта аз ин, механизми рушди хоҷагии қишлоқ равиши нисбатан нозукро талаб мекунад, ки аз он ҳаҷми муҳоҷирати аҳолӣ аз деҳот ба шаҳрҳо ва ба берун аз мамлакат вобастагӣ

дорад. Дар оянда аз ҳалли мусбат ё манфии мушкилоти ин соҳа ҷараёнҳои муҳоҷират дар звенои деҳа-шаҳр вобаста мешавад;

- пайомадҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷират, агар аз ҷониби давлат танзим карда шаванд, мусбат мешаванд ва дар ниҳоят ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар манотиқи алоҳидаи мамлакат ва дар умум, ҷумҳурӣ таъсири мусбат дорад;
- таъсири равандҳои муҳоҷират, хусусан муҳоҷирати мавсимӣ ва муваққатии меҳнатӣ ба вазъи иқтисодии хонаводаҳо, сатҳи машғулияти аҳолӣ ва даромадҳои муҳоҷирон, ба кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва дар умум, ба иқтисоди мамлакат то ҳол қариб ноомӯхта боқӣ мемонанд, ба ғайр аз таҳқиқоти ҷузъӣ дар доираи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ;
- муҳоҷирони меҳнатӣ метавонанд дар шароити иқтисоди гузаришӣ ба кам кардани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат саҳм гузоранд, зеро аксаран онҳо аз табақаҳои нисбатан камбизоати ҷомеа бархостаанд. Омӯхта нашудани масоили зикргардида, имкон намедиҳад, ки таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба иқтисоди кишвар муайян карда шавад.
- асосан вайроншавии муҳити атроф, ки сабаби муҳоҷирати аҳолӣ шудааст, ба офатҳои табиӣ, аз ҷумла фаромадани ярч, обхезӣ, сел ва амсоли инҳо рабт дорад. Як чиз ҷолиби диққат аст, ки ҳолатҳои такроран фаромадани ярч натиҷаи дониши пасти экологии мардум аст. Яъне, аҳолӣ аз як ҷониб заминҳоро нодуруст истифода мекунанд, аз ҷониби дигар, дар ҷойҳое иморат бунёд мекунанд (бунёди манзил дар баромадгоҳи дарёҳо), ки дар онҳо мунтазам ҳодисаҳои селфароӣ рух дода, сохтмон қатъиян манъ аст. Омилҳои асосии боздорандаи муҳоҷират: мавҷудияти манбаҳои дигари даромад ва воситаҳои рӯзгузаронӣ (муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ё хориҷии мавсимӣ ё муваққатии аъзои оила); тарк кардан нахостани ватани аҷдодӣ; набудани имкони муҳоҷират бо сабаби маҳдуд будани имкони молиявии хонаводаҳо ва амсоли инҳо. Аксари аҳолие, ки дар минтақаҳои харобшаванда зиндагӣ доранд, муҳоҷирони эҳтимолӣ мебошанд ва ҳангоми ба вуҷуд омадани камтарин имконият омодаанд, ки

аз он ҷойҳо муҳоҷир шаванд. Ба хотири монеъ шудан ба пайдоиши ҷараёнҳои номатлуби муҳоҷират идораҳои марбута бояд тадбирҳои саривақтӣ андешанд;

- иқтидори истеҳсолии мамлакат бояд барқарор шавад, ки бо он имкониятҳои зерин ба вуҷуд меоянд: афзудани шумораи нафароне, ки расман дар иқтисоди мамлакат кор мекунанд ва дар заминаи он коҳиш додани сатҳи фаъолияти ғайрирасмӣ, муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ; таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; паст кардани сатҳи иқтисоди сиёҳ (афзудани пардохтҳо ба буҷети мамлакат) ва амсоли инҳо;
- таъмини музди меҳнати арзанда ба кормандоне, ки дар бахши расмии иқтисодӣ фаъолият доранд, ки норасоии кадрҳоро барҳам медиҳад. Ин тадбир ба рушди устувори соҳаҳои иқтисоди мамлакат мусоидат мекунад. Музди меҳнати арзанда ва мавҷудияти ҷойҳои корӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт – ду шарти асосии коҳиш додани фаъолияти ғайрирасмӣ, инчунин коҳииши ҳаҷми муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Ин тадбирҳо метавонанд ба кам кардани фаъолияти ғайрирасмӣ ба таври ҷиддӣ таъсир гузоранд.

Яке аз масоили муҳимми имрӯза дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ барои давлатҳои донори муҳоҷирати меҳнатӣ ҷалб ва самаранок истифода намудани сармояест, ки аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ барои рушди иқтисоди давлатӣ ва дар умум, ҷомеа фиристода мешавад.

Давлатҳои ҷаҳон ва коршиносони байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ таҷрибаи давлатҳое чун Филиппин ва Ҳиндустонро дар масъалаи истифодаи бошууронаи маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон дар рушди иқтисоди давлат ва таъсиси ҷойҳои кории нав барои шаҳрвандон дар дохили мамлакат баҳои баланд додаанд.

Масалан, кишвари Филиппин тадбирҳои мушаххас ва амалиро вобаста ба беҳтар кардани захираҳои меҳнатӣ ва ташкили микроиқлим дар фазои муҳоҷират роҳандозӣ намуда, барои ҳавасмандӣ ва ҷалби маблағҳои

интиқолдодаи муҳоҷирон дар рушди иқтисоди давлат ва таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ барои шаҳрвандони бекори кишвари худ кӯшиш мекунад.

Хусусиятҳои асосии фаъолияти муваффақи мақомоти давлатии кишвари Филиппинро бо дарназардошти ҳамкориҳо ва ҳамоҳангии дақиқи фаъолияти ҷонибҳои манфиатдор, ки танзими равандҳои муҳоҷиратро таъмин мекунанд, метавон чунин ифода намуд:

1) Дар давлати Филиппин ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ сару кор дорад, ки фаъолияти дигар вазорату идораҳоро ҳамоҳанг мекунад. Ҳукумати Филиппин масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатиро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ дониста, бо Қарори Президенти ин кишвар таҳти роҳбарии вазири меҳнат Шӯрои ҳамоҳангӣ таъсис додааст, ки ба ҳайати он роҳбарони аввали тамоми вазорату идораҳои дахлдор, инчунин роҳбарони созмонҳои дигар, ки вобаста ба кор дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ нуфузи баланд ва натиҷаҳои хуби корӣ доранд, дохил шудаанд.

2) Вазорати меҳнати Филиппин дар назди сафорату консулгариҳои ин кишвар дар хориҷа дар 37 давлати ҷаҳон, ки бештарин шумораи муҳоҷирони меҳнатии Филиппин фаъолият доранд, атташе оид ба меҳнат дорад. Атташе оид ба меҳнат ба омӯзиши доимии бозори меҳнат ва шуғл, дурнамои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи кишвари ҳузур дар 5-10 соли наздик, имзои созишномаҳо бо кордиҳандагони хориҷӣ, пешниҳоди маълумот ба Вазорати меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Филиппин ва дар ҳолатҳои зарурӣ ширкат дар тафтишоти судӣ, инчунин ба дигар масъалаҳое, ки дар шартнома ё қарордоди Атташе ҳамчун салоҳияти ӯ омадаанд, машғул мешавад.

Дар ҳолати ба миён омадани мушкилоти иловагие, ки берун аз ҳадди ваколати Атташе оид ба меҳнат мебароянд, дарҳол кормандони сафорат ё консулӣ тадбир меандешанд. Алоқамандӣ ва робитаҳои кории ин ду вазорат дар баландтарин сатҳ қарор доранд, зеро ҳар ду ҷониб муҳиммияти масъала ва натиҷаҳои онро барои кишвари Филиппин хуб

дарк кардаанд. Ҳар сол вазоратҳои номбурда дар зиёда аз 500 мурофиаи судӣ ширкат карда, 90% онҳоро ба манфиати худ ҳал мекунанд, зеро бо имзои шартнома ва қарордодҳои меҳнатӣ ҷанбаҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Филиппин мадди назар дошта мешавад.

3) Бояд аз низоми хеле рушдкарда ва чандирии омӯзиши касбӣ ва бозомӯзии муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Филиппин, ки роҳбарии онро Агентии омӯзиши техникӣ ва такмили ихтисос бо номи ТЕЗДА дар ихтиёр дорад, ёдовар шавем. Ин созмон сиёсати умумии Вазорати меҳнатро дар соҳаи таҳсилоти касбии техникӣ татбиқ намуда, методологияҳо, дастурҳо, асбобҳои аёнӣ, дипломҳо ва сертификатҳои ягона бо сарпарастии Вазорати меҳнат омода мекунад, ки пас аз анҷоми раванди таълим ба шаҳрвандони таҳсилкарда, дода мешаванд. Муҳлати омӯзиши курсҳо аз намуди ихтисоси интихобшаванда вобаста аст: курсҳои 1-2 сола, аз 3 то 6 моҳа, якҳафтаина, даҳрӯза, дуҳафтаина, якмоҳа ва ғ.

Агар ҳар сол ба бозори меҳнати дохилии Филиппин қариб 1 млн нафар шаҳрвандони кишвар ҳамчун захираҳои нави меҳнатӣ ворид шаванд, пас низоми пуриқтидори муташаккили омодасозии касбҳои техникии Филиппин 1 млн 300 ҳазор нафарро касбҳои зарурии муосирро меомӯзад. Дар баробари ин, дар марказҳои омӯзишии Филиппин дар асоси шартнома шумораи зиёди шаҳрвандони дигар давлатҳои ҳамсоя таҳсил мекунанд, ки комил будани низоми касбомӯзии ин кишварро собит месозад.

Бояд қайд намуд, ки давлати Филиппин бо шарофати ҳамкориҳои хусусӣ-давлатӣ чунин натиҷаҳои баландро соҳиб гаштааст, зеро аз 100% марказҳои омӯзишии сохтори Вазорати меҳнат 68%-ро марказҳои хусусӣ ва танҳо 32%-ро марказҳои давлатӣ ташкил медиҳанд.

4) Созмони дигар дар низоми Вазорати меҳнат, ки ба дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо машғул аст, Агентӣ

оид ба расондани ёрии иҷтимоӣ ном дорад, ки аз ҳисоби аъзоҳақие, ки муҳоҷирони меҳнатӣ пардохт мекунанд (25 доллари ИМА) Фонди Иҷтимоии Муҳоҷиронро таъсис додааст. Ҳар сол ба ин фонд тақрибан 2 млн муҳоҷири меҳнатӣ аъзоҳақӣ пардохт мекунанд ва ин имкон медиҳад, ки бо фаъолияти ҷиддӣ ва шаффоф ба муҳоҷирони меҳнатии эҳтиёҷманд ва аъзои оилаи онҳо ёрӣ расонда шавад.

5) Бо дар назар гирифтани масоили муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлат, роҳбарияти кишвар яке аз муовинони вазири умури хориҷиро масъули танҳо машғул шудан ба соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ кардааст. Ин муовини вазир дафтари кории алоҳида бо 36 корманди дастгоҳи марказӣ дорад. Дар умум 500 нафар корманд, аз ҷумла, 3-4 нафар дар 64 сафорат (атташеҳо оид ба муҳоҷират), 24 консулӣ ва дар 4 маъмурияти Филиппин берун аз қаламрави мамлакат таҳти тобеияти бевоситаи муовини мазкури вазири умури хориҷӣ қарор доранд.

Атташе оид ба муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва шуғли Филиппин дар хориҷа бо кормандони ВУХ ҳамкориҳои хеле зич дошта, дар давлатҳои хориҷаи дуру наздик дар дафтари кории онҳо қарор мегиранд.

6) Яке аз санадҳои муҳимме, ки маъсулияти шахсии роҳбарони аввали вазорату идораҳои кишвари Филиппинро баланд мебардорад, Санади № 8042 дар бораи муҳоҷирони меҳнатии Филиппин аст, ки аз ҷониби Президенти ин давлат имзо гардидааст. Тибқи ин санад агар қонунгузории амалкунанда, амалӣ нашавад ва ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ таъмин нагардад, роҳбарони аввали вазорату идораҳо шахсан ба ҷавобгарӣ ва ҷазо кашида мешаванд.

Вобаста ба сиёсати чандирӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳамкориҳои наздики мақомоти марбутаи ҳокимияти давлатӣ ва ёрии амалии Ҳукумати мамлакат солҳои охир сатҳи бекорӣ дар давлати Филиппин ҳар сол то 1% коҳиш меёбад, ки барои давлати донори муҳоҷирони меҳнатӣ натиҷаи хуб ба ҳисоб меравад.

Дигар намунаи мусбати соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, сиёсати шуғли аҳолӣ ва рушди бозори дохилии меҳнат, ки ба ҷалби маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва истифода бошууронаи онҳо дар рушди иқтисоди давлат мусоидат мекунад, таҷрибаи кор дар Ҳиндустон аст. Дар Ҳиндустон дар назди вазорате, ки машғули масъалаҳои муҳоҷират аст, Маркази ёрӣ ба ҳиндуҳои берун аз қаламрави кишвар таъсис дода шудааст, ки барои татбиқи сиёсати умумии давлат ва истифодаи мақсадноки сармояҳо ва маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат мувazзаф аст. Дар ин Марказ Шӯрои ҳамоҳангсоз таъсис шудааст, ки ба ҳайати он 4-5 роҳбарони вазоратҳои калидӣ ва 4-5 ҳиндуи муваффақ, ки доимӣ дар хориҷа зиндагӣ мекунанд, дохил мешаванд. Шӯрои Ҳамоҳангсоз тавассути фаъолияти мутахассисони баландихтисос ва коршиносони дорои музди меҳнати баланд шаффофияти истифодаи маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва татбиқи тамоми лоиҳаҳоро то анҷоми мантиқии онҳо кафолат медиҳад.

Ҳиндуҳое, ки дар хориҷа зиндагӣ мекунанд, инчунин муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ба фаъолияти қонунии Маркази зикршуда боварӣ доранд, аз ин сабаб сол ба сол ҳаҷми маблағҳое, ки ба суратҳисоби ин Марказ аз хориҷа гузаронда мешавад, афзоиш меёбад. Бо ҳамин тарз, танҳо дар давраи соли 2009 ба Ҳиндустон 49 млрд доллари ИМА интиқол дода шудааст, ки дар миёни тамоми давлатҳои ҷаҳон баландтарин нишондод аст ва таҷрибаи қонуниро дар соҳаи ҳавасмандгардонӣ ва истифодаи маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди иқтисоди мамлакат, инчунин эҳтироми баланди ҳиндуҳои хориҷиро ба ватани худ собит месозад. Ин ба Ҳиндустон имкон медиҳад, ки иморатҳои нави истеҳсолӣ бунёд намояд ва бо бештар рушд додани соҳаи хоҷагии қишлоқ ҷойҳои кории иловагӣ ташкил кунад ва шаҳрвандони давлати худро бо ҷойи кори доимӣ таъмин намояд.

Муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам, дар солҳои охир маблағҳои кам интиқол надодаанд, ки ҳаҷми онҳо то ду ва зиёда млрд. доллари ИМА гуфта мешавад. Вале истифодаи ин маблағҳо дар рушди соҳибкорӣ ва иқтисоди мамлакат ҳоло ба шумораи хеле ками муҳоҷирони меҳнатӣ имконпазир аст. Сабаби ин чанд омили объектвӣ ва субъективие мебошанд, ки мо якҷоя бояд онҳоро омӯзем ва барои ташкили фазои ҳуқуқӣ ва шаффофияти истифодаи маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди соҳибкорӣ тадбирҳои амалиро роҳандозӣ кунем.

Масоили ҳавасмандгардонӣ ва истифодаи оқилонаи маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди иқтисоди мамлакат ва дар умум, ҷомеа чандин маротиба дар гузоришу баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шуданд, ки дар робита ба он вазорату идораҳои дахлдор, инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бояд ҷиҳати татбиқи вазифаҳое, ки аз ҷониби сарвари давлат супориш дода шудаанд, тадбирҳои ҷиддӣ роҳандозӣ кунанд.

Тӯли солҳои охир давлатҳои ҷаҳон аз афзоиши буҳрони молиявӣ ва иқтисодӣ, ки дар бахши молиявии давлатҳои мутараққӣ шурӯъ шудааст, нигарон ҳастанд. Интизор меравад, ки натиҷаҳои буҳрони ҷаҳонӣ бештар аз ҳама ба равандҳои муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ таъсир мегузоранд.

Зарурат барои ташкил ва рушди муколама дар ҷомеа бо ҷалби тамоми ҷонибҳои манфиатдор барои таҳияи сиёсат ва тадбирҳои мувофиқ бо мақсади ба камтарин сатҳ поён бурдани таъсиси манфии буҳрон ба равандҳои муҳоҷират, инчунин ташкили шароити мусоид барои бозҳамгироии муҳоҷирони ба ватан баргашта, ба вуҷуд омадааст.

Кӯшишҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми шарикони иҷтимоӣ бояд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ бо музди меҳнати арзанда тавассути беҳтар кардани муҳити корӣ ва фазои сармоягузорӣ, рушди шароит барои рақобати озод дар тамоми соҳаҳои иқтисод, баланд бардоштани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ ва сиёсати пулӣ-қарзии давлат равона шавад. Ин барои нармтар кардани пайомадҳои манфии

иҷтимоӣ-иқтисодии коҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ кӯмак карда, барои рушди устувор ва дарозмуддати иқтисодӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунад.

# Хулоса

Дар асоси омӯзиши васеи маводи илмӣ-таҳқиқотӣ ва оморӣ-иттилоотӣ оид ба масъалаи равандҳои муҳоҷират метавон хулоса намуд, ки масъалаи муҳоҷират ба бештари ҷанбаъҳои фаъолияти зисти аҳолӣ дахл карда, дар тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҳар мамлакат нақши муҳим дорад. Таҳқиқоти гузаронидашуда дар ин самт имкон дод, то барои асосноккунии мавқеи назариявии мукаммалгардонии идораи равандҳои муҳоҷират хулосаҳо ва пешниҳодҳои зеринро иброз намоем:

1. Дар раванди инкишофи таҳаввулотии худ назарияи муҳоҷират ҳам аз нигоҳи муайянсозии моҳияти ин падида, ҳам аз рӯйи шакли зоҳиршавӣ дучори тағйироти бузурге шуд. Ҳамин тавр, «қонуни муҳоҷиратие», ки ҳанӯз дар соли 1885 дар асарҳои Е.Г. Равенштейн мухтасаран ифода ёфта буданд, дар асари Ҷордҷ Хикс «Назарияи музди кор» инкишофи минбаъдаи худро ёфт, ки ӯ ҳаракати қувваи кориро берун аз нуқтаи назари фарқиятҳои бисёрсамтаи мавҷуда дар пардохти музди меҳнат асоснок намуд. А. Люис муҳоҷиратро ҳамчун раванди қонунияти иинкишофи иқтисодӣ-иҷтимоӣ баҳо дод. Ҷ. Харис ва М. Тодаро намунаи заминаро бо ду бахши муҳоҷиратӣ шаҳрӣ-деҳавӣ коркард намуда, муносибати неоклассикии анъанавии таҳқиқоти муҳоҷиратро васеъ намуданд. Ниҳоят Г. Барҷес ақидаи ташаккулдиҳии бозори муҳоҷирати байналмилалиро пешниҳод мекунад. Қайд кардан бамаврид аст, ки бештаре аз ақидаҳои пешниҳодкардашуда, имрӯз дар равандҳои муҳоҷират амалӣ шуда истодаанд.

2. Аз ҷиҳати назариявӣ, ҳанӯз ҳам масъалаҳои дастгоҳи категориявӣ-мафҳумӣ баҳснок мемонад. Мавҷуд будани маънидодкуниҳои зиёд, нуқтаҳои назари олимон, муносибат ба таҳқиқоти баъзан тамоман байни ҳам зид, имконият дод, то ба мафҳуми «муҳоҷират» шарҳи муаллифӣ дода шавад, ки муҳоҷирати аҳолӣ – ин зудҳаракатии як шахс ё гурӯҳи одамоне мебошад, ки гузариши маъмурӣ ё сарҳади давлатиро бо тағйирдиҳии минбаъда (бо қайд) ё бетағйирдиҳии (беқайд) макони зисти доимӣ анҷом медиҳад. Муқарраротӣ мазкурро ба инобат гирифта, қайд кардан бамаврид аст, ки шумораи муҳоҷирон бамаротиба зиёд мебошад, зеро шумораи муҳоҷирони ғайриқонуниро низ дар бар мегирад, ки муддати дуру дароз дар макони вуруд бе ивазкунии ҷойи зист дар вақти муайяне мемонанд ва дар қайд нестанд.

3. Равандҳои ташаккулёбии нави муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар маҷмӯъ, ҳам дар низоми иқтисодӣ ва қисман дар бозори

меҳнати ҶТ тағйироти зиёдеро бавуҷуд овард. Инкишофи шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла хусусӣ, равандҳои хусусигардонӣ ва тараққиёти соҳибкорӣ қисмати муайяни қувваи кориро аз бахши давлатӣ озод кард ва талаботи онҳоро аз ҷониби соҳаҳои гуногуни саноатӣ кам кард. Дар баробари ин, раванди такрористеҳсоли қувваҳои корӣ идома дорад. Ҳамин тавр, дар давраи солҳои 2009-2017 аҳолии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ба ҳисоби миёна ҳар сол 2,3% зиёд шудааст, дар ҳоле, ки қисмати аҳолии қобили меҳнати он 2,8% -ро ташкил медиҳад, ки ин дар бозори меҳнат вазниниро бештар мекунад.

4. Аз нимаи асри XX сар карда дар илми иқтисод баҳси илмие ба миён омад, ки ба сарчашмаҳо ва омилҳои инкишофи иқтисодии давлатҳои тараққикардаистода дахл дошт. Сарчашмаҳо ва омилҳои пешниҳодгардида дорои самтҳои гуногун буданд, аз ҷумла аз барзиёдии арзаи меҳнат ва сармоя (маблағгузорӣ) то МХМ (ПИИ) (сармогягузории бевоситаи хориҷӣ) ва омилҳои ниҳодӣ. Аммо таҳқиқот дар бораи таъсири он ба иқтисоди мамлакат, чунин омиле, ба монанди интиқоли пулии муҳоҷирон тақрибан дар 10-20 соли охир пайдо шуд. Дар баробари ин, як қисми муҳаққиқон бар он назаранд, ки дар бештари мамлакатҳои тараққикардаистода интиқоли пулии муҳоҷирон сарчамаи бештари даромади оилаҳоро ташкил медиҳанд. Пасон ба иқтисоди миллӣ низ таъсир мерасонанд. Масалан, Д. Ратха, Иқбол ва Саттор, Ҷонгванич, Сиддиқ ва Селваназанӣ ва дигарон тарафдори ҳамин нуқтаи назаранд. Қисмати дигари муҳаққиқон таъсири интиқоли пулиро ба инкишофи иқтисодии мамлакатҳои тараққикардаистода инкор мекунанд, дар масоли: Ҷулиан ва Райз-Арранс, А. Бараҷес, Р. Ҷами, Карагос ва дигарон.

Сарфи назар аз ин, таҳқиқот нишон дод, ки Ҳиндустон бо интиқоли пулии аз ҳама зиёд миёни дигар давлатҳо пешсаф аст. Он дар соли 2015 72 млрд. доллари ИМА-ро ворид кард, пас аз он Хитой (64 млрд. доллари ИМА) ва Филиппин (30 млрд. доллари ИМА). Инчунин ҳиссаи нисбатан назарраси интиқоли пулии муҳоҷирон ММД (ВВП) дар солҳои 2012-2014 дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст (41,7%), Ҷумҳурии Қирғизистон (30,3%) ва Непал (29,9%). Қайд кардан бамаврид аст, ки то кунун вазъият умуман тағйир наёфтааст. Дар соли 2015, 352,5 млрд доллари ИМА интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷаҳон бо роҳи расмӣ интиқол дода шудааст. Аммо ба саволи илмӣ ва амалии то чӣ андоза таъсири интиқоли пулии муҳоҷирон ба ҷараёни инкишофи иқтисодӣ муҳим буда метавонад, то ҳол ҷавоби якхела вуҷуд надорад. Масалан, Й. Вакаяма омори мамлакатҳои Аврупо ва Осиёи Марказиро таҳлил карда ба чунин

хулоса омадааст, ки миёни интиқоли пулӣ ва инкишофи ММД бар сари аҳолӣ ҳеҷ иртиботе вуҷуд надорад. Ғайр аз ин, ба ақидаи ӯ интиқоли пулӣ наметавонад ба таври қатъӣ тағйироти дар мамлакатҳои ММД-и мамлакатҳо ба вуҷудомадаро нишон диҳад.

5. Муҳоҷирати аҳолӣ, аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ дар худ падидаи душвору бисёрҷабҳаро таҷассум мекунад, ки ба самтҳои гуногуни иқтисодӣ-иҷтимоии фаъолияти давлатӣ таъсир мерасонад. Аз ин ҷиҳат, таъмини босамари механизми самараноки таъсиррасонии давлатӣ ба равандҳои муҳоҷират муҳим аст. Ба сифати ин механизм сиёсати муҳоҷирати давлатӣ ва воситаҳои асосии гузаронидани он баромад карда метавонад. Ин пеш аз ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар зинаҳои гуногуни идораи давлатӣ қабулшаванда мебошад. Аммо қайд кардан зарур аст, ки на ҳамеша сохторҳои аз ҷониби давлат ташкилшуда оид ба муҳоҷират самаранок буда метавонанд. Масалан, сохтори нави давлатӣ дар ҶТ оид ба масъалаҳои муҳоҷират аз равандҳои беҳсозии идоракунӣ ва банизомдарории муҳоҷирати байналмилалӣ дур буданд ва тамоми имкониятҳоро истифода намуданд, то салоҳиятҳои ташкилотҳои давлатиро аз рӯйи нақшаи печдарпеч ва беасос аз нав ба низоми муайян дароранд. Ҳамин тариқ, хизматрасониҳои муҳоҷиратии ҶТ дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ сохторҳои алоҳидаи худро надоранд ва ин ҳол аз бемулоҳизагӣ ва бесалоҳиятии созандагони ин сохторҳо шаҳодат медиҳад. Ҳамин аст, ки 76%-и муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҶТ ҳар сол барои даромад маҳз аз шаҳрҳо ва ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ ба хориҷа мераванд. Аз ин рӯ, дар ояндаи наздик бо мақсади банизомдарории гурӯҳҳои муҳоҷиратӣ ва амиқан ба даст овардани маълумот дар бораи шумораи сафаркунандагон ва омадагони муҳоҷирони меҳнатӣ аз шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ, зарурати ташкили сохтори зудҳаракати давлатӣ бо ҷалби мутахассисони баландихтисос пеш меояд.

6. Мутахассисони байналмилалӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ таҷрибаи кории мамлакатҳоеро, ба монанди Филиппин ва Ҳиндустон баҳои баланд додаанд, ки барои ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби интиқолоти пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштаанд ва барои ташкили ҷойҳои нави корӣ барои шаҳрвандони бекори мамлакатҳои худ мусоидат намудаанд. Истифодаи таҷрибаи мусбии кишварҳои мазкур дар муносибати идоракунии равандҳои муҳоҷират ба мамлакати мо хело зарур аст, то: низоми пешрафта ва чандири таълими касбӣ ва бозомӯзии муҳоҷирони меҳнатиро дар шакли Оҷонсӣ, омӯзиши техникӣ ва такмили ихтисос, ки сиёсати ягонаи

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ ба шумор меравад, амалӣ карда шавад; омода кардани дастурҳои методӣ, дастурамалҳо ва китобҳои таълимӣ оид ба омодасозии муҳоҷирон барои кор дар хориҷа бо додани дипломҳо ва сертификатҳо дар зери ҳимояи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ, ки баъди гузаштани курси таълимии мувофиқ ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ дода мешаванд; инкишоф додани ҳамкориҳои хусусӣ-давлатӣ барои ташкили марказҳои таълимӣ ба хотири омодасозии мутахассисон; барои дастгирии иҷтимоии муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо ташкил намудани фонди ҷамъиятии муҳоҷират. Ғайр аз ин, зарур меҳисобем, ки ширкатҳои миёнарав андозҳои имтёзнок пешниҳод намоянд, ки муҳоҷирати меҳнатиро дар хориҷа амалӣ гардонанд; фазои ҳуқуқӣ-маълумотии ягонаи муҳоҷиратро ташаккул диҳанд. Ҳамаи ин, албатта барои пешбурди сиёсати самараноки муҳоҷират мусоидат хоҳад намуд.

**Адабиёт**


1. Агентство статистики при Президенте РТ. //Влияние миграции и денежных переводов на благосостояние и бедность домохозяйств в Таджикистане (результаты выборочного обследования)-Август 2010. www.stni.ti/public4ition/surve_vs-.
2. Асмус Т.А. Демография (конспект лекций) / Т.А. Асмус, А.В. Коваленко Томск: ТПУ, 2000. – 53 с. С. 35-36.
3. Белый дом: легализация иммигрантов добавит ВВП США $1,4 трлн за 10 лет. -URL: http://ria.ru/world/20130814/956120478.html, свободный.
4. Бреева Е.Б. Основы демографии: Учебное пособие /Е.Б. Бреева. - М.: Дашков и К°, 2005. - С. 132.
5. [1]Верещагина А.В. Демография. Учебное пособие /А.В. Верещагина. - М.: Дашков и К°, 2011. - 256 с.
6. Г. Витковская, Мировой опыт миграционной политики: ретроперспектива и новейшие тенденции, Москва-Алматы, 2004.
7. Демографический ежегодник Республики Таджикистан, 2014. С. 218-219
8. Доклад о человеческом развитии в Центральной Азии, ПРООН, 2005, с.159-188. http://europeandcis.undp.org/index.cfm?wspc=CAHDR2005_ru)
9. Закон Республики Таджикистан «О миграции», 11 декабря 1999 года, №881, с дополнениями и изменениями 10 мая 2002 года, №30.
10. Закон Республики Таджикистан «О миграции», №881, от 11.12.1999, Маджлиси Оли РТ и о внесении изменений и дополнении к Закону РТ «О миграции», №3 I. от 10.05.2002 г. Закон РТ
11. Закон Республики Таджикистан «О правовом положении иностранных граждан в Республике Таджикистан», 1998 г.
12. Зотова Н.А. Трудовая миграция из Таджикистана. http://www.ia-centr.ru/public_details.php?id=91
13. И. В. Ивахнюк Международная трудовая миграция МГУ. М-2005 ст-235-236.

14. Из отчетов Миграционной службы при Правительстве Республики Таджикистан, 2010 год.
15. Ионцев В. А., Денисенко Б. А., Хореев Б. С. Миграциология. – МГУ, 1989. – С. 4-10.
16. Источник: Центр новостей ООН, от 29. 11. 2010 года.
17. Источник: Центр новостей ООН, от 29. 11. 2010 года.
18. Киршин И.А. Неоиндустриализация как стратегия современного экономического роста //Экономический вестник Республики Татарстан. - 2013 . - № 3. - С. 5 - 10.
19. Концепция государственной миграционной политики Республики Таджикистан, 1998 г.
20. Концепция трудовой миграции граждан Республики Таджикистан за границу, 2001 г.
21. Концепция трудовой миграции граждан Республики Таджикистан за границу, 2001 г.
22. Концепция трудовой миграции граждан Республики Таджикистан за границу, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 9 июня 2001 года, № 242.
23. Международная Конвенция о защите прав всех трудящихся мигрантов и членов их семей, 1991 год.
24. Миграционной службы Министерства труда, миграции и занятости населения Таджикистана (http://www.news.tj/ru/news/fms-v-rossii-bolshe-vsego-migrantov-iz-uzbekistana-i-tadzhikistana)
25. Миграция населения РТ за 2000-2005 годы... (Данные Государственный комитет статистики РТ для служебный пользований) июнь 2006. –С. 4
26. Отлучение детей от образования в семьях, где есть трудовые мигранты, широкое Распространение использования детского труда
27. Отчет МВФза 2005 г., www.imf.org
28. Комилов, А. К. Равандҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ: назария ва Амалия / А. К. Комилов, К. С. Одинаев. – Душанбе : Контраст, 2019. – 162 с. – ISBN 978-99975-77-09-2. – EDN TZNRRX.

29. Одинаев, К. С. Взаимосвязь денежных переводов мигрантов и устойчивого развития экономики / К. С. Одинаев, А. К. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 4. – С. 90-96. – EDN XZINJR.
30. Одинаев, К. С. Влияние денежных переводов трудовых мигрантов на экономики страны / К. С. Одинаев, А. Н. Нурализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 2. – С. 72-76. – EDN XPAVXN.
31. Одинаев, К. С. Развитие внутренних денежных вариантов и включение в национальную экономику / К. С. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/9. – С. 193-196. – EDN YVILWV.
32. Одинаев, К. С. Влияние возвратившихся мигрантов на экономику страны / К. С. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/6. – С. 65-68. – EDN YNLYNK.
33. Одинаев, К. С. Денежные переводы трудовых мигрантов и их роль в повышении уровня жизни населения / К. С. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/4(169). – С. 76-79. – EDN UNJPBL.
34. Одинаев, К. С. Особенности трудовой миграции в Республике Таджикистан / К. С. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/3(165). – С. 51-55. – EDN UNJJXF.
35. Плисецкий Е.Л. Современные миграционные процессы в России /Е.Л. Плисецкий.
36. Подробно: vvww.stat.ti: Индекс потребительских цен 2002-2008

37. Положение на рынке труда в Республике Таджикистан (по результатам обследования рабочей силы июнь-июль 2009 года), Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Регионы Таджикистана2017г. стр.36.
38. Положение на рынке труда в Республике Таджикистан (по результатам обследования рабочей силы июнь-июль 2009 года), Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан.
39. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 31 января 2006 года «Об утверждении Программы внешней трудовой миграции граждан Республики Таджикистан на 2006 – 2010 годы».
40. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 4 октября 2011 года, №460 «Об утверждении национальной стратегии трудовой.
41. Права человека. Права трудящихся-мигрантов. Фактологический бюллетень № 24. Всемирная кампания за права человека. ООН. –Женева, 1997, август. – С.33.:
42. Пулатов, П.А., Бабаджанов, Р.М. Проблемы трудовой миграции и пути их решения /П.А. Пулатов, Р.М. Бабаджанов, //Тез. докл. респ. науч.-практ. конф. Душанбе, 26-27 октября 2006 г. – Душанбе: Изд-во «Ирфон», 2006. – 232 с.
43. Пулатов, П.А., Бабаджанов, Р.М. Проблемы трудовой миграции и пути их решения /П.А. Пулатов, Р.М. Бабаджанов, //Тез. докл. респ. науч.-практ. конф. Душанбе, 26-27 октября 2006 г. – Душанбе: Изд-во «Ирфон», 2006. – 232 с.
44. Рыбаковский Л.Л. (2001 г.) Миграция населения. Три стадии миграционного процесса., www.i-iirii/bihlio/archive/mi"racia-'2.aspx.
45. Рыбаковский Л.Л. Миграция населения: прогнозы, факторы, политика / Л.Л. Рыбаковский. – М.: Наука, 2009. – С. 26.
46. РыбаковскийЛ.Л.Миграция населения. – Москва, 2001. -С. 18.
47. Сборник нормативно-правовых документов Республики Таджикистан в сфере миграции населения. Душанбе, 2006. - С.193.

48. Синои, А. Зависимость устойчивости национальной валюты от индекса цен, инфляции и других макроэкономических показателей / А. Синои, Р. Б. Холматов, К. С. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 2. – С. 161-165. – EDN UQKMXG.
49. См. напр.: SchultsT. W. Investing in Human Capital. – N.Y., 1971; Investing in people.-Los-Angeles, 1981. – P. 111; КиреевА. П. Международнаяэкономикав 2-хтомах– Ч. 1.Международная микроэкономика. М., 1998. – 416 с.; Ломакин В. К. Мировая экономика: Учебник для вузов - М., 1998. - 727 с. и др.
50. См. напр.: Миграция населения. Вып.2. миграция в России /Под общей ред. О.Д. Воробьевой. – М., 2001. – С. 5; Права человека. Права трудящихся-мигрантов… С. 35.
51. Т. Ачакосо. Долгосрочная перспектива по усилению миграционных процессов в Таджикистане и Киргизии со всеми вытекающими из этого последствиями для Российской Федерации. 2006 год.
52. Тамже.
53. Трудовая миграция: информационно – аналитическое обеспечение миграционных процессов в Республике Таджикистан, Материалы Круглого стола, МОМ, Душанбе, 2007, стр.65.
54. Увеличивается параллельно с увеличением числа трудовых мигрантов.
55. Указ Президента Республики Таджикистан от 21 января 2011 года, №1014 «Об образовании Миграционной службы при Правительстве Республики Таджикистан».
56. Указ Президента Республики Таджикистан от 21 января 2011 года, №1014.
57. Умаров Х., Ульмасов Р. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане (причины, проблемы, последствия регулирование). Душанбе 2006.- С-29-3
58. Шарипов, Ш. Р. Инвестиции и их значение для развития экономики регионов республики Таджикистан / Ш. Р. Шарипов // Известия Академии

наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2019. – № 1(254). – С. 94-98. – EDN TMFBEU.
59. Шарипов, Ш. Р. Вопросы по улучшению инвестиционного климата в регионах Республики Таджикистан / Ш. Р. Шарипов // Экономика Таджикистана. – 2018. – № 2. – С. 22-25. – EDN VGATRR.
60. Шарипов, Ш. Р. К вопросу о перспективах привлечения иностранных инвестиций в Республику Таджикистан / Ш. Р. Шарипов // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2017. – № 3(59). – С. 155-160. – EDN ZXJBKL.
61. Шарипов, Ш. Р. Анализ особенностей инвестиционного климата в регионах республики Таджикистан на современном этапе / Ш. Р. Шарипов // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2017. – № 4(60). – С. 196-202. – EDN YQUJBB.
62. Эмиграция из стран с переходной экономикой. http:// www. polit. ru / docs/ 623267. html.
63. Adlia.tj
64. Africa's new Number One.Economist.Apr 12th, 2014. pp 56-58.
65. Azam J.P., Gilbert I .. (2004), "Those in Kayes: The Impact ot Remittances on their Recipients in Africa," IDE! Working Papers 308.Institutd'EconomieIndustrielle (IDEI), Toulouse. 'http:ideas.repec.org/e/pgu103.html.
66. Barajas A., Chami R., Fullenkamp C/, GapenM. and MontielP..Do Workers' Remittances Promote Economic Growth? IMF Working Paper.2009. International Monetary Fund.
67. Bauer T., Zimmermann K. Causes of International Migration: A Survey // Crossing Borders: Regional and Urban Perspectives on International Migration / Ed. by P. Gorter, P. Nijkamp, J. Poot. Aldershot :Ashgate, 1998. Pp. 95–127.
68. Bauer T., Zimmermann K. Causes of International Migration: A Survey // Crossing Borders: Regional and Urban Perspectives on International Migration / Ed. by P. Gorter, P. Nijkamp, J. Poot. Aldershot :Ashgate, 1998. pp. 95–127.

69. Bhagwati J. ed. TaxingtheBrainDrain: a Proposal.-Vol. 1-2. - Amsterdam, 1976. – P. 56.
70. Bogue D.J. (1969)- Principles of demography. Publisher New York (Especially chapter)
71. Borjas G. J. Economic Theory and International Migration. International Migration Review, Vol. 23, No. 3.
72. Castles S., Miller M. J. The Age of Migration.Houndmills, Basingstoke, Hampshire and London: MacMillan Pres ltd. 2003.
73. CastlesS, MillerMJ. The Age of Migration.Houndmills, Basingstoke, Hampshire and London: MacMillan Pres ltd. 2003.
74. Chami R., Connel F., Samir.!., 2003. .Are Immigrant Remittance Flows a Source of Capital for Development?, IMF Working Paper 03/189.
75. De Haas, Hein: Migration and Development: A Theoretical Perspective, Bielefeld: COMCAD, 2007 (Working Papers – Center on Migration, Citizenship and Development; 29)
76. Fayissa B., Nsiah C. The Impact of Remittances on Economic Growth and Development in Africa. - The American Economist, 2010. - P. 95.
77. Frank AG. 1966a. The Development of Underdevelopment. Monthtly Review September 1966
78. George, P. (1970). Types of migration of population according to the professional and social composition of migrants, in Jansen, C. J. (ed.) Readings in the sociology of migration, pp. 39-47. Oxford.
79. Giuliano P. and Ruiz-ArranzM. 2005., "Remittances, Financial Development, and Growth" Working Papers.
80. Hansen, N. (1979): A review and evaluation of attempts to direct migrants to smaller and intermediate- size cities paper presented at UN/UNFPA Workshop on Population Distribution Policies in Development f Planning, Bangkok, 4-13 September.
81. Harris J. R., Todaro M. P. Migration, unemployment and development: two sector analysis. American Economic Review, v. 15, p. 126-142, Mar. 1970. p. 138.

82. Harris J.R., Todaro M.P. Migration, unemployment and development: A two-sector analysis. American Economic Review, 1970, 60:126-42. Lewis W.A. Economic Development with Unlimited Supplies of Labour. Manchester School of Economic and Social Studies, 1954, 22:139-91. Schiff M. How Trade, Aid, and Remittances Affect International Migration. Washington: World Bank, International Economics Department, 1994.
83. Ibid
84. International Labour Organization, n.d. Factors on Labour Migration. - URL: http://www.ilo.org/wcmsp5/groups/public/---dgreports/---dcomm/documents/publication/wcms_067570.pdf, свободный
85. International Migration and the Millennium Development Goals, SelectedPapers of UNFPA Expert Group Meeting. 2005. - URL: http://www.unfpa.org/webdav/site/global/shared/documents/publications/2005/migration_report_2005.pdf, свободный
86. Jennissen R. Causality Chains in the International Migration Systems Approach. Population Research and Policy Review 26(4). 2007.P.411–36.
87. Jennissen R. Causality Chains in the International Migration Systems Approach."Population Research and Policy Review. - 2007. - 26(4). 411 – 36.
88. Kosinski and R.MansellProthero, 1975 “People on the move” p-24
89. Kosinski& R. ManselProthero, 1975 "People on the move". 'Studies on internal migration', edited by I J.eszek A- By Methuen & Co Ltd. London, p-9
90. Kremer M. Population Growth and Technological Change: One Million B.C. to 1990 // Quarterly Journal of Economics. – 1993. - Vol. CVIII. Issue 3 (August). - P. 681-716.Rosenzweig M. R. Population Growth and Human Capital Investments: Theory and Evidence // Journal of Political Economy. – 1990. - Vol. 98, № 5, Part 2 (October 1990). – P. S38-S70.
91. Lee E.S. (1996). A theory of migration. Demography.3, p.p. 47-57
92. Lewis A.W.Economic Development with Unlimited Supplies of Labor. Manchester School of Economic and Social Studies, 1954, 22, (May): 139-191. Solow R.A Contribution to the Theory of Economic Growth,” Quarterly

Journal of Economics, 1956, 70(February): 65-94. Chenery H. B. and A. Strout.Foreign Assistance and Economic Development. American Economic Review, 1966, 56 (September):679-733. Denison E. F. Why Growth Rates Differ: Post-War Experience for Nine Western Countries, Washington: DC. 1967. Myrdal G. Asian Drama: An Inquiry into the Poverty of Nations, (New York: Twentieth Century Fund). 1968. Harris J. R. M. Todaro. Migration, Employment, and Development: A Two-Sector Analysis, American Economic Review, 1970, 60 (March):126-142.

93. Lewis W.A. Economic Development With Unlimited Supplies of Labour // The Manchester School of Economic and Social Studies. - 1976. - Vol. 22. - May. - pp. 34-53.

94. Lewis, W. Arthur.Economic Development with Unlimited Supplies of Labour," Manchester School, 1954, 22: 139-191.

95. Mabogunje, A.L. (1970). Systems approach to a theory of urban – rural migration. Pp. 1-18

96. Mangalam, J. J. (1968). Human migration: a guide to migration literature in English 1955-1962. Lexington.

97. Mangalam, J. J. (I%8). Human migration: a suide to migration literature in linalish 1955-1962. KgLexington., p. 8.

98. Massey DS, Arango J, Hugo G, Kouaouci A, Pellegrino A, Taylor JE. 1998. Worlds in motion: Understanding international migration at the end of the millennium. Oxford: Clarendon Press. - P. 36.

99. Michael A. Clemens and David McKenzie. Why Don't Remittances Appear to Affect Growth?Center for Global Development. Working Paper 366, May 2014

100. Migration and Remittances Data. September 24, 2015. - URL: http://www.worldbank.org/en/topic/migrationremittancesdiasporaissues/brief/migration-remittances-data, свободный. Developing Countries to Receive Over $410 Billion in Remittances in 2013, Says World Bank. October 2, 2013.- URL:http://www.worldbank.org/en/news/press-release/2013/10/02/developing-countries-remittances-2013-world-bank, свободный.

101. Migration and Remittances Data.Annual Remittances Data (updated as of Oct. 2016).URL: http://www.worldbank.org/en/topic/migrationremittancesdiasporaissues/brief/migration-remittances-data, свободный.

102. Migration and Remittances Data.Annual Remittances Data (updated as of Oct. 2016).URL: http://www.worldbank.org/en/topic/migrationremittancesdiasporaissues/brief/migration-remittances-data, свободный

103. Migration and Remittances.Factbook 2016. - URL: http://www.worldbank.org/en/research/brief/migration-and-remittances, свободный.

104. Migration and Remittances: Гор 10, 2005, the World Bank.

105. Mundaca G., Giuliano P., Ruiz-Arranz M„ 2005, "Can Remittances Enhance Economic Growth? TheRoleofFinancialMarketDevelopment" - papers.ssrn.com

106. Oberai A. S. 1983. "State Policies and Internal Migration", STUDIES IN MARKET AND PLANNED ECONOMIES. Chapter 2 By A.S. Oberai, p. 1 l.C'room Helm. London &Canberra. ST. MARTIN'S PRESS, New York)

107. Orozco (2005)

108. Owens E. The Future of Freedom in the Developing World, Pergamon Press. 1977.Sen A., Development as Freedom, Alfred Knopf Publisher (New York: NY). 1999.

109. Petersen, W. (1958).A general typology of migration.Am Social. Pp. 256-26

110. Ravenstein, E.G. (1885).The laws of migration. J. Roy. Stat. Soc. 48, pp.167- 227. Reprinted in the Jiobbs-Merril reprint series No.S-482.

111. Remittance Prices Worldwide, Issue No. 9 – March 2014.

112. Russia’s rouble crisis poses threat to nine countries relying on remittances. - URL: http://www.theguardian.com/world/2015/jan/18/russia-rouble-threat-nine-countries-remittances, свободный.

113. Sassen S. The Mobility of Labor and Capital: A study in international investment and labor flow. Cambridge: Cambridge University Press, 1988.
114. Simmons, A.B. (1979): "Slowing metropolitan city growth in Asia: policies, programs, and results", in Population and development Review (New York) March - pp. 99-100.
115. Simmons, Л.В. (1979): "Slowing metropolitan city growth in Asia: policies, programs, and results", in Population and development Review (New York) March - p. 98.
116. SimonS. 1980
117. Solimano A. 2003, Workers remittances to the Andean Region: mechanisms, costs and development impact - Santiago: UN-ECLAC. Mimeo.
118. Stohr, W. (1979): Evaluation of some arguments against government intervention to influence territorial population distribution, paper presented at UN UNFPA Workshop on Population Distribution Policies in Development Planning, Bangkok, 4-13 September
119. Taylor J.E. 1999.The new economics of labour migration and the role of remittances in the migration process. International Migration 37:63-88
Todaro M.P. A Model of Labor Migration and Urban Employment in Less-Developed Country //American Economic Review. - 1969. - Vol. -59. - № 1.
120. Todaro M.P. A model of labor migration and urban unemployment in less-developed countries.American Economic Review 59. 1969. - P. 147.
121. Todaro M.P., Maruszko L. Illegal migration and US immigration reform: A conceptual framework. Populationanddevelopmentreview, 1987, 13:101-14
122. United Nations, 2003, Monterrey Consensus on Financing for Development (New York: United Nations Department of Economic and Social Affairs, Financing forDevelopment Office), P. 9.
123. Wakayama, Y. (2011). Can remittances be the source of GDP growth in developing countries? (BachelorThesis).Tokyo University of Foreign Studies. - URL: http://www.tufs.ac.jp/insidetufs/kyoumu/doc/yusyu22_wakayama.pdf, свободный.

124. Wallerstein I. 1974. The Modern World System I, Capitalist Agriculture and the Origins of theEuropean World Economy in the Sixteenth Century. New York: Academic Press

125. Weinberg, A. A. (1961). Migration and belonging: a study of mental health and personal Adjustment in Israel. The Hague., pp. 265-6.

126. Wolpert, J. (1965,1966, 1967). Distance and directional bias in inter urban migratory streams.

127. World Bank.World Development Indicators. - URL: http://data.worldbank.org/data-catalog/world-development-indicators, свободный

128. World Development Indicators and World Bank Development Prospects Group. - URL: URL: http://data.worldbank.org/data-catalog/world-development-indicators, свободный

129. Агентство статистики при Президенте РТ. //Влияние миграции и денежных переводов на благосостояние и бедность домохозяйств в Таджикистане (результаты выборочного обследования) - Август 2010, vvww.stat.tj/puhliiation/surveys/.